**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА
МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

*Ба ифтихори 2500-солагии
шаҳраки бостонии Тахти Сангин*

# ШАҲРИСТОНИ ТАХТИ САНГИН ВА ШАҲРАКИ ОЙХОНУМ

**ДУШАНБЕ
2023**

ББК
УДК

*Зери назари* академик ***Фарҳод РАҲИМӢ***
*Муҳаррири масъул* доктори илмҳои таърих, профессор
***Убайдулло Насрулло***

**Шаҳристони Тахти Сангин ва шаҳраки Ойхонум (маҷмӯи мақолаҳо). – Душанбе: “ Дониш”. – 186с.**

Маҷмӯаи мазкур мақолаҳои ҷудогонаро доир ба ёдгориҳои нодири таърихи халқи тоҷик - шаҳристони Тахти Сангин ва шаҳраки Ойхонум дар бар мегирад. Дар ибтидо ба сифати пешгуфтор доир ба таърихи давлати ориёии Бохтари Қадим ва умуман водии Вахшзонзамин дар аҳди қадим мақолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо номи “Рӯҳи ҷовидонаи Бохтар ва Вахши ҳаётбахш”, ки бо як ҳисси волои меҳанпарварона ва пур зи ифтихори миллӣ иншо гардидааст, интихоб шуд. Бахши боқимондаи маҷмӯаро таҳқиқоти олими шинохта, бостоншиноси машҳур Игор Пичикян доир ба шаҳристони Тахти Сангин ва шаҳраки Ойхонум ташкил медиҳанд.

Маҷмӯа ба ифтихори воридшавии таҷлили 2500-солагии Тахти Сангин ба рӯйхати бузургдошти ЮНЕСКО дар солҳои 2022-2023 омода гардида, барои хонандаи тоҷик маълумоти пурра доир ба таърихи омӯзиш ва таҳқиқи ин ду ёдгорӣ, мақом ва нақши онҳо дар таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи халқи тоҷик, корҳои бостоншиносӣ, осори ба даст омада, аз ҷумла «Хазинаи Амударё», маъбади Окс, ҳунари шаҳрсозию шаҳрдорӣ, рушди фарҳанг, санъат ва амсоли онро пешкаш менамояд. Тахти Сангин мутааллиқ ба асрҳои IV пеш аз милод - III милодӣ ва Ойхонум ба асрҳои IV - I пеш аз милод мебошанд. Маводи мазкур ба забони тоҷикӣ бори аввал ба хонандагон пешниҳод мегардад.

Умедворем, ки хонандагони муҳтарам ва дӯстдорони таърихи рангини халқи тоҷик аз ошнои бо ин маҷмӯа маълумоти зарурии худро пайдо менамоянд.

**ISBN 978-99985-0-434-9**

***© Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш***

## ДЕБОЧА

Таҷлили санаҳои муҳимми таърихӣ, баргузории ҷашни чеҳраҳои мондагори миллат ва шаҳрҳои бостонию ёдгориҳои нодири таърихӣ гувоҳи арҷгузорӣ ва эҳтирому ифтихор ба гузаштаву имрӯзаи миллати тамаддунофари тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ мебошанд. Аз ҷумла, ҷашнҳои пуршукӯҳи 1100-солагии Давлати Сомониён, 2700-солагии Авасто, Соли тамаддуни ориёӣ (соли 2006), 2500-солагии Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисор, ки ҳар яке бо шукӯҳи хосса доир гаштанд, дар худшиносии милливу таърихии ҷомеаи кишвар нақши муассир гузоштанд. Ба замми ин, ботантана таҷлил намудани 5500-солагии шаҳри Саразми бостонӣ, ки тибқи рӯйхати ҷашнвораҳои ҷаҳонии ЮНЕСКО дар солҳои 2020-2021 сентябри соли 2020 баргузор гардид, дастоварди дигаре дар роҳи таҳкими худшиносии таърихии ҷомеаи навини тоҷик аст. Дар охири соли 2021 ба Феҳристи ҷашнвораҳои ЮНЕСКО барои солҳои 2022-2023 шомил гардидани 2500 - солагии шаҳраки Тахти Сангин боз як падидаи фараҳбахши дигар дар ҳаёти ҷомеаи муосири кишвар маҳсуб меёбад. Воқеан дар доираи чорабиниҳои чунин ташкилоти бонуфузи ҷаҳонӣ таҷлили солгарди ин мавзеи таърихӣ гувоҳи он аст, ки Тахти Сангин дар инкишофи тамаддуни башарӣ нақши мондагор дорад.

Тахти Сангин, ки дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон, наздикии сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ҷойгир аст, аз нодиртарин ёдгориҳои замони тоисломии Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Омӯзиши ёдгорӣ ҳанӯз солҳои 70-уми асри гузашта бо кӯшиши Экспедитсияи бостоншиносии ҷануби Тоҷикистон таҳти роҳбарии Борис Анатолевич Литвинский оғоз ёфта буд. Баъдан, ба корҳои ҳафриётӣ бостоншиноси шинохта Игор Рубенович

Пичикян, аз соли 1998 А. Дружинина ва аз соли 2019 Т. Хӯҷагелдиев роҳбарӣ намуданд.

Бостоншиносон зимни корҳои ҳафриётӣ дар ин ёдгорӣ 3 қабати маданӣ пайдо намуданд, ки ҳар қабати он бозгӯйи давраҳои гуногуни давлатдорӣ ва таърихӣ мебошанд. Қабати қадимаи он ба асрҳои VI –V то милод рост меояд, сохтмони маъбади оташ ва дигар биноҳо ба асри IV то милод мансубанд, ки то асрҳои III - IV милодӣ тармиму таъмир ёфтаанд. Таваҷҷуҳи олимонро асосан маъбади оташ бо дарозӣ ва паҳноии 51х51 м., биноҳои истиқоматӣ, косибӣ ва амборҳо, толори сафеди мураббаъи андозааш 12х12 м., чор сутуни калони он, деворҳои баландиашон то 5 м., оташкадаҳо, муҷассама ва ашёи дигари шаҳристони Тахти Сангин, ки дар ҳолати хуб маҳфуз мондаанд, ба худ ҷалб кардааст.

Шумораи бозёфтҳои ин мавзеъ зиёда аз 12 ҳазор ашёро ташкил медиҳанд, ки онҳо дар Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ нигоҳ дошта мешаванд. Ин ашёҳо асосан аз тилло, нуқра, биринҷӣ, оҳан, оҷ (устухони фил), шиша, санг, гаҷ, гил мебошанд ва анвои гуногуни аслиҳаи ҷангӣ ба мисли найза, пайкон, шамшер, ханҷар, сипар, хӯд ва ғайра низ мавҷуданд, ки дар ҳолати хеле хуб маҳфуз мондаанд. Ба андешаи олимон дафинаи бебаҳои «Хазинаи Амударё», ки имрӯз дар осорхонаи марказии Лондон маҳфуз аст, аз ҳамин мавзеъ ёфт шудааст.

Корҳои бостоншиносӣ дар ин ёдгорӣ ҳоло ҳам идома доранд ва ҳар сол ду маротиба ба ин мавзеъ экспедитсияи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ фиристода мешавад. Аз ҳама бештар маъбади асосии ин шаҳр, ки бо номи маъбади

Окс машҳур аст, мавриди таҳқиқ қарор гирифта, худи шаҳристони Тахти Сангин то ба охир ҳоло омӯхта нашудааст. Соли 2023 низ дар мавзеъ корҳои ҳафриётӣ гузаронида шуда, ба ифтихори 2500-солагии Тахти Сангин ҳамоишҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла моҳи октябри соли равон Симпозиуми байналмилалии «Тахти Сангин - намоди омезиши тамаддуни Шарқу Ғарб» бо ҷалби мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ баргузор мегарданд.

Шаҳраки Ойхонум ба асрҳои V–I пеш аз милод мансуб буда, димнаи он дар шимолии Афғонистони кунунӣ, дар резишгоҳи дарёчаи Кӯкча, шохоби соҳили чапи дарёи Панҷ ҷойгир мебошад. Омӯзиши ин ёдгорӣ миёнаҳои солҳои 60-уми асри гузашта аз ҷониби бостоншиносони фаронсавӣ, аниқтараш Миссияи археологии Фаронса дар Афғонистон оғоз ёфта буд. Дар ибтидо ба корҳои ҳафриётӣ бостоншиносони шинохта Даниэл Шлюмберже ва Пол Бернар роҳбарӣ менамуданд.

Дар натиҷаи ҳафриёт маълум гардид, ки ҳудуди умумии шаҳр 1800×1600 метр буда, дорои ду арк, яке дар самти шимол ва дигаре дар самти ҷануби шарқӣ мебошад. Бо тахмини олимон Ойхонумро Искандари Мақдунӣ ва ё Селевк бунёд кардаанд. Бо тахмини дигар асосгузори Ойхонум шахсе бо номи Киниос мебошад, зеро дар ибтидои давраи эллинӣ одате буд, ки танҳо бунёдгузори шаҳрро дар дохили шаҳр дафн мекарданд. Мақбараи Киниос дар дохили шаҳр ёфт шуд ва номи ӯ дар катибаи бино зикр ёфтааст. Иморат аз пешайвони дусутуна ва гӯрхона иборат буда, дар болои таҳкурсии сезина бино ёфтааст. Ҷасади Киниос дар тобути сангӣ дафн шудааст. Мақбара ҳанӯз дар замони қадим ғорат гардида, аз ашёи он танҳо зарфҳои сангӣ ва гаҷии юнонӣ ёфт шуданд. Тарҳи шаҳр секунҷа мебошад ва аз тарафи сеюм бо девори ғафси

баландиаш 10 метра мустаҳкам шудааст. Девор ва бурҷҳои росткунҷаи он ду қатор тиркаш дорад ва девори шимолиро аз берун хандақи хушк иҳота кардааст. Биноҳои шаҳр дар асоси анъанаҳои маҳаллӣ асосан аз хишти хом ва похса бино ёфта, аз санг танҳо сутун, пояи он, болодарӣ сохта шудаанд. Биноҳоро бо гил андова мекарданд ва шояд ба рӯи он қолину намадҳо меандохтаанд, боми онҳоро низ ба таври маҳаллӣ ҳамвор месохтаанд. Дар ин ҷо низ осори зиёди ҳунармандӣ, асбобу анҷоми рӯзгор, боқимондаҳои маъбадҳо, манзили истиқоматӣ, сиккаҳо, муҷассамаву катибаҳои зиёд ва амсоли инҳо дарёфт гардиданд. Вале, мутаассифона дар ҳаводиси сиёсии Афғонистон пас аз соли 1978, рафтори ғоратгаронаи аҳолии маҳаллӣ ва “бостоншиносони” тасодуфӣ имрӯз ин ёдгории нодир дар ҳолати ниҳоят хароб қарор дорад.

Шаҳристони Тахти Сангин ва шаҳраки Ойхонум ду ёдгории нодири тоисломии таърихи халқи тоҷик буда, аз фарҳанги пешрафта ва ҳунари олии шаҳрсозии ниёгони тоҷик ҳанӯз пеш аз омадани юнону мақдуниҳо шаҳодат медиҳанд. Бо омадани юнону мақдуниҳо омезиши ду тамаддуни таърихӣ - тамаддуни Шарқ ва Ғарб ба вуқуъ омад, ки он дар адабиёти илмии таърихӣ бо унвони тамаддуни эллинӣ машҳур аст.

Бо мақсади ошно намудани хонандаи тоҷик бо таърихи ин ду ёдгории нодир, нақли қиссаи бозёфт ва рафти ҳафриёти он, лаззат бурдан аз ҳунари волои гузаштагон, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро тасхир намудааст, мо тасмим гирифтем, ки ба ифтихори 2500-солагии Тахти Сангин маҷмӯаи мазкурро ба дӯстдорони таърих манзур намоем.

Маҷмӯа асосан аз се бахш иборат аст. Бахши аввали онро мақолаи ҷолиби меҳанпарастона ва пур зи ифтихори миллии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои

миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо номи “Рӯҳи ҷовидонаи Бохтар ва Вахши ҳаётбахш” ташкил медиҳад. Ин мақола як руҷӯъи тоза, бардошти комилан нав аз таърихи фарҳанги аҷдодӣ, гузаштаи пурифтихор ва пур зи шебу фароз буда, хонандаро ба ҷаҳони андеша, дарки таърихи ниёкон ва нақшу манзалати гузаштагон дар тамаддуни инсонӣ ҳидоят менамояд. Зеро бо таъкиди Пешвои миллат сарзамини аҷдодии тоҷикон бо ёдгориҳои нодир ва “садҳо шаҳристону куҳандиз, қалъаву кӯшкҳои барҳаво, оташкадаву ибодатхонаҳо, корвонсарою растаҳои ҳунармандӣ” ва умуман “бо осори куҳану бозёфтҳои ҳайратангезаш бостоншиносони оламро шефтаву ҳайрон кардааст”.

Бахшҳои дигари маҷмӯа таҳқиқот ва таълифоти бостоншиноси шинохта Игор Рубенович Пичикян (1940-1997), ки соли 1991 бо унвони “Культура Бактрии. Очерки” (Москва:“Наука”) аз чоп баромада буд, дар тарҷумаи хонуми донишпарвар Сафаргул Ҳусайнова, сармутахассиси Маркази “Тоҷикшиносӣ”-и Китобхонаи миллии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Игор Пичикян аз соли 1976 ҳамчун корманди илмии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Россия ба ҳайати Экспедитсияи бостоншиносии ҷануби Тоҷикистон ҳамроҳ гардида, нахустин корҳои таҳқиқотии хешро аз ёдгории нодири Тахти Сангин оғоз намуд. Ӯ дар давоми 15 мавсими корҳои саҳроӣ (то соли 1991) бо ҳамроҳии ҳамтоёнаш пайваста дар омӯзишу таҳқиқи ин хазинаи таърихӣ буд. Дар ин муддат И. Пичикян бо сарварии устодаш Б.А. Литвинский бо бозёфтҳои нав, таҳқиқоти ҷолиб, силсилаи мақолаҳо ва монографияҳои алоҳида Тахти Сангинро ҳамчун ёдгории нодири тоисломӣ ба аҳли ҷаҳон муаррифӣ намуд. Яке аз консепсияҳои ҷолиби

пажуҳиши ин олими шинохта ба Тахти Сангин мансуб будани дафинаи машҳури “Хазинаи Амударё” мебошад.

Хонандаи муҳтарам аз таълифоти И. Пичикян доир ба таърихи Тахти Сангин, кашфи маъбади Омӯ ва сохтори он, ҳунари меъморӣ, санъати воло ва шарҳу тавзеҳи он, «Хазинаи Амударё», шаҳри Ойхонум, ҳунари шаҳрсозию шаҳрдорӣ, санъати рушдёфтаи ин шаҳр ва пайвастагии он ба Тахти Сангин метавонад маълумоти пурраро ба даст оварад. Ва мо, мураттибони ин маҷмӯа итминон дорем, ки хонандаи азиз дар ин кор муваффақ хоҳад гашт.

*Бо эҳтиром,*
*муҳаррири масъул Н.К. Убайдулло*

# I
# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН
# РӮҲИ ҶОВИДОНАИ БОХТАР ВА ВАХШИ ҲАЁТБАХШ[1]

Беш аз ҳафт сол аст, ки бо тақозои корҳои пешомада ва амри зарурат қариб ба ҳамаи гӯшаву канорҳои Тоҷикистон сафар мекунам, бо одамони гуногунпешаву гуногунсол ҳамсӯҳбат мешавам, ба гузаштаи дуру наздик ва пешомадҳои имрӯзу ояндаи мамлакат мароқ зоҳир мекунам. Ба куҷое наравам, ба кадом гӯшаи Тоҷикистони азиз қадам нагузорам, дар ҳар ваҷаб хоку ҳар санги роҳаш ман нақши гузаштаҳоро меҷӯям. Хуҷанди бостониву Қалъаи Темурмалик, Истаравшану Курушкадаи овозадор, Саразму Панҷакенти қадим, Тахти Сангину Кайқубодшоҳ, Шаҳритӯсу Айвач, Золи Зару Ҳулбук ва садҳо шаҳристону куҳандиз, қалъаву кӯшкҳои барҳаво, оташкадаву ибодатхонаҳо, корвонсарою растаҳои ҳунармандии сарзамини аҷдодии тоҷикон бо осори куҳану бозёфтҳои ҳайратангезаш бостоншиносони оламро шефтаву ҳайрон кардааст.

Дар тани хиштпораҳову похсадевори ин осори куҳан ман нақши суми аспи аҷнабиён, захми тиру шамшери ҷанговарони сафшикан, хокистари қасрҳои сӯхта ва шикастапораҳои девори кӯшкҳои муҳташамро мебинам. Аз дидани вайронаҳо беихтиёр корзори лашкарҳову шиҳаи аспон, ҷарангоси шамшеру бархӯрдани гурз, нолаи захмиёну тани олудаи хоку хуни шаҳидон, фиғони ятимону оҳу шевани занони бешавҳар пеши рӯям меоянд

[1] Мақолаи мазкур аз китоби Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб. – Душанбе: «Ирфон», 2009, саҳифаҳои 24-34 гирифта шудааст.

ва беихтиёр таърихи пурфоҷиаи миллати тоҷик маро ба андешаҳо водор месозад.

Хоросангҳои муҳташами Ватан бароям як манзараи ошнои табиат нестанд. Балки сангҳайкалҳоеанд, ки аз қисмати талхи миллати тоҷик қиссаҳо мегӯянд. Пайкараҳои сангини Чилдухтарон, тимсоли ҷонбозиҳои марду зани диёри куҳанбунёди мост, ки дар набарди аҷнабиён чун сипар роҳи душманро бастаанд. Оре, кӯҳҳои сарбаланди кишвар қалъаҳои дастнораси воқеианд, ки бобокалонҳои моро пушт ба пушт аз асорати душман наҷот додаанд.

Ҳатто рӯду дарёҳои хурду бузурги мо таърихи зиндаи кишваранд, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо убургоҳи лашкари кишваркушои Куруши Кабиру Дорои ҷаҳонгир, сипоҳиёни саворaву пиёдаи Искандари Мақдуниву урдуи селосои Ибни Қутайбаи золим, сарбозони ваҳшитабиати Чингизхони биёбонгард ва даҳҳо сарлашкарону соҳибсипоҳони хомтамаъ қарор гирифтаанд.

Рамзи Рустаму Сӯҳроб ва фоҷиаи талхи писаркушиҳо бароям ривоят нестанд. Ин сарнавишти халқи дур аз макру ҳила ва содданиҳоди мост, ин фоҷиаи модари фариштатимсоли тоҷик аст, ки то ҳанӯз дар ҳасрати фарзандони ҷавонмаргаш хун мегиряд. Ва бо ҳамон покизаманишию фурӯтанӣ бар қасди марги фоҷиабор умри миллатро ҷовидона медорад.

«Шоҳнома» достони ҳазорсолаи фаромӯшгашта нест, балки акси садои ниёгони мост, ки дар дилу дидаи халқи шоирпарвару шеърдӯсти тоҷик зиндааст. Гуфтори ноб, лафзи поку бегазанд, ҳусни калом ва нафосати сухани ин шоҳасари безаволро мардуми мо асрҳо пос доштаву пос медоранд. Баъзан, дар дурдасттарин гӯшаҳои Тоҷикистон, алалхусус дар шеваи гуфтору кирдори сокинони

баландкӯҳи Бадахшону Яғноб, Зарафшону Хатлон, Хуҷанду Истравшан, Ҳисору Қаротегин нишонаҳоеро мебинам, ки ба рӯҳу равон ва асолати тоҷиконаи мо басо созгор аст ва аз он бӯйи «Шоҳнома»-и безавол меояд.

Ман аз саҳифаҳои куҳани таърихи диёр, аз осори шаҳристонҳои вайронаву нимвайронаи сарзамини аҷдодӣ, аз миёни гарду чанги асрҳо нақши гузаштаро меҷӯям. Мехоҳам пораҳои шикастаро васл кунам, риштаҳои гусастаро бо ҳам бипайвандам, ҳақро аз ноҳақ, ростро аз дурӯғ ҷудо карда, аз сабақҳои таърих панде биомӯзам. Зеро таърих боинсофтарин ва одилтарин ҳакам аст, ҷумлаи неку бади гузаштаву имрӯзро дар мизони адли хеш бармекашад. Ва фарзандони халқу миллате, ки гузаштаашро фаромӯш кардааст ва хотираи таърихиашро пос намедорад, хоҳу нохоҳ аз ғояти кӯтоҳандешӣ ояндаашро низ инкор мекунад.

Воқеан, сарзамини аҷдодии тоҷиконро метавон осорхонаи ҷовидонаи таърих номид. Ва ин осорхона бароямон аз афтидану хестанҳо, сӯхтану сохтанҳо, шикастану пайвастанҳо ва чун мурғи самандар аз хоку хокистар эҳё шудану бори қисмат бар дӯш кашиданҳои миллати ҷонсахту сарбаланди тоҷик қиссаҳо мегӯяд. Ба қавли шоири тавонои тоҷик Мӯъмин Қаноат:

*Тоҷик зи роҳи ростӣ аввал заминро кишт кард,*
*Аз баҳри оташхонаҳо аз хоки модар хишт кард.*
*Кишти нахустинро дуруд, Яшти нахустинро суруд*
*Дар васфи Митро – меҳри пок,*
*Қонуни аввалро навишт дар исмати зояндахок,*
*Шаҳри наве бунёд кард, боғи наве обод кард.*
*Ҳар он чӣ будӣ дастрас, ӯ дар замин эҷод кард.*
*Як кас расиду ногаҳон гаҳвораи моро гирифт.*
*Як кас надида ҳарфро, «Қонун»-и Синоро гирифт...*

*Чун хоки ягмо шуд Замин, баҳри талоши як нигин*
*Сад қавми кӯтаҳостин, аз ҳар канору ҳар камин*
*Ҷо кард Балху Суғдро дар ҳалқаи ангуштарин.*
*Дунёи тоҷик танг шуд, маъвои тоҷик санг шуд,*
*Аз ҳам гусаста бандҳо, ҳар санг як авранг шуд.*
*Аз дасти ислому араб нури муққаддас нор шуд,*
*Оташ баромад аз саро сад шаҳр оташзор шуд.*
*Аз нури оташгоҳҳо Афросиёб оташ гирифт,*
*Тасвир дар девору дониш дар китоб оташ гирифт...*
*Қавми муғул ин шеваро бо тарзи нав такрор кард,*
*Ҳар ҷо баландии замонро бо замин ҳамвор кард.*
*Рӯҳи мадорои Хуҷанд – Темурмалики сарбаланд,*
*Лашкаршикан, занҷиркан, гардид худ занҷирбанд...*
*Аврангҳо, фарҳангҳо бо шаҳрҳо шудгор шуд,*
*Дониш нарӯяд аз Замин... Дониш нарӯяд аз Замин...*

Воқеан, дар мисраъҳои болоӣ муҳоботе нест ва аз сарнавишти миллати тоҷик метавон садҳо мисол овард, ки оташкадаву ибодатгоҳҳо, шаҳристону куҳандизҳо, қасру кӯшкҳои муҳташам, мулкҳои ободу шаҳрҳои подшоҳнишин ба боди фано ва фаромӯшӣ рафтаанд. Биёед чандон дур наравему бозёфтҳои хазинаи Амударёро ба ёд оварем, ки осори гаронбаҳою нотакрори он ақли муаррихону бостоншиносони бузурги оламро дар садсолаи охир тасхир намудааст.

Хазинаи Амударё як пораи таърихи фаромӯшгаштаи аҳди қадими тоҷикон буда, аз ҳазорсолаҳои дур ба мо паём овардааст. Дар бобати ин бозёфти муъҷизаангез ва нодири таърихӣ дар сар то сари олам садҳо гузоришу мақолаҳои илмӣ ва асарҳои тадқиқотӣ ба чоп расидаанд. Воқеан, ҳамаи мақолаву асарҳои чопшударо фаро гирифтан корест мушкил, вале як чиз мусаллам аст, ки муҳаққиқони бузургу шинохтаи ҷаҳонӣ аз ин бозёфти беқаринаи аср дар

ҳайрат монда, ба санъати нотакрор ва шоҳасарҳои беамсоли ниёгони мо – ҳунармандони бохтарии аҳди қадим, аҳсанҳо хондаанд.

Бозёфти хазинаи Амударё яке аз аҷибтарин ҳангомаҳои таърих аст, ки аз рӯзҳои нахустини пайдо шуданаш то кунун боиси фарзияву тахмин ва андешаронииҳои мухталиф гардидааст. Касе то ин дам аниқ намедонад, ки ин хазинаро аввал кӣ ва аз куҷо пайдо намудааст. Аз маълумоти то мо расида метавон хулоса намуд, ки ин ганҷинаро соли 1877 аз соҳили рости пастоби дарёи Омӯ дар ҳудуди резишгоҳи бо ҳам омехтану пайвастшавии дарёҳои Вахшу Панҷ деҳқонон ё сокинони таҳҷойи ин маҳалҳо пайдо кардаанд. Он вақтҳо мавзеи Қубодиён тахти васояти аморати Бухоро қарор дошт.

Ва тасодуфи таърихро бубинед, ки Вазиаддин, Шукуралӣ ва Ғуломмуҳаммад ном тоҷирони бухороӣ, ки худи ҳамон сол аз мавзеи Қубодиён ва убургоҳи дарё гузашта, ҷониби Ҳиндустон раҳсипор буданд, аз ҳангомаи ин бозёфт огоҳ шуда, онро бо нархи начандон гарон харидорӣ намуданд. Ҷойи аниқи ёфт шудани хазинаро сокинони маҳаллӣ хуб намедонистанд ё гуфтан намехостанд. Вале ҳаминаш яқин буд, ки ин хазинаи беҳамто начандон дуртар аз харобаҳои тахти Қубод, дар соҳили рости дарёи Омӯ ба даст омадааст. Ва шояд савдогарон низ аз рӯйи масали «шуши накд беҳ аз дунбаи нася» амал карда, аз ҷойи ёфт шудани хазина дида ба арзонтар харидани он бештар рағбат доштанд. Аз ҳамин ҷост, ки номи ганҷинаи ёфтшуда, бо номи Хазинаи Амударё шуҳрат ёфта, дар олами илм шӯру валвала ангехт.

Савдогарони бухороӣ ашёҳои нодиру гаронбаҳоро аз як кас хариданд ё аз якчанд кас, инаш ҳам чандон равшан нест. Вале ҳаминаш аниқ аст, ки тоҷирони кӯтоҳандеш

қариб ҳамаи тангаҳову ашёҳои тиллоӣ ва зеваролоти назаррабои хазинаи Амударёро дар анбонҳои чармӣ ҷой дода, роҳи бозори саррофону атиқафурӯшони билоди Ҳиндро пеш гирифтанд.

Бо гардиши қисмат дар роҳи сафар онҳоро бодиянишинони қабилаи гилзойи Афғонистон ғорат намуда, анбонҳои чармиро низ бо худ бурдаанд. Савдогарони оҷизу парешонҳол аз ғорат шудани ганҷинаи беамсол басо ошуфтаву андуҳгин гашта, аз капитани англис Ф. Бартон мададу пуштибонӣ меҷӯянд.

Сарнавишти минбаъдаи Хазинаи Омӯ аз рӯйи нақлҳои Бартон то мо расидааст. Мувофиқи шаҳодати Вазиаддин дар анбонҳои чармӣ ғайр аз тангаҳои тиллоӣ ва зеваролоти пурнақшу нигор, боз зарфҳои тиллоӣ, пайкараҳои хурди тиллоиву нуқрагин, муҷассамаҳои заррини буту санамҳо, гарданбанду дастпонаҳои пурнақши тиллоӣ маҳфуз будаанд. Аз ғояти раҳму шафқат бошад, ҳисси санъатдустӣ ё майли ба даст овардани мукофоти муносиби амал, афсари англис бо сардори дастаи роҳзанон гуфтугузор менамояд ва бозгардонидани ашёҳои хазинаро талаб мекунад.

Вай ҳатто ҳамроҳи сарбозони мусаллаҳ ба ғоре меравад, ки макони ниҳонии ин тороҷгарони бодиягард будааст. Роҳзанон қисми ашёҳои ба ғорат бурдаашонро бармегардонанд, вале тоҷирон аз афти кор, аз микдори моли бозгашта қаноатманд намегарданд.

Кор то ба ҷое мерасад, ки капитан Бартон чандин маротиба ба онҳо таҳдид намуда, роҳзанонро огоҳ месозад, ки дар сурати пурра барнагардонидани молу маводи рабуда ва иҷро накардани талабҳояш зану фарзандони яғмогаронро ба қатл хоҳад расонд. Дар натиҷа тороҷгарон боз қисме аз ғаниматҳои рабудаашонро бармегардонанд ва

то имрӯз маълум нест, ки аз осори Хазинаи Амударё дар дасти ин қавми яғмопешаи бодиягард чӣ маснуоти ороишӣ мондаву минбаъд онҳо куҷо шудаанд. Ҳар чӣ ҳам набошад, тоҷирони бухорӣ ба капитан Бартон барои пуштибониву шуҷоаташ дастпонаи тиллоиеро тақдим намуда, роҳи бозори қадимаи шаҳри Равалпиндиро (ҳоло дар Покистон воқеъ аст) пеш мегиранд. Баъди сарсониҳо оқибат бо мададу миёнаравии саррофони ҳинду ин ганҷинаи бебаҳои тамаддуни ниёгони тоҷик бо қимати начандон гароне ба дасти генерал-майори англис А. Каннингем, ходими музеи Британия О.У. Френкс ва директори роҳи оҳани Ҳиндустон А. Грант афтод.

Ҳамин тариқ, Хазинаи Амударё аз макони азалии хеш – поёноби дарёи Вахшу Панҷ, бо қофилаи савдогарони бухорӣ берун рафта, дар Ҳиндустон ба дасти мухлисони осори атиқа меафтад ва сипас зебу шукӯҳи музеи овозадори Британия мегардад. Яъне дертар қисми зиёди ашёҳои Хазинаи Амударёро О.У. Френкс харида, маҷмӯаи ин осори бебаҳоро соли 1896 ба музеи Британия васият менамояд.

Хазинаи Амударё – ёдгории беқаринаи сараҷдоди тоҷикон, тоҷи сари шоҳкориҳои санъати нафисаи Бохтари қадим, дурдонаи беназири осори тамаддуну давлатдории ниёгони мо аз даст ба даст гузаштаву ҳазорҳо фарсах роҳро ақиб гузошта, ниҳоят дар паноҳи деворҳои музеи Британия меосояд. Инак, бештар аз сад сол аст, ки ганҷинаи беназири тамаддуни бохтариҳо андаруни говсандуқҳо чун гавҳараки чашм ҳифз мегардад ва аз пушти шишаҳои пайконногузар ба тамошо гузошта мешавад. Ва мегӯянд, ки яке аз амалҳои писандидаи чандин хонадони бонуфуз ва ашрофзодаҳои англис тамошои осорхонаҳои Британия ва алалхусус Хазинаи

Амударё мебошад. Ҳарчи ҳам набошад, осори Хазинаи Амударё дар тӯли сад сол аз хоки Англия танҳо як бор берун рафтааст, он ҳам дар ҷавоби намоиши осори Тиллои Сибир дар Лондон ба хориҷа баромада, соли 1979 онро дар Эрмитажи давлатии Ленинград, осорхонаҳои Маскаву Киев ба намоиш гузоштаанду бас[2].

Дар ҷодаи илми бостоншиносӣ бори нахуст ба омӯхтани сиккаҳои тиллоӣ, муҷассамаҳои заррин ва зеваролоти Хазинаи Амударё яке аз харидорони воқеии он А. Каннингем пардохтааст. Ин марди сипоҳипеша, ки аз нозукиҳои санъати атиқа, илми сиккашиносӣ ва бозёфтҳои осори нафисаи аҳди қадим қадре огоҳӣ доштааст, ба тафсиру таснифи қариб якуним ҳазор сиккаҳои тиллоӣ ва саду ҳаштод адад маснуоти симину заррини осори Хазинаи Амударё машғул шуда, онҳоро ба замони подшоҳии Ҳахоманишиён, кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ ва даврони давлатдории Юнону Бохтар мансуб донист. Андешаҳои ӯ ҳарчанд аз ноқисиҳо холӣ набуд, вале қадами эътимодбахше дар соҳаи бостоншиносии аҳди бохтариён гардид.

Дертар дар ибтидои қарни XX донандаи осори атиқа ва санъатшиноси англис Далтон номгӯйи мукаммал ва тафсири маҷмӯаи ашёҳои ин ганҷинаро ба табъ расонда, онро «Хазинаи Амударё» ном гузошт. Маҷмӯаи ашёи «Хазинаи Амударё»-ро мансуби ганҷинаи ягонае донист, ки ҳамааш якҷоя ва дар як вақт ба даст омадааст. Вале ӯ дар айни замон ақидаеро пеш гузошт, ки маҷмӯаи осори

[2] Бо ҳидояти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори аввал соли 2021-2022, муддати се моҳ намунаҳои «Хазинаи Амударё» бо нигораҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол зери унвони «Тоҷикистон-кишвари дарёҳои тиллоӣ» дар Осорхонаи санъати осиёии Гимеи шаҳри Париж ба намоиши байналилалӣ гузошта шуд. (Муҳаррири масъул).

Хазинаи Амударё маҳсули дасти ҳунармандони сарзамини Осиёи Миёна набуда, ба ин ҷо дар аҳди Ҳахоманишиён аз Эрон интиқол ёфтааст. Ақидаи Далтон минбаъд тарафдорону мухолифони зиёд пайдо карда, дар натиҷаи таҳқиқотҳои нисбатан дертари соҳаи бостоншиносӣ ва ҳафриёти Қалъаи Мир ва Кайқубодшоҳ, ки бо сарварии бостоншиноси маъруф М.М. Дяконов сурат гирифта буд, ботил баромад.

Ҳарчанд Ф. Бартон ва А. Каннингем ба нақли тоҷирони бухороӣ такя карда, макони ёфт шудани хазинаро ба қисми шимолии соҳили рости дарёи Омӯ ва наздикии шаҳраки Тахти Қубод нисбат медоданд, вале далелҳои қавӣ оид ба ҷойи аниқи ин бозёфти ҳайратангези аср дастрас намешуданд.

Баҳсу мунозираҳо дар миёни олимон авҷ мегирифт, баъзеҳо тахмин мезаданд, ки ин хазинаро Искандари Мақдунӣ ҳангоми лашкаркашиҳояш аз чандин кишварҳо ғанимат гирифта, бо кадом як тасодуфе дар канораҳои дарёи Окс (Омӯ) аз даст додааст. Онҳо умумияти тасвироти сиккаҳои Хазинаи Амударё ва сиккаҳои юнониро мисол оварда, ҳамрангиҳои аҷиберо дар муҷассамаи худоён, ороиши зеваролот ва дигар ашёҳои нодири хазинаи дастрасшуда ва санъати атиқа пайдо мекарданд. Муҳаққиқони дигар ба тасвироти Катибаҳои Бесутуни аҳди Ҳахоманишиён такя намуда, умумияти пайкараҳои одамони чӯбчаи муқаддас, яъне барсамбардастро асос карда, ин бозёфтҳоро ба шоҳони аҳди Ҳахоманишиёни Форс нисбат медоданд.

Воқеан, дар Катибаҳои Бесутун манзараи ба ибодатгоҳ қурбонӣ овардани зиёратгарон муҷассам шудааст, ки онҳо барсам, яъне чӯбчаҳои санҷид, анор ва нахлро чун рамзи ибодату ниёиш дар даст доранд. Дар даҳҳо лавҳаҳои

тиллоии Хазинаи Амударё низ акси мардони химчабардаст сабт шудааст, ки ба осори Бесутун шабоҳати аҷибе доранд.

Муаррихоне низ буданд, ки тавқҳои тиллоии гардан, дастпонаҳои печони нӯгашон ба шакли сари ҳайвонҳои дарранда, паранда, мор, оҳу сохташударо ба бодиянишинони скифӣ ва сакоиҳои Осиёи Миёна нисбат медоданд ва меафзуданд, ки шояд ин хазина аз қазои таърих ба дасти ин қабилаҳои бодиягард афтодааст. Қисме аз бостоншиносон бар он буданд, ки бозёфтҳои Хазинаи Амударё, ки дорои буту санамҳои шабеҳи оини бутпарастист, ба давраҳои нисбатан дертар, аҳди давлатдории Кушониён мансуб аст.

Бояд афзуд, ки гарчанде сайёҳону афсарони ҳукумати подшоҳии рус (Н.А. Маев, Н.И. Покотило, Д.Н. Логофет) дар бораи харобаҳои Тахти Қубод, убургоҳи дарёи Омӯ ва боқимондаҳои қалъаи истеҳкомии Тахти Сангин, ҳамчунин ёфт шудани осори тиллоии аҳди куҳан ва ҷӯяндагони хазина дар ин мавзеъҳои нообод дар интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX маълумоти ҷолиб дода бошанд ҳам, таҳқиқоти бостоншиносӣ ва ҳафриёти бостоншиносии ҳудуди Хазинаи Амударё аз ҷониби бостоншиносони Иттиҳоди Шуравӣ қариб ним аср баъд сурат гирифт. Бори нахуст ба таҳқиқи харобаҳои таърихии ҳудуди Хазинаи Амударё ҳайати экспедитсияи бостоншиносии Осорхонаи тамаддуни Шарқ, ки солҳои 1926–1927 таҳти сарварии Б.П. Денике дар минтақаи Тирмиз кофтукови бостоншиносӣ мебурд, мароқ зоҳир намуд. Ва ниҳоят таҳқиқоти ҷиддии бостоншиносӣ ва ҳафриёти Хазинаи Амударё соли 1946 таҳти роҳбарии М.М. Дяконов дар харобаҳои шаҳристони Қалъаи Мир оғоз ёфт.

Қабатҳои болои ҳафриёти Қалъаи Мирро боқимондаҳои рӯзгори асрҳои XVIII–XIX фаро мегирифт.

Сипас танӯр ва зарфи сирдоре падид омад, ки ба асрҳои XV тааллуқ дошт. Ва оқибат ғайр аз баъзе ашёҳои ночиз қабати иморате оғоз ёфт, ки аз асрҳои II-I то милод сар карда, ба асри VI то милод тааллуқ дошт. Ин деворҳои димнаи хеле қадимае буд, ки 275х270 метр масоҳат дошта, аз куҳандиз, шаҳристон ва работ иборат будааст. Аз димна тангаҳои замони Ҳахоманишиён, Юнону Бохтариён ва даврҳои минбаъда, маснуоти зарфҳои сафолӣ, ашёҳои филизӣ, олоти сангини меҳнат ба даст омад. Алалхусус, се пайкони биринҷии ёфтшуда арзиши баланди илмӣ дошта, яке сегӯшаи аҳроммонанд, дигаре сепаҳлӯи мусаттаҳ ва сеюмӣ чаҳорпаҳлӯи нуггтез буд, ки ҳар кадом сӯрохи хадангмонӣ доштанд. Ин пайконҳо ба илми бостоншиносӣ маълум буда, дар асрҳои VII–VI то милод чун яроқи ҷангии скифҳои Осиёи Миёна, минтақаҳои Қафқоз ва Эрон шӯҳрат доштанд.

Аввалҳо ин гуна пайконро аз устухон, чӯб, чақмоқсанг месохтанд ва дертар ба биринҷӣ рӯ оварданд. Одатан ин пайконҳоро ба қабилаҳои ориёие нисбат медиҳанд, ки дар ҳудуди Осиёи Миёнаи кунунӣ ва Шимоли Афғонистон сукунат дошта, чун мардуми савораву пархошҷӯй шуҳрат ёфтаанд. Бозёфтҳои Қалъаи Мир як саҳифаи тозае гардид, ки дар мавзеъҳои Бохтари Қадим мавҷуд будани тамаддун ва дигар пешаҳои ҳунармандиро асоснок намуда, аз инкишофи санъати меъморӣ, иморатсозӣ, тарҳи мукаммали бунёди работу шаҳристонҳо шаҳодат медод.

Вале бояд иқрор кард, ки ин бозёфтҳо дар кушодани асрори Хазинаи Амударё сухани наве наафзуданд. Фақат он фарзияро тақвият бахшиданд, ки дар паҳноҳои рӯди Омӯ тоифаҳои ориёии тарзи зиндагии муқимидошта ба зироаткорӣ, косибӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат ва дигар пешаҳои рӯзгор машғул будаанд. Ва далелҳои тозае

дастрас гардиданд, ки то ташаккули империяи бузурги Ҳахоманишиёни Форс дар паҳнои рӯди Омӯ ва дигар марзҳои Бохтари Қадим осори тамаддун, фарҳанг ва давлатдорӣ падид омада будааст.

Бостоншиносон ноумед нашуданд ва ҷустуҷӯйи осори гумшудаи Хазинаи Амударё боз бо нерӯи нав идома ёфт. Ба ин андешаҳои бостоншиноси пухтакору дақиқсанҷ М.М. Дяконов, ки дар ҳисоботи экспедитсияи бостоншиносии солҳои 1950–1951 зикр гардидааст, мисол шуда метавонад: «Дар болооби Омӯ, дар ҷойи омезиши Вахшу Панҷ, дар соҳили рости дарёи Вахш ду шаҳраке воқеъ аст, ки яке аз онҳо қобили таҳқиқ нест. Шаҳраки дигар, ки Тахти Сангин ном дорад, зоҳиран харобаҳои қалъаи Утар аст, ки дар харитаи соли 1885 қайд шудааст. Ин шаҳрак росткунҷаи қалъадор буда, аз оҳаксанги суфта бино шудааст. Дар ҳудуди он дар чанд ҷой осори харобаи якчанд бино ҳувайдост. Ин харобаҳо низ деворҳои сангӣ доранд. Дар ҳудуди шаҳрак ҷузъи пойсутуну нақши девор инчунин қисми ҳайкалҳо ҳар ҷо парокандаанд. Дар як ҷой, тақрибан дар маркази шаҳрча танаи сутуни пардозёфтае аз оҳаксанг воқеъ аст. Тахмин кардан мумкин аст, ки ин харобаҳои ҳамон Мел аст, ки бинобар маълумоти сарчашмаҳо яке аз убургоҳҳои бузурги Омӯ ҳисоб меёфт. Роҳе, ки аз маркази Осиёи Миёна қад-қади соҳили рости Вахш тӯл мекашид, дар ҳудуди ин убургоҳ хотима меёфт. Қалъаи Тахти Қубод, ки бо Тахти Сангин якҷо буд, ҳудуди ин убургоҳро ҳифз мекард».[3]

Дар урфият бостоншиносонро беҳуда кашшофони таърих ва нахустмуҳаққиқони тамаддуни башарӣ

[3] Ниг.: Дьяконов М.М. У истоков древней культуры Таджикистана. – Сталинабад, 1956, – С. 69–70.

нагуфтаанд. Асрори Хазинаи Амударё ва кушодани паҳлӯҳои нави тамаддуни Бохтари Қадим ба бостоншиносон илҳоми тоза мебахшид.

Чанде нагузашта, солҳои 1950–1951 ҳайати бостоншиносии Қубодиён бо сарварии М.М. Дяконов дар харобаҳои шаҳристони Кайқубодшоҳ ва Тахти Қубод (дар ноҳияи Қубодиёни вилояти кунунии Хатлон) ба ҳафриёти бостоншиносӣ оғоз намуданд.

Шаҳристони Кайқубодшоҳ дорои боқимондаҳои девори валангори қалъае буд, ки ҳангоми ҳафриёт маълум шуд, паҳнии ин девор баъзан то чаҳор метр мерасад. Девори қалъаи Кайқубодшоҳ истеҳкоми мустаҳками дуқабатае буда, девори беруниашро нисбат ба девори дохилӣ ғафстару устувортар сохта буданд. Дар миёни ин деворaҳо фосилае ҷой дошт, ки баъзан ба 2,5 метр расида, чун гузаргоҳи болояш пӯшида ва роҳи бехатари рафтуои одамон хидмат мекард. Ҳангоми пеш омадани хатар ва ҳуҷуми душманон ин гузаргоҳи болопӯш ба маҳалҳо ва мавзеъҳои гуногуни шаҳристон роҳнамоӣ мекард. Шаҳристон шакли росткунҷа дошта, аз чор самти он чаҳор дарвозаи начандон бузурги устувор ба рӯйи роҳҳои калони дохилу хориҷи кишвар кушода мешуд. Дар болои деворҳои шаҳристон кунгураҳои қавӣ ва тиркашхои мувофиқ сохта буданд, ки аз баландӣ афкандани тирҳо ва боздоштани ҳамлаи душманонро хеле осон мекард. Истеҳкоми девораҳоро бурҷҳои мудофиавӣ ва дидбонӣ иҳота намуда, қудрати мудофиавии шаҳристони Кайқубодшоҳро меафзуданд.

Мувофиқи шаҳодати бостоншиносон девораҳои шаҳристони Кайқубодшоҳ ғайр аз 16 бурҷи кунҷӣ боз 11 бурҷи берунӣ ва 9 бурҷи дохилӣ дошт, ки ҳар кадоми онҳо аҳаммияти хосаи мудофиавӣ ва вазифаи муҳимми

стратегиро ба ҷо меоварданд. Дарвозаи шимолии шаҳр низ бо бурҷҳои иловагии дидбонӣ, ки берун аз шаҳр сохта шуда буданд, иҳота шуда, барои бехатарии шаҳристон ва рафтуои корвонҳо аз кишварҳои дуру наздик мусоидат менамуданд. Девор ва бурҷҳои шаҳристони Кайқубодшоҳ аз похса ва хишти хом бино ёфта, дар тӯли солҳои дароз чандин бор таъмир гардидааст.

Тартиби бунёди шаҳристони Кайқубодшоҳ, деворҳои устувори росткунҷа, таносуби миёни бурҷҳо ва ҷойгиршавии дарвозаҳо, шакли мавзуни иморат ва иншоотҳои шаҳр, тартибу низоми хосаи кӯчаҳо аз дараҷаи баланди санъати меъморӣ, инкишофи тамаддун, низоми хосаи давлатдорӣ ва шаҳрдории Бохтари Қадим шаҳодат медиҳанд.

Ҳангоми ҳафриёти харобаҳои Кайқубодшоҳ тангаҳои нуқрагину тиллоӣ, шикастапораҳои зарфиёти сафолин ва дигар ашёҳои рӯзгор ба даст омадаанд, ки бештарини онҳо ба давраи давлатдории Кушониён мансубанд. Бозёфти аз ҳама аҷиб ва ҳайратангез ҷоми бузурги тиллоиест, ки дар як рӯяи он шоҳи кушонӣ бо ҷавшани дарози ҷангӣ ва кулоҳи нӯгтез тасвир ёфта, дар рӯяи дигараш олиҳаи бараҳнае муҷассам гардидааст. Олиҳа дасти росташро сӯйи қурбонгоҳи ибодатхона ёзонида, сешохаи тездандоне бар дасти чап дорад ва дар таҳти сешоха ҷисми барзагов нақш баста. Навиштаҷоти «Охшо» бо хати юнонии аҳди Кушониён низ дар ҳамин рӯяи ҷом сабт шудааст, ки ба олиҳаи дарёи Вахш будани зан далолат мекунад. Вале ин ҷоми тиллоӣ ба давраҳои нисбатан дертари сарзамини Бохтар – аҳди Кушониён тааллуқ дошта, муаммои баъзе

маснуоти Хазинаи Амударёро, ки панҷ-шаш аср муқаддам офарида шуда буданд, кушода наметавонист.[1]

Дар пеши бостоншиносон боз ҳафриёти харобаҳои Тахти Қубод меистад, ки он дар соҳили рости Омӯ воқеъ буда, ба мавзеи ёфтшудаи Хазинаи Амударё, ки сарчашмаҳо тасвир мекарданд, шабоҳат дошт. Харобаҳои Тахти Қубод ба харобаҳои Кайқубодшоҳ зоҳиран шабоҳат дошта бошад ҳам, зимни ҳафриёт маълум гашт, ки он димнаи росткунҷаи начандон бузургест, ки аз куҳандиз ва бошишгоҳи начандон калони атрофи он иборат аст. Бостоншиносон аз харобаҳои Тахти Қубод маснуоти гуногуни сафолӣ, оташдонҳои кулолӣ, пойсутунҳои сангӣ ва дигар ашёҳо пайдо намуданд, ки ғолибан ба давраи атиқа мансубанд. Тахмину гумонҳои олимон дар бобати он, ки эҳтимол Хазинаи Амударё аз харобаҳои Тахти Қубод ёфт шуда бошад, натиҷаи дилхоҳ надоданд. Собит гардид, ки Тахти Қубод қалъаи мудофиавӣ буда, гузаргоҳи дарёи Омӯро аз ҳуҷуми аҷнабиён эмин медоштааст.

Оқибат ҳафриёти Тахти Сангин сурат гирифт, ки он панҷ километр дуртар аз Тахти Қубод дар мавзеи бо ҳам пайваст шудани дарёҳои Вахшу Панҷ ва оғоз ёфтани дарёи Омӯ воқеъ буд. Бояд гуфт, ки таҳқиқи начандон ҷиддии харобаҳои Тахти Сангинро аввал бостоншинос Б.П. Денике соли 1928 оғоз намуда, сипас онро М.М. Дяконов идома дод (солҳои 1950–1952) ва аз пайи онҳо А. Менделштам ба кофтукови археологӣ (соли 1956) пардохт. Аҷобати таърихро бубинед, ки ин се бостоншиноси маъруф солҳо дар дил орзӯи пайдо кардани нишоне аз

[1] Ниг.: Дьяконов М.М. У истоков древней культуры Таджикистана. – Сталинабад, 1956. – С. 57–64; Энциклопедияи советии тоҷик. –Душанбе, 1981. – Ҷ. 3. – С. 173.

Хазинаи Амударёро парварида бошанд ҳам, қисмати носозгор ин бахтро барояшон муяссар нагардонд.

Андешаҳои ҷасуронаи М.М. Дяконов дар бобати тамаддуни Бохтари Қадим, алалхусус макони Хазинаи Амударё пиндоштани харобаҳои Тахти Сангин ва пешомадҳои дурахшони ин ҳафриёт диққати бисёр бостоншиносони машҳури Осиёи Миёнаро ба худ кашид. Ба мавзеи харобаҳои Калъаи Мир, Кайқубодшоҳ, Тахти Қубод ва Тахти Сангин олимони забардасти соҳаи бостоншиносӣ Б.А. Литвинский, Е.В. Зеймал, Б.Я. Ставиский, Л.И. Албаум омада, ба илми бохтаршиносӣ саҳифаи тозае афзуданд.

Тақрибан баъди сад соли ёфт шудани Хазинаи Амударё олиҳаи илми бостоншиносӣ боз марҳамате намуда, ба бисёр манзараҳои торику ноаёни ин хазина равшанӣ андохт. Ҳафриёти бостоншиносии Тахти Сангин, ки соли 1976 сараввал таҳти сарварии Б.А. Литвинский оғоз ёфта, сипас бо роҳбарии бостоншинос И.Р. Пичикян идома ёфт, дар кушодан ва тафсиру таснифи бисёр муаммоҳои осори фарҳанг ва тамаддуну давлатдории аҳди Бохтари Қадим кӯмак намуд.

Ҳафриёти бостоншиносӣ нишон дод, ки Тахти Сангин бо ҳамроҳии Тахти Қубод як маҷмӯи истеҳкомоти пуриқтидор ва қалъабандии аҳди қадим буд, ки дар чорсӯи шоҳроҳи Ҳинду Чин ва Эрону Рум мақом дошта, гузаргоҳи обии дарёи Омӯ ва роҳҳои хушкигарди онро таҳти ҳимояту назорат қарор дода буд. Бунёди димнаи Тахти Сангин шаҳодат медиҳад, ки ниёгони тоҷикон дар санъати истеҳкомгузориву қалъасозӣ ба пояи баланди инкишоф расида, дастовардҳои меъмориву истеҳкомоти ҳарбиро бо ҳам хеле моҳирона омезиш додаву корбаст намудаанд.

Димнаи Тахти Сангинро аз ғарб кӯҳ, аз шарқ дарёи бузурги Омӯ ҳифз намуда, аз ҷануб ва шимол онро ду қатор девораи ғафсу мустаҳкам печонида буд. Дар фосилаи байни деворҳои шимолӣ ва ҷанубӣ, бошишгоҳи низомиёну посбонони қалъа, қатори корвонсаройҳову кӯшкҳои тоҷирон, растаҳои ҳунармандону иқоматгоҳи косибон ва дигар иморатҳои хурду бузурги дорои тарҳи хосаи меъморӣ ҷойгир буданд.

Куҳандизи бузурги росткунҷае дар миёнаҷои димна қомат афрохта буд, ки тӯли он 237 метр ва арзаш 165 метр меомад. Куҳандиз бо деворҳои сангини ғафсияш 2 метр, бурҷҳои дидбонии баландияш 8 метр ва хандақҳои умқаш 3 метр иҳота шуда буд, ки аз рӯйи анъанаи истеҳкомсозии бохтариён шакли росткунҷа дошт.

Бозёфти аз ҳама аҷибе, ки дар илми бостоншиносӣ шӯру валвала ангехта, ба бисёр муаммоҳои Хазинаи Амударё равшанӣ андохт, маъбади бузурге буд, ки ба шарафи худои рӯди Вахшу Омӯ – Охшо бунёд шуда буд. Воқеан, ин маъбад дар ҷойи назаррабои бо ҳам як шудани ду рӯди калон – Вахшу Панҷ ва оғоз ёфтани дарёи бузурги Омӯ бунёд гардида буд. Дар миёнаҷои маъбади Охшо толори бузурги мураббаъшакле воқеъ буд, ки масоҳаташ 144 метри мураббаъро ташкил медод. Атрофи толорро долонҳои хуштарҳ иҳота мекарданд, ки аз афташ мақомгоҳи зиёратгарону коҳинони ибодатхонаро адо мекарданд. Болорҳои сақфи толор бар чаҳор сутуни сангӣ устувор буда, шукӯҳу шаҳомати ибодатхонаро меафзуданд. Ба толор ва долонҳо аз се самт се дар гузошта буданд, ки зиёратгарону назркунандагон тавассути ин дарҳо ба толору долонҳо ворид мешуданд.

Тафсилоти ибодатхона ва ҷузъиёти меъмории толорро ба бостоншиносон вогузор намуда, ҳаминро меафзоем, ки

миёни бозёфтҳои бостоншиносии Тахти Сангин ва Хазинаи Амударё як шабоҳату умумияти ҳайратангезе мушоҳида мегардад. Муҷассамаҳои гаҷиву гилӣ, миқдори зиёди ашёҳои оҷӣ, беш аз 3 ҳазор пайконҳои оҳанӣ ва адади зиёди пайконҳои биринҷӣ, ханҷарҳои таҳҷойи акинак ва ғилофҳои мусаввар, меҳробҳои хурду бузурги муҷассамкорӣ, тангаҳову пулакчаҳои заррин ва дигар ашёҳо далелҳои раднашавандае мебошанд, ки макони ҳақиқии Хазинаи Амударё маҳз ҳамин маъбаду толори бошукӯҳи Тахти Сангин будааст. Шубҳае нест, ки Хазинаи Амударё ва дигар осори қадимаи маъбади Охшо дар тӯли ҳангомаҳои ҳазорсолаи таърих ба ғорат рафта, ҳиссаи хеле ночизи он то замони мо расидааст, ки бозёфтҳои болоӣ мансуби он аст.

Аз сарчашмаҳои қадима, алалхусус, аз китоби муқаддаси «Авасто» бармеояд, ки рӯди Вахш ва Омӯ барои қавмҳои ориёӣ рӯди муқаддас буда, ба олиҳаи он Охшо, ҳамчунин олиҳаи обу ободонӣ ва фаровонӣ Аноҳито бохтариёну суғдиён ва хоразмиҳо саҷда меовардаанд. Зеро рӯди Вахш рӯди муқаддасу ҳаётбахш буда, дар паҳнои Ориёнвайҷ заминҳоро шодоб мегардонд, ба одамон ризқу рӯзӣ мебахшид ва чаҳорпоёнро аз гиёҳу алафҳои сабз баҳравар менамуд.

Истилоҳи «вахш» дар форсии қадим маънои «каломи гуфташударо» дорад, ки ҳамсанги таъбири муноҷот, дуо ва ниёиш кардан аст. Дар забони суғдӣ низ ҳаммаънои таъбири «сухан, гуфтор» будааст. Яъне дар ҳаққи олиҳаи дарёи ҳаётбахш ва ризқофаранда – Охшо муноҷоту ниёиш карданро ифода мекунад. Дар сарчашмаҳои ҳиндӣ калимаи «вахшу» номи Амударёст, ки юнониён онро бо калимаи ҳамоҳанги он Оксус ном мебурданд. Аҷаб нест, ибораи «Зардушти вахшур» ҳам аз ҳамин ҷо баромада, аввалан

бори маънии пайғамбар, расул, оварандаи каломи ҳақ ва сипас бори таъбири зода ва сокини канораи рӯди Вахш (Омӯ), саҳеҳтараш, вахшӣ, вахшзодаро бикашад. Бино ба маълумоти шарқшиноси маъруф В.А. Лившитс дар музейи шаҳри Калкатта катибаи рӯйи санге маҳфуз аст, ки навиштаҷоти «вахш худои ягона»-ро дорад.

Метавон афзуд, ки тасаввуроти муқаддас пиндоштану ҳамчун худо парастидани Вахш на танҳо ба бохтариёни аҳди қадим, балки ба сокинони даврҳои минбаъдаи Осиёи Миёна низ бегона набудааст. Масалан, Абӯрайҳони Берунӣ (973–1048), ки худ зодаи минтақаи Хоразм аст, аз боби расму одати хоразмиён сухан ронда, хабар медиҳад, ки ин мардум иде бо номи «вахшангам» («вахшҳангом») доранд. Ва шарҳ медиҳад, ки Вахш номи малоикаест нозири об ва нигаҳбони дарёи Вахшу Ҷайҳун.

Воқеан, дар маҷмӯи маснуоти Хазинаи Амударё ангуштарини тиллоие маҳфуз аст, ки вазифаи муҳрро адо намуда, дар рӯйи он акси махлуқи асотирии говсурати одамсару болдор ҳаккокӣ шудааст. Дар ҳошияи ангуштарин навиштаҷоте бо хати оромӣ сабт шудааст, ки онро муҳаққиқон «Вахшу», яъне олиҳаи рӯди Вахш тафсир кардаанд. Маҳз ҳамин навиштаҷот далели раднашавандаест, ки умумияти Хазинаи Амударё ва бозёфтҳои маъбади Вахшро собит менамояд. Аз ин рӯ, бохтариёни қадим барои бузургдошти рӯди муқаддаси Вахш ва поси хотири олиҳаи бузурги он Охшо, ки дар тасаввури онҳо олиҳаи обу обёрӣ будааст, аз замонҳои хеле қадим ашёҳои гаронбаҳоро назру нисор мекарданд, қурбониву ҳадяҳо меоварданд, ниёишу парастиш менамуданд ва ҳатто саҷдаву ибодат мегузориданд. Дар ин бора ҳангоми таҳлили маскани ориёиҳои Эрони Шарқӣ,

сарчашмаи «Авасто», таълимоти Зардушт ва ватани аслии он муфассалтар тавaққуф хоҳем кард.

Куҳантарин бозёфти маъбади Вахш ғилофи оҷии ханҷари бохтарисохти акинак аст, ки дар рӯйи он ду манзараи ба оҳу ҳамла овардани дарранда муҷассам шудааст. Шере дар қисми болоии ғилоф акс ёфтааст, ки бо пойҳои пеш оҳуеро дошта, бо пойҳои ақиб одамвор рост истодааст. Шер то андозае қиёфаи инсонӣ дошта, феълан ба асотири ривоятии ифодаи тавоноиву қудрати подшоҳон асос ёфтааст. Дар қисми поёнии ғилоф даррандаи шабеҳи гурбаи калонро мебинем, ки ба чанголаш оҳуи бечорае афтодааст. Тасвирҳои рӯйи ғилоф аз рӯйи услуб маҳсули дасти ҳунармандони бохтарӣ буда, мувофиқи ақидаи бостоншиносон дар асрҳои VI–V то милод офарида шудаанд.

Дар байни бозёфтҳои санъати муҷассамасозӣ пайкараи хурди Искандари Мақдунӣ мақоми хосае дорад. Ин пайкара, ки аз оҷ тарошида шудааст, симои Искандарро ба нимхудою нимодам монанд месозад, ки дар сар тоскулоҳи душоха дорад. Тоскулоҳи ба каллаи шер монанди Искандар аз як тараф шаъну шавкати ғолибиятро ифода намояд, аз тарафи дигар, ба хотири мо қиссаҳои Искандари Зулқарнайн (Шохдор)-ро меорад, ки аз даҳҳо «Искандарнома»-ҳои шоирони тоҷику форс бароямон ошност.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми ҳафриёти Тахти Сангин шумораи зиёди шамшерҳои ҷангиву ғилофҳои оҷӣ пайдо шудаанд, ки дар тӯли саду панҷоҳ соли ҳафриёти дунёи атиқа ин миқдор шамшерҳои гуногунсохти якдамаву дудама дастрас нагашта буд. Ғолибан ин шамшерҳо ба сипоҳиёни саворaву пиёдаи юнонӣ мансуб буда, шояд

ҳангоми убури лашкари ҷаҳонгири Искандари Мақдунӣ аз гузаргоҳи рӯди Омӯ ба маъбади Вахш назр шудаанд.

Аз байни пораҳои ҷавшан ва тӯдаи шамшерҳо лавҳаҳое падид омаданд, ки дар рӯйи онҳо манзараҳои шикор ва аспсаворӣ нақш бастаанд. Ин лавҳаҳоро ба девораи сандуқчаи оҷӣ нисбат дода, бостоншиносон онро «Бохтариён ҳангоми шикор» номидаанд. Ҳунарманди нафисакори бохтарӣ сару либоси савора, тарзи нишаст, олоти шикор – амсоли камон, ниём, зиреҳу афзори аспро чунон бо ҷузъиёташ хотамкорӣ кардааст, ки аз онҳо симои воқеии бохтариёнро тасаввур кардан имконпазир аст. Ду савора ҷониби сайдҳо тир меандозанд, чанд ғизоли захмин афтода, рӯбоҳу заргӯшон дар гурезанд ва модашери маҷрӯҳе барои наҷоти бачаҳояш омодаи ба савораҳо дарафтодан аст. Ин манзараҳо барои омӯхтани сатҳи маданият, олоту афзори ҷангӣ ва маҳорати аспсаворию аспparварии бохтариён аз чандин асарҳо дида маводи фаровонтар дода метавонад.

Осори Тахти Сангин саҳифаҳои ноаёни Хазинаи Амударёро бароямон кушода, собит намуд, ки ин ганҷинаи беамсол маҳз порае аз назрҳои дар тӯли садсолаҳо нисорнамудаи муътақидону зиёратгарон будааст. Маълумоти афсарони англис Ф. Бартон ва А. Каннингем дар хусуси аз поёноби рӯди Вахшу Панҷ ёфт шудани хазина низ тасдиқ гардид. Илми бостоншиносӣ аниқ кард, ки Хазинаи Амударё ёдгоре аз рӯҳи ҷовидонаи Бохтар ва олиҳаи рӯди ҳаётбахши Вахш буда, аз таърихи басо куҳан

ва асолати деринаи тамаддуну давлатдории тоҷикон башорат овардааст.

Ҳафриёти Қалъаи Мир, Кайқубодшоҳ, Тахти Қубод, Тахти Сангин ва даҳҳо таҳқиқоти бостоншиносии мавзеъҳои мухталифи Тоҷикистон, ки дар ним асри охир сурат гирифт, дар илми бохтаршиносӣ ва таърихи тамаддуну давлатдории тоҷикон саҳифаҳои нав кушод. Далелҳои таърихӣ ва бостоншиносии ҳудуди Афғонистон (алалхусус ҳафриёти Балх, Тиллотеппа) ва ҳудуди Тирмиз (Айритом), ҳудуди Туркманистон (Марв, Нисо) ва ҳудуди Ӯзбекистон (Фарғона, Сурхондарё) умумияту шабоҳати бозёфтҳоро асоснок намуда, аз шукӯҳи тамаддун, паҳноварии марзҳо ва қудрату тавоноии давлати Бохтари Қадим гувоҳӣ медиҳанд. Хазинаи Амударё ва бозёфтҳои маъбади Вахш санаде гардид, ки фарзу тахмин ва муҳокимарониҳои эҳтимолии муаррихону бостоншиносони таърихи Осиёи Марказӣ дар хусуси мавҷудияти давлати пуриқтидори Бохтари Қадим ба ҳақиқати воқеӣ табдил ёфта, уфуқҳои тозаи илми бохтаршиносӣ барояшон кушода гардад.

# II
# ИГОР ПИЧИКЯН
# КАШФИ МАЪБАДИ ОМӮ ДАР ТАХТИ САНГИН

## 1. Таърихи Тахти Сангин

Шаҳристони сангин ё Тахти Сангин дар адабиёти ватанӣ аз ду ҷанбаъ баррасӣ гардидааст: ҳамчун мавзеи эҳтимолии бозёфти Хазинаи Амударё ва ҳамчун қалъаи замони юнону бохтариҳо, ки барои муҳофизати гузаргоҳи Омӯ хизмат мекард. Тахти Сангин ҳанӯз дар аввали аср (асри XX дар назар аст – мутарҷим) аз тарафи Д.Н. Логофет ҳамчун қалъа муаррифӣ шудааст: «Қалъа акнун ба тӯдаи бетартиби оҳаксангҳои сафед шабоҳат дорад. Мегӯянд, ки қалъа ва тиллоҳои акнун парокандаи он замоне ба юнониҳо, аниқтараш ба бохтариҳо тааллуқ доштаанд». Д.Н. Логофет зимни тасвири қалъаи дигаре, ки 6 км дуртар, дар болои теппаи сунъӣ ҷойгир буда, бо номи Тахти Қубод маъруф аст, ёдовар мешавад. Дар яке аз харсангҳои кӯҳи назди ин қалъа «дар сатҳи комилан ҳамвор якчанд сатр бо хатҳои шабеҳи мехӣ ҳаккокӣ шудаанд, ки дар зери ушнаҳо монда, аллакай қариб нохоно шудаанд. Шояд дар оғози аср дар Тахти Қубод иморати асримиёнагие вуҷуд дошт, ки онро қалъа гуфтан мумкин буд. Аммо хати мехиеро, ки Д.Н. Логофет ёдоварӣ намудаву, мутаассифона, нусхабардорӣ накардааст, дар асоси танҳо қайде ё зикри сар-сарӣ, ки наметавонад исботи мавҷудияти ин катиба бошад, ба ҳайси як ёдгории муҳим ба баҳси илмӣ ворид кардан маънӣ надорад.

Фаровонии тилло дар ин мавзеъ, ки Д.Н. Логофет аз он хеле батафсил нақл мекунад, комилан дуруст аст. Ҳанӯз дар оғози аср дар ин ҷо бомуваффақият заршӯӣ мекарданд.

Усули заршӯӣ хеле содда буд. «Маъмулан об аз боло тавассути ҷӯйи хурде бошиддат ба поён сар дода мешавад. Хоку реги аз чуқуриҳо ҷамъовардашударо бошад ба ин оби тезҷараён мепартоянд. Регу гил ба рӯйи пашми гӯсфанд мерезанд. Хоку рег пас аз чанд лаҳзаи дар рӯйи пашм мондан бо фишори об шуста мешаванд, резаҳои тилло, ки андозаашон ба нуги сӯзан баробар аст, дар рӯйи пӯст боқӣ мемонанд, - менависад Д.Н. Логофет. Ҳамин тариқ, ривояти пӯсти тиллоӣ дар ин ҷойҳо ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад. Дар он соҳили дарё ҳам афғонҳо айнан ҳамин хел тиллошӯӣ мекунанд. Даҳ нафар туркмани қоматбаланд ба ин кор машғуланд». Ёддошти дигари Д.Н. Логофет дар бораи макони матрук будани ин мавзеъ, ки сокинонаш кайҳо ба дигар ҷойҳо кӯчида рафтаанд, ба ҳақиқат хеле наздик аст. Ин макон, ки ба биёбон табдил ёфтааст, айни ҳол корҳои ҳафриётиро хеле мушкил намудааст. Логофет мегӯяд: «Ба ғайр аз ду-се деҳае, ки дар масофаи тақрибан сад чақрим аз якдигар дур ҷойгиранд, дар ин ҷойҳо нафареро вохӯрдан қариб ки номумкин аст. Аммо дар нимҷазирае, ки миёни Амударё ва Вахш ҷойгир аст, дидбонгоҳи сарҳадӣ вуҷуд дорад. Каме болотар, қад-қади Амударё, дар мавзеи ба он ҳамроҳ шудани оби дарёҳои Панҷ ва Вахш иморати дидбонгоҳи сарҳадии афғонон ба мушоҳида мерасад. Убургоҳи дарёи Вахш Мел ном дорад».

Аввалин ҳафриётҳои бостоншиносии дар Тахти Сангин бароҳмонда ба назар хеле пурасрор менамоянд, натиҷаи ҳеҷ як аз ин таҳқиқот ба нашр нарасидаанд. Аз онҳо танҳо навиштаҷоти археологи маскавӣ, ки бо қалами кимиёӣ дар танаи сутуне навиштааст, боқӣ мондааст. Ин навиштаҷоти қаламӣ танҳо ба соли 1928 ва танҳо ба кормандони Осорхонаи маданияти шарқ метавонад мутааллиқ бошад, зеро онҳо буданд, ки солҳои 1926–1928

дар Тирмиз ба корҳои ҳафриётӣ машғул гардиданд. Дар он замон сарҳад ноором буд ва заминкобон гӯё фидокорӣ менамуданд. Аз ҳисоботи бостоншиносии экспедитсияи осорхона, ки солҳои 1926 ва 1927 дар Тирмиз фаъолият доштанд, бармеояд, ки Б.П. Денике ду маротиба пешниҳод карда будааст, ки дар мавзеъҳои болооби Амударё ҳафриёт гузаронида шавад. Аз ин маълум мешавад, ки дар давоми ин ду сол ҳафриёт гузаронида нашудааст. Оид ба кори экспедитсияи соли 1928 бошад ҳатто ҳисоботе ҳам то ин ҷониб омада нарасидааст. Дар хандақҳои ҳимоявии қалъа (ки мисли камарбанд қалъаро иҳота кардаанд) асари се чуқурӣ ба мушоҳида мерасад, ки бешак нишонаи ҳафриётанд. Аммо онҳо ба девори муҳофизатии қалъа нарасидаанд. Ин кофтуков то ба ҳадде нобарор буд, ки фақат ҳудуди хокҳои чаппашудаи деворҳоро дар бар мегирифт. Танҳо соли 1976 мо маълум намудем, ки девори пурқуввати мудофиавӣ (паҳнояш 2,2 м), ки дар баъзе ҷойҳо баландиаш то ба 6м мерасид, пурра дар зери хок будааст. Девор аз ду қатор санги калони чортарош (тақрибан 50-70х30-40 см) бино шуда, миёнаи онҳо бо сангҳои майда пур карда шуда буд.

Соли 1950 ёдгориро М.М. Дяконов аз назар гузаронда, онро Шаҳристони сангин ном гузошт. Баъди солҳои 50-ум бостоншиносони зиёде ба Шаҳристони сангин – Тахти Сангин, омаданд, ки ин натиҷаи нашри мақолаҳои М.М. Дяконов буд. Ӯ ба шаҳр бо гурӯҳи аспирантон ташриф овард, ки аксари онҳо то ҳол ин ду сафари шавқовари таҳқиқотиро дар Қабодиён дар хотир доранд. Дар ҳисоботи соли 1946 М.М. Дяконов қайд мекунад: «Тамоми ноҳияи Қубодиён хеле диққатҷалбкунанда аст: гузаргоҳи куҳнаи Айваҷ (Убоҷи қадим) ва хусусан димнаҳои Тахти Қубод. Шояд маҳз аз он ҷо «Хазинаи Амударё» ёфт шуда бошад.

Андешаи маъмуле, ки гӯё хазина дар Қубодиён кашф шудааст, аслан хатост» (Дяконов, 1950, с. 183). Шарҳи дигари муфассал аз тарафи М.М. Дяконов дар ҳисоботи кории солҳои 1950–1951 оварда шудааст: «Болотар аз маҷрои Амударё, дар нуқтаи ҷамъ шудани дарёҳои Вахш бо Панҷ, дар соҳили рости Вахш ду шаҳри калон ҷойгиранд. Яке аз онҳо имкони таҳқиқ кардан надорад. Дигаре, ки аз тарафи таҳқиқотчиён Шаҳристони сангин номида шуд, шояд димнаҳои Утрқалъа мебошад, ки дар харитаи соли 1885 ишора шудааст. Ин шаҳристони калони росткунҷа (андозааш 200х250 м), ки чор кунҷаш ба чор самти олам нигаронида шудаанд, қалъаи росткунҷае дорад, ки аз дохил ба сӯйи маркази девори ҷанубу шарқӣ тӯл кашидааст. Аз ҳама аҷибаш ин аст, ки деворҳои шаҳристон аз оҳаксанги тарошидаи одии мергелӣ бино шудааст. Дар ҳудуди шаҳристон дар чанд мавзеъ деворҳои кадом як иморати номаълуме, ки қисматҳои боқимондаи он ҷо-ҷо аз замин намудоранд ба назар мерасанд… Ин деворҳо ҳам сангинанд. Дар шаҳристон қисматҳои гуногуни меъмории оҳаксангӣ пароканда мавҷуданд: пораҳои пойдеворҳо, нижвонҳо ва ҳатто пораҳои ҳайкалҳо. Масалан, ҷое дар маркази шаҳристон устувои сутуни оҳаксангӣ хобидааст. Вақте мо онро тоза карда, аз назар гузаронидем, навиштаҷоти зерин бо қалами кимиёӣ маълум шуд: «Ба осорхонаи Маскав фиристода шавад»… Шояд ин ишораи экспедитсияи кормандони Осорхонаи маданияти Шарқ бошад, ки солҳои 1926-1928 дар Тирмиз ва атрофи он бо роҳбарии Б.П. Денике пажӯҳиш кардаанд. Маводи аз шаҳристон пайдошуда ҳама антиқӣ мебошанд. Тахмин кардан мумкин аст, ки ин харобаҳо боқимондаҳои деҳаи Мел мебошанд, ки он дар сарчашмаҳои хаттӣ ҳамчун як убургоҳи муҳим аз Амударё маълум аст. Роҳе, ки аз

марказҳои Осиёи Миёна, қад-қади соҳили рости дарёи Вахш тӯл мекашид, ҳамин ҷо қатъ мешуд. Қалъаи Тахти Қубод маҳз ҳамин убургоҳро муҳофизат карда, маҷмӯи мукаммали шаҳристони сангинро ташкил медод. Ин убургоҳ аслан дар даврони қадим истифода мешуд. Шояд шаҳристоне, ки дар соҳили Вахш буд, низ дар дохили ҳамин маҷмаа бошад. М.М. Дяконов баъди таҳқиқи санҷишии Тахти Қубод ва Тахти Сангин онҳоро ба давраи антиқӣ нисбат дода, қайд намуд, ки Шаҳристони сангин барои таърихшиносон ва бостоншиносон бо ёдгориҳои меъмориаш, ки зикрашон гузашт, аҳамиятнок ба ҳисоб меравад.

Орзуи ҳалли муаммои хазинаи Амударё дар Тахти Қубод, ки эътибори М.М. Дяконов ин фарзияро қувват медод, бисёр бостоншиносони машҳури Осиёи Миёнаро ба ин ҷо овард. Дар давраҳои гуногун барои таҳқиқи санҷишӣ ба ин маҳал Б.А. Литвинский, Е.В. Зеймал, Т.И. Зеймал, Б.Я. Ставиский, Л.И. Албаум ва Х. Муҳитдинов омаданд. А.М. Манделштам бошад соли 1956 ҳафриёти калонеро (11x7 м) дар самти шимолии теппаи арк, ки онро М.М. Дяконов Шаҳристони сангин ном гузошта буд, оғоз кард. А.М. Манделштам деворҳои сангини пурпечутоби даврони охири аҳди кушониро, ки ба биноҳои хоҷагӣ дахл доштанд, кофта берун овард ва ҷустуҷӯро дар умқи 2,5 м қатъ кард. Аз рӯи топографияи қитъа, сатҳи таҳшинии қитъа дар мавзеи ҳафркардаи А.М. Манделштам бояд ҳатман то 5 м расад. Ба ҳар ҳол 3 м ҷанубтар аз ҳафриёти А.М. Манделштам, яъне дар самти дигари девори шимолии долони №3-и маъбади Омӯ, умқи таҳшинии қитъа дар нисбат ба сатҳи замини имрӯза 5 м-ро ташкил медиҳад. Чуноне аз муқоисаи тамоми замини кашфшудаи маъбади Омӯ бо ҳафриёти А.М. Манделштам бармеояд,

берун аз ҳудуди муайянкардаи Манделштам ягон бинои дигаре вуҷуд надорад, дар ҳоле ки аз пушти деворҳои шимолию ҷанубии маъбад дарҳол иморатҳои муттасили бисёрқабатаи сангин ба назар мерасанд, ки айни замон онҳоро иморатҳои хоҷагӣ гуфтан мумкин аст. Ковишҳои А.М. Манделштам бошад, бевосита дар наздикии деворҳои шимолии маъбад (аз 0,2 то 1 м) анҷом дода шудаанд. Вале ин танҳо соли 1983 муайян гардид, вақте ки экспедитсияи муштараки Академияи илмҳои Тоҷикистони Шӯравӣ ва Институти шарқшиносии АИ ИҶШС таҳти роҳбарии Б.А. Литвинский дар ҷануби Тоҷикистон мавсими саҳроии 10-уми худро ба анҷом расонд.

А.М. Манделштам натиҷаи ҳафриёти худро оид ба Шаҳристони сангин дар алоқа бо санагузории қабристонҳои кушонӣ боз ҳам саҳеҳтар кард. (Манделштам, 1966, с. 146–148; 1975, с. 128, 135–136). Вай қайд мекунад, ки «Шаҳристон бо стратиграфияи сареҳи худ фарқ мекунад, ки он аслан аз якчанд қабати биноҳои сангин иборат аст. Дар ин ҷо шаш давраи сохтмонӣ ва як қабати дигар, ки дар тамоми қитъаи таҳқиқотӣ паҳн гардидааст муайян карда шуданд. Қабати мазкур ба кадом як иморати аз хишти хом сохташуда тааллуқ дорад, ки боқимондаҳои он берун аз шурфҳо (чуқуриҳои санҷишӣ) мушоҳида намешаванд» (Манделштам, 1966, с. 146–148). Аз ин ҷиҳат А.М. Манделштам бовар дошт, ки чуқуриҳои кандаи ӯ то қабати таҳшинии минтақа расиддаанд. Аммо воқеият дигар аст. А.М. Манделштам шурфи худро 1 м шимолтар аз беруни девори маъбади Омӯ кандааст. Агар шурф каме ҷанубтар канда мешуд, муҳаққиқ девори дар қитъа бударо ёфта, то асоси он фаромада метавонист, ки он воқеан дар мавзеи сукунат ҷойгир аст ва он девор дар ин ҷо ба гунаи оҳакрезаҳои кӯҳӣ аст, на гили тоза ва ҳатто на

хиштреза. Асли воқеа ин аст, ки А.М. Манделштам биноҳои қабати болоии давраи кушониҳои баъдиро ҳафр кардааст.

Шигифтовар он аст, ки натиҷаи хронологии А.М Манделштам бо хулосаҳои мо шабеҳ аст. Ӯ бозёфтҳои шаҳристони Сангину Қубодиёнро муқоиса намуда, ба хулосае омад, ки «ду қабати поёнии шаҳристони Сангин бо кадом қисме аз фосилаи асрҳои III–II то милод рост меояд» (Манделштам, 1966, с. 146-148). Қайд бояд кард, ки Т.И. Зеймал дар бозёфтҳои А.М. Манделштам сафолкориҳои юнонӣ-бохтарии навъи ойхонумиро дидааст (хабари шифоҳӣ). Яъне А.М. Манделштам тамоми асосҳоро барои пешниҳоди хронологии маводи ҳафриёти Шаҳристони сангин аллакай дар соли 1956 дар ихтиёр дошт.

Интихоби мавзеи ҳафриёт, чуноне акнун маълум аст, дар шароити мо аҳаммияти зиёд дошта, боиси равшан ва дақиқ шудани бисёр чизҳо гардид. Дар ин биёбони сангин, ки сеяки доманаи Амударёро ташкил мекунад, аз ҳама бештар деворҳои қавии ҳимоявӣ ҷолиби диққатанд. Ин деворҳо қалъаи росткунҷаи баланд (то 3 м)-ро бо теппаҳояш, ки дар маркази қалъа воқеанд, иҳота кардаанд. Қалъа дар доманаи шарқии теғаи пасти Тешиктош, ки аз самти шимол ба ҷануби Тахти Қубод дар ҳудуди 6 км (андоза бо суръатсанҷи мошин) тӯл кашида, дар ҷанубтари Тахти Сангин ба охир мерасад, ҷойгир буд. Гузаргоҳи ағба аз миёни теға, аз сойи қадим ба девори ғарбии арк мефаромад. Сойи хушкида дар гузаштаи дур хеле сероб буд, ки он хандақи қалъаи аркро (тақрибан 3 м ҷуқур) пури об мекард.

Ҳамин тариқ, қалъа, ки аз ғарб бо теғаи кӯҳӣ, аз шарқ бо Амударё, аз шимолу ҷануб бо деворҳои мудофиавии дуқатораи шаҳр муҳофизат мешуд, бо шарофати интихоби

дурусти стратегии маҳал аз самти хушкӣ ҳам дастнорас буд. Гузашта аз ин, ағбаи пиёдагузари дараи ғарбии Тешиктош муҳосираро аз шимолу ҷануб истисно мекард.

Чунин ба назар мерасад, ки иморатҳои дохилии қалъаро асосан маъбад (51x51 м) ва ҳавлии шарқии он (наздики 60x25 м), ки бо деворҳои хоми пурқувват иҳота шудааст, ташкил медоданд. Топографияи маҳал нишон медиҳад, ки дар ҷониби шимолӣ, ғарбӣ ва шарқии маъбад иморатҳои бузург боқӣ намондаанд. Онҳоро метавон танҳо аз ҷануби маъбад дарёфт кард. Мавзеи холии на он қадар калони миёни маъбаду деворҳои қалъа ҳам гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Маҷмааи сохтмоние, ки дар дохили деворҳои ҳимоявии арк ҷойгир аст, шояд биноҳои хоҷагидорӣ – анбор, косибхона ва хонаҳои истиқоматии назди маъбадро фаро гирад.

Иморатҳои шаҳрӣ аз деворҳои қалъа дар доираи 1 км ба ҷониби шимолу ҷануб паҳн шудаанд. Аз боқимондаи гумбадҳои росткунҷаи биноҳо ҳукм кардан мумкин аст, ки мавзеи сукунат чандон зич набудааст. Аз боқимондаи таҳсутунҳо бармеояд, ки то аҳди кушониён дар зери фарши хонаҳо сутунҳои сангин истифода мешуданд.

Дар майдончаҳои болоии теппаҳо иморатҳои сангин ба чашм мерасанд, вале дар он ҷо имкони анҷом додани камтарин таҳқиқот нест, зеро дастнорасии маҳал ва набудани об мушкил эҷод мекунад. Аз ин сабаб тамоми қувваи гурӯҳи бостоншиносон танҳо ба таҳқиқи қалъаи маркази маъбади Омӯ равона гардид.

## 2. Таърихи кашфи маъбади Омӯ

Расо баъди 100 соли кашфи Хазинаи Амударё дар ҳамон ҷо, яъне саргаҳи Амударё, дар яке аз ду қалъаи соҳили рост, ки муҳофизати убургоҳро ба зимма дошта,

шоҳроҳи Варорӯдро идора мекарданд, экспедитсияи ҷануби Тоҷикистон бо роҳбарии академики АИ Тоҷикистон Б.А. Литвинский ҳафриётро оғоз кард. Гурӯҳи бостоншиносон (бо сарварии И.Р. Пичикян), ки шомили ин экспедитсия буданд, ҳадафашон мушаххасан муайян кардани макони эҳтимолии кашфи Хазинаи Амударё набуд. Интихоби макон дар доираи таҳқиқи нақшавии экспедитсия дар ҷануби Тоҷикистон сурат гирифт, ки ҳадафи он омӯзиши робитаҳои фарҳангии мардуми қадимаи Осиёи Миёна ва Шарқи хориҷа, махсусан Чин, Ҳиндустон, Эрон ва Афғонистон ба ҳисоб мерафт.

Соли 1975 Б.А. Литвинский ба муаллифи ин сатрҳо, ки бо таҳқиқии меъмории антиқӣ машғул буд, пешниҳод кард, ки ёдгориеро, ки дар қабати болои он М.М. Дяконов унсурҳои зиёди меъмории сангинро мушоҳида карда буд, кофтуков намояд. Худи ҳамон сол бо супориши Б.А. Литвинский кофтуков, дақиқ кардани шаҳристон ва ҷамъ кардани мавод оид ба Тахти Қубод ва Тахти Сангин (дар якҷоягӣ бо А.В. Седов) гузаронида шуд.

Охири моҳи апрели соли 1976 дар арки Шаҳристони Сангин – Тахти Сангин, ковиши шурфҳои стратиграфӣ оғоз шуд. Ҳафриёт тибқи мақоли «беҳтарин қисмати кулчақанд миёнаш аст», аз миёнаи қалъаи ҷанубӣ (ба андозаи 5x5 м), дар яке аз ду теппаи қалъа шурӯъ гардид. Теппаи шимолӣ, ки 30 м дуртар аз теппаи ҷанубӣ ҷойгир буда, аз тарафи А. Манделштам «таҳқиқ» шуда буд, дигар имкон намедод, ки ин ҷо амиқтару васеътар ҳафр карда шавад. Ҳарчанд мавзеъ барои кандани шурфҳо мувофиқ омада буд, расидан ба мақсади ниҳоӣ, аз назари муаллифи ин китоб, қариб ки ғайриимкон буд, чунки то қитъа бояд 5 м чуқурӣ канда мешуд. Заҳматҳои бардавом аз тулӯъ то ғуруби офтоб дар аввали мавсими ҳафриёт самараи дилхоҳ

ва хушбинона ба бор овард: дар шурфе, ки то қитъа мерасид, таshти зарандуди байзашакл (3,7х1х1 м) ва дар дохилаш чандин ҳазор устухони пойи пеши ҳайвоноти шохдор ва даҳҳо ашёи назршудаи дигар ёфт гардид.

Соли 1977 долони № 1 пурра ҳафр карда шуд. Дар муддати даҳ соли баъдӣ дар ҳафриёти маъбади Омӯ 6 бинои долонмонанд, 4 пешайвон, толори марказии мураббаъ, айвон ва қисман ҳавлии калони маъбад (60х25 м), ки бо деворҳои азими аз хишти хом бардошташуда иҳота карда шудааст, ёфт гардиданд. Ба корҳои минбаъда таҳқиқи меъмории ҳошияи ҳавлии муқаддаси маъбад – теменос (макони муқаддасе, ки ба худои муайяне бахшида шудааст) дохил мешавад. Кори муҳимми дигари анҷомдодашуда таҳқиқи иморатҳои шаҳрӣ дар қисмати шимолию ҷанубии қалъа ба ҳисоб меравад.

Зимни ҳафриёти Тахти Сангин тамоми маъбади азими Омӯ, гирдогирди долонҳои он ва хазинаҳои нигоҳдории назру тухфаҳо аз хокрезаҳои бодоварда ва хиштҳои бороншуста тоза карда шуд ва бори нахустин дар бораи се давраи ҳунари Бохтар ба ҳадди кифоят тассавурот пайдо шуд. Кашфи шоҳкориҳои ҳунари бохтарӣ парда аз рӯи асрори ганҷинаи Омӯ ҳам бардошт. Бо шарофати ҳафриёти мо инчунин ёдгории намунавии меъморӣ ба даст омад. Ин кашфиёт имкон медиҳад, ки таҳаввули меъмории динии ҳахоманишиҳо ба таври дигар тасаввур карда шавад.

## 2.1.3. Сохтори маъбади Омӯ дар муқоиса бо дигар осори меъморӣ

Таҳқиқи маъбади Омӯ боиси як қатор кашфиёти муҳим гардид. Аз тамоми маъбадҳои оташ, ки дар Осиёи Миёнаву Марказӣ ва ҳатто дар тамоми қаламрави Эрони ҳахоманишӣ ёфт шудаанд, маъбади Омӯ маҷмааи нисбатан солимтару комилтар аст. Ин маъбад бо ҳунари зебои меъморӣ ва ғановати тому нисбатан коҳишнаёфтааш фарқ мекунад. Беосеб монданаш имкон медиҳад, ки вазифаҳои алоҳидаи ҳар як бинои таркиби маъбади оташ ва ҷараёни баргузории маросими ҷамъиятӣ-динӣ дар ин биноҳо муайян карда шавад. Ба шарофати баркамолӣ ва нисбатан дақиқ будани нақшаи меъмории маъбади Омӯ мо тавонистем баъзе нуктаҳои номаълуми сохтори маъбади оташро, ки аз натиҷаи ҳафриёти охири асри XIX ва аввали асри XX маълум буданд, дақиқ намоем. Инҳо нуктаҳое буданд, ки бо сабаби нотамом мондани корҳои археологӣ, ҳолати бади биноҳо ва тасаввуроти нодурусти бостоншиносӣ дар бораи хусусияти осори мавриди таҳқиқ аз ҷониби муҳаққиқон ғайриэътимодбахш (Д.Б. Стронах) ё ноқис (ақидаи П. Бернара, Ф. Грене) шуморида мешуданд.

Дар раванди мушаххас кардани маъбади оташ муҳаққиқон ҳамчун хосияти муҳимтарин он маркази маъбад, яъне толори чорсутунаи меҳробдорро, ки бо долонҳо иҳота шудааст, қабул карда буданд. Натиҷаи таҳқиқи маъбади Омӯ нишон дод, ки аз ҳама бештар биноҳои начандон калони аз ду тараф бо толори чорсутунаи мураббаъ пайвастшуда ҷолибанд. Ин биноҳо, ки моҳияти тамоми маъбадҳои оташро ифода мекунанд, оташгоҳ ном дошта, қисмати асосии сохтори дохилии маъбадҳои оташи Эрон ба ҳисоб меравconfigured.

Тавзеҳ ва бознигарии дигар масоили мураккаби марбут ба маъбади оташ бояд дар матни ташреҳи нақша ва ташхиси биноҳои маъбади Омӯ сурат гирад.

Ҳангоми аз боло назар кардан маъбади Омӯ ба аэроплане монанд аст, ки росткунҷаҳои «қанотҳои васеъ»-аш, яъне иморатҳои назди айвони мураббаъ ба ҷониби шарқ нигаронида шудаанд. Айвони мазкур дар пушти «қанотҳо»-и толори марказӣ ҷойгир аст, ки онро роҳравҳо иҳота кардаанд. Тарҳи дохилии маъбади Омӯ бо деворҳои пурқуввати пайдарҳам (тақрибан 3 м) ва роҳравҳои танги паҳнояшон бо деворҳои баланд (5,0–5,5 м) баробар аз шаҳомати он гувоҳӣ медиҳанд. Зимнан долонҳое, ки дар ҷониби ғарбии бино пушти ҳам ҷой гирифта, толори марказиро иҳота кардаанд, аз нотакрории композитсионии маъбад ва тарҳи оқилонаю комили он дарак медиҳанд (расм. 2).




**Расми 2. Нақшаи маъбади Омӯ.**
**Асрҳои IV–III то милод**

Асоси маъбадро толори марказии дорои чор сутун ташкил медиҳад, ки дарозии ҳар чаҳор девораш тақрибан 12 метрӣ ва майдони умумиаш қариб 144 $м^2$ кв аст. Даромадгоҳи асосии толори чорсутана ба сӯйи шарқ нигаронида шудааст. Дар рӯбарӯи он айвони ҳаштсутуна ҷойгир аст. Аз толори марказӣ ду дари пурҳашамати дигар (бо баландӣ ва паҳнии қариб 3 м) яке ҷониби шимол ва дигар ба ҷануб мебаранд, ки дар он ҷо долонҳои дуқисмаи Г-монанд – кӯтоҳаш (12 м) ва дарозаш (20,5 м) ҷойгиранд. Даромадгоҳи ҷанубии №1 аз толори марказӣ ба долони № 1[5] мебарад. Он аз иморати дарозе (қариб 3x12 м) иборат аст, ки ба воситаи даромадгоҳи №2 (бараш 1 ва умқаш 3 м) бо долони № 2 (3,4x20,5 м) мебарад, ки он дар нисбати долони № 1 ба таври амудӣ ҷойгир буда, даромадаш ба толори марказӣ аз самти ғарб аст. Ҳамин тариқ иморатҳои долонмонанди № 1 ва 2 як долони Г-монандро ташкил медиҳанд, ки толори чорсутунаи марказиро аз самти ҷануб ва ғарб иҳота кардаанд. Долони дуюми Г-монанд инчунин аз ду қисм иборат аст: шимолӣ № 3 (3,4x12 м) ва ғарбӣ № 6 (3,4x26 м).

Мо хостем шакли ҳандасиеро, ки меъмор ҳангоми нақшаи маъбади Омӯ истифода бурдааст, барқарор созем. Умед доштем, ки тозакунии иморат ва бардоштани тиргакҳои дар рафти мавҷудияти тӯлонии маъбад пайдошуда дар муайянсозии андозаи аниқи бинoҳои дохилӣ, ҳаҷми дақиқи сатҳи поёнии онҳо (ки баъзе ҳанӯз тоза карда нашудаанд) ва дар ниҳоят ҳаҷми воқеии тарафҳои берунии маъбад кӯмак мекунанд.

Ба назар мерасад, ки меъмори бостонии маъбади Омӯ аз нақшаи дақиқи тӯри ҳандасии меъморӣ истифода бурдааст. Кӯшиш мекунем инро шарҳ диҳем, аммо пеш аз ин дар бобати тағйироти камаҳамияте, ки шояд дар

ҷараёни сохтмон сурат гирифтаанд, каме маълумот додан мехоҳем.

Толори марказӣ ва ду долоне, ки онро иҳота кардаанд, шакли мураббаи тарафҳояш тақрибан ба 32 метр баробар доранд. Аз тарафи шарқ ба ин бинои мураббаъ росткунҷаи дарозрӯе пайваст мешавад, ки каме ба дохили он ворид шуда, аз се бинои мураббаи тарафҳояш қариб 17 метр (дар маҷмӯъ 51х17 м) иборат аст. Мураббаи марказии ин росткунҷа айвони ҳаштсутундор буда, мураббаъҳои ба он наздики шимолию ҷанубӣ маҷмааҳои наздиайвонии бино мебошанд. Тарҳи дохилии мураббаъҳо чун акс дар оина комилан ба ҳам монанданд: дар ҳар як мураббаъ бинои долон – №4, 5 (3х9,5 м), бинои назди меҳроб №6, 8 (5,5х2,5 м), бинои меҳроб №5, 7 (5,4-5,5х5,2–5,3 м) ҷойгиранд; биноҳои охирин сареҳан нишон медиҳанд, ки ин ҷо макони оташи абадӣ аст (Ин андеша натиҷаи мушоҳидаи деворҳои дар оташ тафсида, қурбонгоҳи марказии аз хишти хом сохташудаи сурохдор ва чор қурбонгоҳи хурди канорӣ ва тӯдаи ангишту хокистар аст). Ҳама иморатҳо ба якдигар бо даромадгоҳҳои танг (1,2 м) пайвастанд: айвон бо бинои қурбонгоҳ, қурбонгоҳ бо бинои назди қурбонгоҳ, бинои назди қурбонгоҳ бо долонҳои №4 (ҷанубӣ) ва №5 (дар маҷмааи биноҳои шимолии назди қурбонгоҳ). Илова бар ин аз ҳар бинои назди қурбонгоҳ ба баромадгоҳи майдони маъбади муқаддас роҳраве вуҷуд дорад. Дар ҳуҷраҳои танги қурбонгоҳ беш аз чор–панҷ нафар ҷой гирифта наметавонад, хусусан агар ба инобат бигирем, ки дар оташкадаи қурбонгоҳи марказӣ ҳамеша бояд оташ фурӯзон бошад. Дар қанотҳои канории пешгоҳи маъбад биноҳои манорашакли ҳуҷрадор ҷойгиранд (тақрибан 3х3 м). Манораҳо вазифаи муҳофизавӣ дошта, баромадгоҳи онҳо на ба сӯи дохили маъбад, балки рӯ ба майдонанд. Паҳнои

намои умумии маъбад 51 м буда, дарозии он, ки аз якчанд қисм (32 + 9,5 + 3,5 + 6 м) иборат аст, ба он қариб баробар аст. Дақиқтар кардани он тавассути таҳқиқоти иловагӣ ва андозагирии маъбад аз пойдевори он мумкин аст.

Чунин аст дар маҷмуъ тарҳи маъбади Омӯ, ки мо барқарор кардем. Айни замон намуди берунаи маъбад комилан маълум нашудааст; бо вуҷуди ин он тағйироте, ки меъморону бинокорон дар ҷараёни бунёди маъбад ба лоиҳа ворид кардаанд, аллакай маълум шудаанд. Толори марказии чорсутуна каме паҳн ва кӯтоҳ карда шудааст; тағйироти дигаре, ки муқаррароти аслиро халалдор кардаанд, аз ҷумла нисбатан борик кардани деворҳои дохилӣ (аслан 3–3,4 м), чандон муҳим нестанд.

Таҳқиқ шакли толори марказӣ аз ин дидгоҳ нишон медиҳад, ки ҳангоми бозсозӣ ба «лоиҳаи бунёдӣ»-и маъбад, ки шакли мураббаъ доштааст (12х12 м) тағйироти ҷиддӣ ворид карда шудааст (дар аксар маъбадҳои дигар, ки ҳаҷмашон маълум аст: 12х12 м, 11х11 м, ё баъзан 8х8 м чунин тағйирот ба назар намерасад). Бинои мураббаи толори марказӣ дар тири шимол – ҷануб то 12,75 м васеъ ва каме кӯтоҳ (тақрибан 11,5 м) карда шудааст. Ин амал ҳаҷми биноро барҳавотар нишон медиҳад. Масофаи байни сутунҳое, ки ба тири маъбад кундаланг мехобанд то 4,5 м ба дарозо ва 4 м ба паҳно зиёд карда шудааст.

Лоиҳаи маъбади Омӯ (толори чорсутуна, деворҳои онро иҳотакарда, оташгоҳ ва айвони сутундор), ки намуди шарқиёна дорад, шояд аз ҷониби меъморе таҳия шудааст, ки дар доираи анъанаи бунёди иншооти динии бузургу бандубастдор, мушаххасан маъбади оташ, андеша меронд. Ба ҳар ҳол фармоишгар таъкид кардааст, ки маъбад бояд бо талаботу муқаррароти шарқӣ сохта шавад. Яъне лоиҳаи

маъбадро эронӣ, ё юноние тарҳрезӣ кардааст, ки анъанаҳои шарқиро хуб медонист.

## Сохтори маъбади Омӯ. Тарҳҳои меъморӣ

Аз баррасии тарҳҳои меъморӣ маълум мешавад, ки онҳо дар заминаи анъанаҳои шарқӣ таҳия шудаанд. Деворҳои муҳташам, ки паҳнояшон тақрибан ба 3,4 м баробар аст, хеле қадимӣ ба назар мерасанд. Хиштҳои хоме (50х50х14 см), ки аввалин бор дар бунёди деворҳои маъбад истифода шудаанд, ба меъёрҳои меъмории даврони ҳахоманишиҳо мансубанд. Тамоми деворҳо бо якдигар гӯё бофта шудаанд, ки ин ҳолат гувоҳи дар як вақт сохта шудани онҳост. Сохтани чунин бинои муҳташам заҳмати бисёр, шумораи зиёди коргарон ва харҷи молиявии бузургро тақозо мекунад, ки он дар доираи имконоти як шаҳристони хурд намеғунҷад.

Сохтори маъбад, масолеҳи сутунҳо, инчунин қурбонгоҳҳои муҳташам аз таъсири фарҳанги юнонӣ шаҳодат медиҳанд. Баъзе тағйирот дар сохти меъмории сутунҳо мушоҳида мешавад: дар ин ҷо таҳкурсиҳои чанбарии ҳахоманишӣ, тахтасангҳои дуқабата ва сутунҳои сайқалёфта бо бошаҳои ионии юнонии гунаи каласссикии осиёихурдӣ ба ҳам оварда шудаанд. Таҳкурсии сутунҳо, ки дар маъбади Омӯ кашф шудаанд, монандии услубӣ ва андозавӣ доранд. Онҳо таҳкурсиҳои якхелаи якметра дошта, қутри болиштҳои лӯлашаклашон ба 0,6 м баробар аст. Ҳамаи ҷузъиёти низоми сутунҳо аз оҳаксанги резадонаи мармаргуна сохта шудаанд. Ин пойдевор ва таҳкурсиҳои чанбарӣ аз ҷиҳати замонӣ бояд дар марҳалаи байни анъанаи меъмории ҳахоманишиҳои Эрони ғарбии

асрҳои VI–IV то милод ва меъмории эллиниҳои Ойхонум (он ҷо таҳкурсиҳои чанбарӣ бо пояи сутунҳо пайванданд) асрҳои III–II то милод, яъне охири асрҳои IV–III, қарор дошта бошанд.

Ёдгорие, ки таърихи пешниҳодшударо тасдиқ мекунад, бошаи сутуни ионист, ки дар маъбади Омӯ ёфт шудааст (расми 3). Болини сутуни ионии осиёихурдии маъбади Омӯ андозаи калон дорад: паҳнои пештоқаш тақрибан 1 м (96 см, бо канораҳои шикаста). Қутри поёнии он мувофиқи қутри болоии шаҳсутун – 58 см, баландии умумиаш бошад 42,5 см аст. Аз боло сари сутун бо тахтасанге тамом мешавад, ки пояҳояш шакли пошнаи пойафзол дошта, аз аввал то охири тахтасанг тӯл кашидаанд. Қисмати поёнии боша бошад, хеле ба пеш баромада, бо пештоқаш тавассути панҷ дастаки комил ва ду нимдастаки кунҷӣ алоқаманд шудааст. Дастакҳо байзашакл буда, хоси бошаҳои асрҳои V–III то милоданд. Ороишҳои кунҷии қисмати поёнии боша – се барги хурду печида, ба сохта шудани бошаҳо на дар асрҳои IV–III, балки дар асрҳои V–IV далолат мекунанд. Дар зери лапари кӯлоҳ лӯлачае ҳаст, ки бо қалами пӯлодӣ дар он рах кашида шудааст. Дар ин ҷо лавҳачаи ҳамворе ҳам дида мешавад, ки барои васл кардан ба танаи шоҳсутуни суфта хизмат мекунад. Болҳои паҳлӯии болини сутун бо ду лӯлача пайваст шудаанд. (ниг. расми 3).



**Расми 3. Маъбади Омӯ. Болини сутуни ионӣ. Меъморон О. Васин, Г. Арзаманов**

Таҳлили муқоисавии бошаи сутуни маъбади Омӯ бо бошаҳои осиёихурдии асрҳои V–II то милод нишон медиҳад, ки бошаи Тахти Сангин бештар ба гурӯҳи ёдгориҳои маҳаллии осиёихурдӣ наздик аст (маъбади Афина дар Приена, ки ба номи Искандари Мақдунӣ номгузорӣ шудааст ва маъбади Артемид дар Сорд), ки ба таври дақиқ ба доираи солҳои 330–300 тааллуқ дорад. Бинобар ин, итмоми сохтмони маъбади Омӯ бояд ба ҳамин давра рост ояд. Таҳлили маводи меъморию археологии маъбади Омӯ, асосан маводи ба худоён иртиботдошта (дар навбати аввал ҳайкалҳои аз гили хом сохташуда, ки умри дароз надоранд) – ақидаи дар охири асри IV ва аввали асри III то милод оғоз шудани сохтмони маъбади Омӯро қавитар мекунад. Ҳамин тариқ, санагузории маъбади Омӯ пеш аз ҳама дар асоси нишондиҳандаҳои хронологии тарҳҳои меъмории маъбад муайян карда мешавад.

## Вазифаи асосии биноҳо

Муайян кардани вазифаи биноҳои маъбади Омӯ, он гуна ки хоҳем дид, барои муайян кардани вазифаи дигар оташгоҳҳои шарқии ба он шабоҳатдошта, мусоидат хоҳад кард. Мо зикр карда будем, ки вазифаи асосии маҷмааи биноҳои наздиайвонии маъбади Омӯ, ки оташгоҳ доранд, ҳифзи оташ ва кӯмак расонидан ба бинои асосӣ – қурбонгоҳ аст. Ин ҷо ҳаминро илова карданӣ ҳастем, ки қурбонгоҳҳои марказии оташгоҳ чанд даъфа андова шудаанд ва дар ҷараёни таъмир ҳаҷмашон бо сабаби илова кардани биноҳои хурд калонтар шудааст. Чунин ҳолат дар чор қурбонгоҳи кунҷӣ дар оташгоҳҳои шимолӣ ва ҷанубии айвон ба мушоҳида мерасад. Тибқи нақша ҳуҷраҳои ин маҷмаа чунон сохта шудаанд, ки назари «бегона» ба оташгоҳ намерасид. Низоми «тамбурӣ»-и ҷойгиркунии ҳуҷраҳои маҷмааи мураббаи наздиайвонӣ ва дарҳои амиқи онҳо, ки дар гӯшаҳои гуногун ҷойгир буданд, оташгоҳро аз шамолҳои сахти ин минтақа муҳофизат мекарданд.

Долонҳои дарози Г-монанд вазифаи хазинаро иҷро мекарданд, ки дар онҳо ашёи ба эзад пешкашшуда нигоҳ дошта мешуданд. Баъди чандин бор ғорат шудани маъбади Омӯ, чуноне зикр шуд, боз ҳам дар долонҳои он зиёда аз 5 ҳазор ашёи пешкашшуда дарёфт гардид, ки қисми зиёди онҳоро яроқҳои гуногун ва дар қабатҳои поёнӣ бештар тирҳои оҳанинпайкон ва найза ташкил медоданд. Якчанд усули нигоҳдории пешкашҳо мушоҳида ва чунин тӯҳфаҳо пайдо карда шуданд: 1) дар таворахое, ки махсусан барои нигаҳдории пешкашҳо сохта шуда буданд; 2) дар чоҳҳо ва зарфҳо (хумҳои калон, тағораҳо)-е, ки барои нигоҳдории пешкашҳо канда ё сохта мешуданд; 3) дар гӯрҳое, ки ба дохили онҳо ашёи гуногун (аксаран маҳсулоти ҳамҷинс: устухони фил, гили хоми ҳайкалсозӣ, ки бо омехтаи

«ихтилот»-и яроқи оҳанин гудохта шудаанд) партофта мешуд; 4) ашёи дар долон ва фаршҳо бетартиб афкандашуда. Тамоми ашёи дар долонҳо пайдогардида пешкашҳо барои эзадон ҳастанд, вале ба ҳар ҳол аз ҷиҳати таъйиноти нахустинашон аз ҳам фарқ мекунанд: 1) коршоям, яъне комил ва истифодашаванда; 2) тамсилаҳо – аслан рехтаҳо ва шамшеракҳое, ки аз масолеҳи шамшерсозӣ дар шакли «бозича» омода шудаанд, яъне нусхаҳои хурде, ки барои пешкаш кардан ба маъбади эзади Омӯ омода шудаанд. Дар шумори ашёи махсуси инъомшуда лавҳаҳои тиллоӣ бо тасвири баргузидагон: муъбадон, сарбозон, занон ва шутуру аспҳои ба маъбад пешкашшуда низ ҳастанд. Сето чунин лавҳае, ки дар боло онҳоро тавсиф кардем ва зиёда аз 50 лавҳаи дигар, ки ба Хазинаи Амударё шомиланд ба маъбади Омӯ тааллуқ доранд (дар ин бобат мо якчанд бор дар нашрияву маърӯзаҳо хабар дода будем). Ин ақида, то ҷое медонем, рад нашудааст. Борҳо қайд кардаем, ки қисми зиёди пешкашҳо шикастаанд ва ё қасдан пора-пора карда шуда, вале аз маъбад берун карда нашудаанд, балки бо эҳтиёт ба долонҳо баровarda шуда, дар гӯшаҳо гузошта шудаанд. Ба пешкашҳо сиккаҳо ва маҳсулоти резаи заргарӣ дохил мешаванд; қисми зиёде аз онҳо дар толори марказӣ ёфт шудаанд. Баъзе хазинаҳои танга ба даврони кушониён рост меоянд.

Дар асоси шакли ҷойгиршавии қурбонгоҳҳои маъбади Омӯ оид ба маросимҳои динии маъбадҳои оташи эронӣ тасаввурот пайдо кардан мумкин аст. Дар оташгоҳҳо оташи ҷовидон нигаҳдорӣ мешуд. Ғайр аз ин ду бинои махсус боз дар даҳлези №1 қурбонгоҳи дигар кашф карда шуд.

Дар рубъи шимолӣ-ғарбии толори марказӣ аз хиштҳои бузурги сангини бисёр нозукона пойи шаҳсутун (2,62х2,50 м) сохта шуда буд. Ин пойсутун дар маросимҳои динӣ ҳамчун асоси қурбонгоҳ хизмат мекард. Қурбонгоҳи калони боҳашамати дигар (1,7х1,7 м, бо баландии 1,24 м) дар айвон, ду қурбонгоҳи боҳашамати аз хиштҳои бузурги сангин (наздики 3 м аз як тараф) омодашуда, дар назди майдони маъбад, дар ҷойи нисбатан қадимтари қурбонгоҳҳои гилин (асрҳои IV–III) воқеанд. Боз якчанд меҳроби хурду зебо (меҳроби Атросок 57х72 мм, баландиаш 90 мм) ва бухурдонҳо ёфт гардиданд.

Чунин ба назар мерасад, ки маросимҳои асосии ҷамъиятӣ дар айвони ҳаштсутундори болопӯшида ва майдончаи назди қурбонгоҳҳо мегузаштанд. Ба дарозои айвон барои одамони иззатманд аз се тараф суфаҳои курсимонанди гилин (баландиву паҳнояшон то 0,5 м) сохта шудаанд.

## Дар матни муқоисаҳои меъморӣ

Пайдоиш ва таҳаввули маъбадҳои оташи эрониро як сӯ монда, сохтор ва таъйиноти иморатҳоро бо мақсади таҳлили муқоисавии маъбади Омӯ аз назар мегузаронем. Аз шумори зиёди маъбадҳои оташи дар меъмории Шарқ маъмулбуда барои муқоиса бо маъбади Омӯ аз ҷиҳати хронологӣ танҳо се маъбади аҳди ҳахоманишиву селевкиҳо муносибтаранд: Кӯҳи Хоҷа; наздикии Шуш (расми 4); суфаи поёнии Тахти Ҷамшед (расми 5).

Шарҳи ин намуди биноҳо бояд аз рӯи мушоҳидаи К. Шиппман оғоз карда шавад. Ӯ мегӯяд: қоидае, ки гӯё маъбадҳои оташ рӯ ба шарқ сохта шудаанд (маъбадҳои Шуш, Фратадара дар Тахти Ҷамшед, Барди Нишанд, Сурхкутал, Дилбарҷин ва Тахти Сангин дар назаранд)

қатъӣ риоя нашудааст (Кӯҳи Хоҷа рӯ ба шимолу ғарб, маъбади Ҳазра рӯ ба ғарб аст).

Маркази тамоми маъбадҳои мазкур маъмулан толори мураббаи чорсутуна аст. Он шояд дар рамзиёти меъмории эрониён нақши муҳимме дошта бошад. Дар ҳолатҳои истисноӣ ин толори чорсутуна дар шакли бинои озод сохта мешуд (кохи ибодати Кисро дар Тахти Ҷамшед, тахминан соли 480 то милод). Толорҳои маркизии чорсутуна ва толорҳои шабеҳи он ба як, ду ё се тараф роҳи баромад доштанд, ки ин аслан рамзи кайҳонии пайванди фазоиро ифода мекарданд.

Хосияти дувуми маъбадҳои оташи эронӣ ин аст, ки дар атрофи онҳо даҳлезҳо бино шудаанд. Аммо на ҳама долонҳои ҳафршуда (махсусан дар маъбадҳои асри VI то милод) маъбадро ҳамаҷониба иҳота кардаанд. Дар ташаккули сохтори маъбадҳои оташи эронӣ (дар марҳалаи гузариш аз сохтори иқоматгоҳи шоҳ ба иқоматгоҳи эзад) толори марказӣ баъзан бо даҳлезҳои муназзам иҳота мешуд, ки шояд дар марҳалаҳои ибтидоӣ ин ҳолат дида намешуд.

Аз ҷиҳати тақсимшавии долонҳо маъбадҳои оташи шарқӣ асосан ба се навъ ҷудо мешаванд: 1) маъбадҳои дорои долонҳои П-монанди ҳошиядор аз ҷониби паҳлу ва пушти бино (ба ин навъ қариб ҳамаи маъбадҳои маъмули оташ дохил мешаванд: Кӯҳи Хоҷа, Шуш, Шаҳр, Сурхкутал, Дилбарҷин; 2) маъбадҳои дорои долонҳои Г-монанд, ки толорҳоро аз паҳлӯ ва пушти бино иҳота кардаанд (маъбади Омӯ ва шояд Фратадара дар Тахти Ҷамшед; 3) маъбад бо ду долони паҳлуӣ (Барди Нишанд).

Типҳои дувум ва савум истисноӣ менамоянд, аммо кашфиёти оянда шояд ин андешаро тағйир диҳанд. Тақсимоти долонҳои навъи якуму дуюм (бо буриши кунҷи

рост) бо ду роҳ амалӣ мешуд: одии гардишдор; бо деворҳои дардор ва сутунҳояшон ба ҳам наздик. Навъи якум дар маъбадҳои Шуш, Шаҳра, Ҳазра ва гунаи дуюм дар маъбадҳои Кӯҳи Хоҷа, Омӯ ва шояд дар Фратадара истифода шудаанд.




**Расми 4. Лоиҳаҳои маъбади оташ:**
**а) Маъбади наздики Сӯз, асрҳои V–IV то милод.**
**б) Маъбади Кӯҳи Хоҷа, асрҳои VI–V то милод.**

Намунаи дар пушти толори марказӣ сохтани ниҳонхона – ҳуҷрае, ки танҳо бо толор алоқаманд аст, кам ба мушоҳида мерасад (Кӯҳи Хоҷа, Барди Нишанд). Айният додани ин биноҳои росткунҷа ба оташгоҳҳо мумкин нест, чунки дар композитсияи бисёре аз маъбадҳои оташ ҳуҷраҳои дарунӣ вуҷуд надоранд. Айният додани ин ҳуҷраҳо бо оташгоҳ дуруст нест, зеро ниҳонхонаҳо дар сохтори на ҳама маъбадҳои оташ вуҷуд доштанд. Аз рӯйи бозёфтҳое, ки дар ниҳонхонаҳо вуҷуд доранд, ин

ҳуҷраҳоро ҷойи нигоҳдории ҳайкали эзадон низ донистан чандон дуруст нест, чунки то ҳол мавҷудияти бутҳо дар маъбадҳои оташи эронӣ на аз тариқи бозёфтҳо, на дар осори хаттӣ ва на бо мушоҳидаи хусусиятҳои ҳунари меъмории ҳахоманишӣ тасдиқ нашудааст. Хазинаи маъбад ҳисобидани ҳуҷраи дарунӣ ба ҳақиқат наздиктар аст, зеро он бо хазинаҳои маъбадҳои юнонӣ, ки барои нигаҳдории нақдина ва тухфаҳои нисбатан арзишманд хизмат мекарданд, шабоҳати зиёд дорад.

Хусусияти асосии бандубасти маҷмааи маъбадҳои оташи эрониро мавҷудияти ҳатмии айвони болопӯшида ва ҳавлии пеши маъбад ташкил медиҳад. Сохтори худи ҳавлиҳо бошад гуногун аст: ҳавлиҳои атрофашон бинодор (Кӯҳи Хоҷа, Кӯҳи Варқа, Фратадара (?), Ҳазра), долондор (Шуш, маъбади Омӯ) ё долони сутундор (Шаҳр, Сурхкутал).

Шумораи сутунҳои айвони сутундор ҳатман ҷуфт аст, ҳарчанд ин талаботи дину оин нест: Шуш, Шаҳр – дуто, Кӯҳи Хоҷа – чорто, Кӯҳи Хоҷа (эллинӣ)—шашто, Фратадара ва маъбади Омӯ – ҳашто (чортоӣ дар ду қатор). Яъне бо сутунҳо ороиш додани пештоқи маъбади оташ ҳатмӣ буд ва ин боиси пайдоиши айвони болопӯшида мегардид.

Байни айвон ё даромадгоҳи маъбад дар ду маъбади пешина ва ду маъбади баъдина долонҳои дарози ба ҳам пайваст кашф шуданд (Шуш, Фратадара, Шаҳр, Дилбарҷин), ки онҳо барои ба толори марказии чорсутунаи муқаддас расидан, ҳамчун монеаи иловагӣ хизмат мекарданд. Вазифаи асосии ин биноҳо фароҳам овардани имконият барои аз дохил давр задани толори марказӣ буд.

## Оташгоҳҳо-ҷузъи зарурии маъбадҳои оташ

Ба назари мо ҳангоми таҳлили вазифаҳои сохтории маъбадҳои оташи эронӣ, диққати асосӣ бояд ба биноҳои ҷуфти росткунҷа ё дар маҷмӯъ ба худи биноҳои рӯ ба ҳавлӣ равона карда шавад, зеро мавҷудияти ҳатмии чунин биноҳо аз муҳиммияти онҳо дар маҷмааҳои қадимии ибодатгоҳҳо шаҳодат медиҳад. Чунин биноҳо, ки аз ҷануб ва шимол айвони иҳотавӣ доранд (оташгоҳи маъбади Омӯро айни ҳамин биноҳо донистан аз нигоҳи бостоншиносӣ дуруст аст), диққати муҳаққиқонро махсус ҷалб намекарданд, ҳарчанд онҳо дар пайдоиши маъбадҳои оташ нақши калидӣ дошта, боиси ба вуҷуд омадани биноҳои дигаре шуданд, ки дар анҷом додани расму оини динии дастаҷамъӣ нақш мебозанд. Маъмулан дари даромадгоҳи марказӣ бо хати амудии даромадгоҳ мувофиқ сохта мешуд. Ҳамзамон дари баромад аз оташгоҳ ба ҳавлии пӯшида низ ба анҷом додани маросими динӣ ихтилоф надорад.




**Расми 5. Тахти Ҷамшед. Маъбади оташ: а) Нақша (азнавсозии И.Р.**

Пичикян); б) Нақша (aзнавсозии Д. Стронах).

Натиҷаи бозбинии айнияти ҳуҷраҳои рӯ ба ҳавлӣ, ки аз муҳимтарин ҷузъиёти маъбадҳои оташи эронӣ ба шумор мераванд, ақидаи қаблии муҳаққиқонро дар бораи носозгорӣ ва ба ҳам мухолифат доштани унсурҳои ин гуна маъбадҳо инкор мекунад. Бар замми ин, дар иҳотаи биноҳои рӯ ба ҳавлӣ қарор гирифтани оташгоҳ ба талаботи динии эрониҳо мувофиқат мекунад, ки кайҳо аз тарафи муҳаққиқон қайд шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқи ақлӣ (на археологӣ)-и тамоми қисматҳои оташгоҳ ба ғайр аз биноҳои рӯ ба ҳавлӣ, пажӯҳишгарони маросимҳои динии зардуштиён диққати худро ба нуктаҳои мобайнии маросим равона карда, нуктаҳои ибтидоиро сарфи назар кардаанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки оташи абадӣ дар биноҳои махсус – оташгоҳҳо, нигоҳ дошта мешуд. «Роҳ»-и минбаъдаи оташи муқаддас (бурдани он бо машъалҳои афрӯхта) то қурбонгоҳи толори марказӣ, ҷое ки танҳо хосон роҳ дода мешуданд, идома меёфт (қурбонгоҳи иловагӣ, ки дар долони паҳлӯи воқеъ буд, дар ин ҷараён аҳаммияти муваққатӣ дошт). Маросимҳои умумӣ берун аз маъбад, дар ҳузури ҳамагон, бо овардани оташ аз толори марказӣ ба айвон ё меҳроби бузург оғоз меёфт. Роҳи тахминии овардани оташи муқаддас аз оташгоҳ ба айвон ё ҳавлии қурбонгоҳ аз аввал то охир аз ҷониби ҳама муҳаққиқон тасдиқ шудааст. Вале аксар вақт саҳван дилхоҳ бинои махфиро, ки аз даромадгоҳ хеле дур қарор дошт, ҳамчун оташгоҳ қабул мекарданд. Бархе аз муҳаққиқон толорҳои марказии чорсутунаро ҳамчун оташгоҳ медонистанд; дигарон – ҳуҷраҳои росткунҷаро, ки баъд аз онҳо ҷой доштанд ва танҳо бо толори марказӣ пайваст буданд (тахмини комилан воқеӣ, агар тасдиқи археологӣ меёфт, ё ҳуҷраҳо на дар ду, балки дар ҳама

маъбадҳо мавҷуд мебуданд, чуноне ки мо биноҳои рӯ ба ҳавлиро ба оташгоҳҳо айният додем); сеюм – долони паҳлӯӣ (дар маъбадҳои Омӯ ва Фратадара дар ҳақиқат дар долони паҳлӯӣ чунин қурбонгоҳҳо ёфт гардиданд). Ҳамин тариқ, муҳаққиқон макони охирини оташи муқаддасро пас аз интиқоли он аз толори марказӣ, макони аслии он гумон карданд. Ин андешаро К. Шиппман – мутахассиси бузурги маъбадҳои оташи эронӣ, чунин баён доштааст: «Ба маъбадҳои эронӣ дар дохили як маҷмаа ҷойгир будани оташгоҳ ва макони ибодати дастаҷамъӣ хос аст». Толор ибодатгоҳ нест, балки танҳо ҷойи ҷамъиятӣ аст, илова бар ин худи К. Шиппман на ҳамеша оташгоҳ ва толори марказиро моҳиятан баробар мешуморад. Сабаби ғалат муайян кардани оташгоҳ дар он аст, ки муҳаққиқон ба масъалаи ҷойгиршавии табақаҳои гуногуни ҷомеа дар маросими наззораи оташи муқаддас аҳаммияти камтар додаанд. Онҳо бештар ба масъалаи «махфият»-и оташи муқаддас таваҷҷӯҳ кардаанд. Дар ҳақиқат ин «махфият» ба мавҷудияти сохтори табақотии ҷамъият ишора мекунад, ки хеле мушаххас буд. Қаробат ба оташ аз дараҷаи огоҳӣ, обрумандӣ ва дороии хайркунанда вобаста буд. Коҳинон машъалҳои фурӯзонро аз як қурбонгоҳ ба қурбонгоҳи дигар мебурданд, ки ин раванд дар тасвирҳои эронӣ, нақшҳои муқарнаси боҳашамат ва расмҳои айнии хурд дар лавҳаҳои тиллоии давраи ҳахоманишиҳо, ки дар Хазинаи Амударё ёфт гардидаанд, ба назар мерасанд.

Айният додани оташгоҳ ба ду ҳуҷрае, ки дар айвон ҷойгиранд, тасодуфӣ нест, балки ин даъво ба он асоснок карда мешавад, ки дари онҳо бо толори марказӣ ба таври амудӣ қарор доранд ва ин ба хотири нигоҳдории оташ аз назари бегонаҳост. Ақидаи эҷоди монеаҳои махсус барои пешгирӣ аз мушоҳидаи бармаҳали оташи муқаддас аз

тарафи К. Шиппман тавассути маълумоти Дороби Ҳурмузёри Ривоят аз нақли Баҳмани Пунийи зардуштӣ ба ҳамдинонаш дар соли 1627 асоснок карда мешавад: «Мегӯянд, ки (дар ойини шумо – И. П.) на ҳар кас метавонад оташи Варҳармаро бинад. Ба ин иҷозат нест. Мебояд (танҳо – И. П.) коҳинон оташи Варҳармаро бинанд. Дигар касе ҳақ надорад ӯро бинад, чунки ин ба қонуни дин рост намеояд». Муаррихи меъмории шӯравӣ В. Нилсен чунин мешуморад, ки нурҳои мустақими офтоб набояд ба оташи қурбонгоҳ бирасад (қурбонгоҳи оташгоҳ дар назар аст, чунки айвони қурбонгоҳ ва ҳавлиҳои маъбад рӯ ба шарқ доштанд). Биноҳои рӯ ба ҳавлиро ба оташгоҳ айният додани мо низ ба ин талаботи зардуштиён, ки на танҳо назари бегона, балки нурҳои офтоб низ бояд ба оташи муқаддас нарасанд, мувофиқати комил дорад.

Муайян кардани макони оташгоҳ дар биноҳои паҳлӯии пеш аз толори марказӣ имкон медиҳад, ки бандубасти меъмории марҳалаҳои пешини маъбадҳои оташ – айодон (дар ин китоб ба маънои ҷалбнашудаҳо), ки сохтори асосии меъмориро ташкил дода, тибқи лоиҳа бо «сароча» – иқоматгоҳи шоҳ, пайваст буданд, ошкор карда шавад.

Нишон додани мавҷудияти оташгоҳ дар сохтори маъбадҳои оташ, аввалан дурустии айниятдиҳии тамоми ин навъи биноҳоро тасдиқ мекунад; дуюм, имконият медиҳад, ки бо дарназардошти мавҷудияти ҳатмии ду оташгоҳ дар долонҳои рӯ ба ҳавлии маъбад осори таърихии баъдҳо кашфшударо ба гурӯҳи маъбадҳои оташи эронӣ шомил намоем; сеюм тавассути ин нишондод, имкон пайдо мекунем, ки раванди пайдоиш ва ташаккули тарҳҳои меъмории маъбадҳои оташи эрониро дар тамоми муддати фаъолияти ин навъи басо муҳимми биноҳои муқаддас дар

матни таърих, фарҳанг ва тасаввуроти динии эрониҳо ба мушоҳида гирем.

Барои таҳлили муқоисавии маъбади Ому̅, ки дар Бохтар ёфт гардид, бо дигар маъбадҳои оташи эронии ғарбӣ лозим аст, ки дар самти муайянсозии тарҳи асосӣ ва хусусиятҳои хронологии ин биноҳо корҳои аввалия ба анҷом расонида шаванд. Ҳарчанд ақидаи нуқсон доштан ё «бесифат будан»-и лоиҳаи ин маъбадҳо муболиғаи маҳз аст, ба ҳар ҳол лоиҳа ва хусусиятҳои хронологии ҳар як маъбади оташи машҳури эронӣ ба таҷдид ва бознигарии ҷиддӣ эҳтиёҷ доранд. Ому̅зиши аз ҳама бештарро маъбади оташи Тахти Ҷамшед тақозо намуд, ки он барои муқоиса бо маъбади оташи Ому̅ интихоб шуда буд.

## ҲУНАРИ ЭЛЛИНИИ МАЪБАДИ ОМУ̅

### Муҳтавои мавзу̅ъ

Аз се маҷмааи бузурги Бохтар – Хазинаи Ому̅, Ойхонум ва маъбади Ому̅, ки таҳти таъсири ҳунари эллинӣ бунёд шудаанд, сеюмӣ аҳаммияти бештари археологӣ дорад. Ин аҳаммият пеш аз ҳама дар бозёфтҳои гуногуни антиқии маъбад таҷассум ёфтааст, ки андешаи муаллифони қадимро дар бораи истиқомати лашкари Искандари Мақдунӣ дар Бохтар тасдиқ мекунанд. Ҳамзамон ин ҳолат имкон медиҳад, ки таъсири гуногуни фарҳангҳои антиқӣ ба маданияти Бохтари даврони эллинӣ таҳқиқ карда шавад.

Кашфи маҷмааҳои меъморӣ ва пайкараҳои мукаммал ва гуногуни Ойхонум ва Тахти Сангин тасаввуроти мавҷударо комилан дигар карданд: минбаъд фарҳанги юнонӣ-бохтариро хаёлоти хом шумурдан худ ғалат аст, он дигар ба ҳақиқат табдил ёфт.

Таҳқиқи шоҳкориҳои боҳашмат ва маснуоти дастсози дар маъбади Омӯ ёфтшуда нишон доданд, ки дар замони эллинӣ, дар давраи Бохтари аҳди Селевкиҳо ва баъдан дар давлати мустақили Юнону Бохтар бо шаҳрҳои юнонии атрофи Баҳри Миёназамин робитаи муназзам ба роҳ монда шуда буд. Миёнаравӣ дар кори тиҷорат, ки бар асари он тилло ва устухони фил аз Олтой ва Ҳиндустон ба Эрон ва Баҳри Миёназамин мерасиданд, ба рушди заргарӣ ва ҳунари устухонтарошӣ мусоидат кард. Ба ҳайси намунаҳои барҷастаи пайкарасозии хурд ва сикказанӣ на танҳо сиккаҳои юнонӣ-бохтарӣ, балки як қатор маҳсулоти хурди дар худи Бохтар истеҳсолшуда низ хизмат мекунанд. Бо кӯчманчиёни шимолӣ ба роҳ мондани тиҷорати маснуоти заргарӣ, аз ҷумла маснуоти эллинӣ, ки талабгори зиёд доштанд, ҳамзамон робитаи байнифарҳангиро вусъат мебахшид.

Интишори ҳунари меъморӣ ва забони бадеии эллинии шарқӣ дар як ҳудуди паҳновар боиси рушди санъати тасвирӣ ва нашъунамои мактабҳои маҳаллӣ гардид, ки дар онҳо хусусиятҳои этникӣ, динӣ ва фарҳангии халқиятҳои юнониву бохтарӣ дар як падидаи нотакроре бо номи фарҳаги юнонӣ-бохтарӣ ба ҳам омаданд.

Дар асоси азназаргузаронии маснуоти пайкарасозии калону хурд, пайкара ва нақшҳои муқарнас, ки дар Тахти Сангин ёфт гардида, аз пайкараи биринҷии азим (баландиаш 5 м; танҳо кафи пойҳояш маҳфуз мондааст) то хурдтарин миниатюра (3 см; нимпайкараи Искандари Мақдунӣ)-ро дар бар гирифтаанд, муҳаққиқон кӯшиш доранд, ки хусусияти ҳакалтарошии бохтариро дар охири асрҳои IV–II ошкор кунанд. Як қатор пайкараҳои арзишманди шоҳону ҳокимон, рӯҳониён, инчунин дигар пайкараҳои аз гили нопухтаи маҳаллӣ ва гаҷ омодашуда,

ки баъдан ранг, нақшу нигор ва зарҳал давонида шудаанд, ба ҳайкалтарошони маҳаллӣ дахл доранд, ки ин ҳолат барои таърихи фарҳанг аҳаммияти зиёд дорад.

Дар маъбади Ому анвои асосии ҳунари пайкарасозӣ – пайкараҳо, тандисҳои дастгоҳӣ, ҳайкалчаҳои хурд ва дигар намунаҳои ҳунарӣ (нақшҳои муқарнаси нуқрагӣ, оҷӣ ва ғ.) пайдо карда шуданд. Новобаста аз ягонагии маҳсулот, услуб ва вазифаашон пайкараҳо аз рӯйи андоза, мавзӯъ ва шаклашон (рӯйнигораҳо, пайкараҳои жанрӣ) фарқ мекунанд. Ҳарчанд аз рӯи маҳсулот гурӯҳбандӣ кардани маснуот чандон дуруст нест, аммо ҳунари устоҳои маҳаллиро бештар бо шарофати омӯзиши ботафсили пайкараҳои гилин баҳо додан мумкин аст. Гил аз зумраи он маҳсулотест, ки иттилооти бештар пешниҳод намуда, аз ин ҷиҳат боиси таваҷҷӯҳи зиёд қарор гирифтааст.

Мӯҳтавои мавзӯии ҳайкалҳои маъбад ягона аст. Ин ҷо тасвири эзадон, ҳокимон ва эҳтимол коҳинон, хайркунандагон ёфт гардидаанд. Рӯйи пайкараҳо ба якдигар нигаронида шудааст, ҳарчанд онҳо дар ҳама ҷо гузошта шудаанд. Доир ба аввалин макони пайкараи гилини ранга ва алоқамандии он бо намои беруна маълумоте нест, танҳо тахмин метавон кард, ки он дар айвон ё толори маркази маъбад ҷойгир будааст (долонҳо шояд бо чароғ равшан мешуданд).

Пайкараҳои маъбади Ому дар шакли тандисҳои ростистода ва тимсолҳои нишаста ба мушоҳида мерасанд. Шояд баъзе аз онҳо бо ҳам иртибот дода шуда, як силсиларо ташкил медоданд, баъзеи дигарашон шояд дар «нигористон»-и шоҳон ва ворисони онҳо (наврасону кӯдакон) ҷойгир карда шуда буданд.

Аз рӯйи сабк ва таърихи офариниш ҳайкалҳои гилинро метавон ба се мактаби мухталиф мансуб донист. Ба

мактаби якум пайкараҳои давраҳои Селевкиён ва давлати Юнону Бохтар (ду рӯйнигараи Селевкиҳо) мансубанд, ки аз рӯйи анъанаи осиёихурдии юнонӣ офарида шудаанд. Ба гурӯҳи дуюм пайкараҳои мактаби бохтарӣ дохиланд, ки чеҳраҳои равшани бохтариро таҷассум мекунанд. Ба гурӯҳи сеюм пайкараҳои бо услуби юнонӣ-қандаҳорӣ иҷрошуда дохил мешавад. Аз гурӯҳи дуюму сеюм танҳо як намунагӣ боқӣ мондаанд.

Интихоби маҳсулот – гил, ки дар давраҳои баъдӣ дар фарҳанги Бохтару Суғд маъмул гардид, ба осонии коркарди он ва ба зудӣ ба ҳадаф расидани усто вобастагӣ дошт. Эҳтимол меравад, ки интихоби гил ҳамчунин ба анъанаи истифодаи он дар корҳои меъморӣ-ороишӣ иртибот дорад, зеро онро устоҳои мактаби юнонӣ-бохтарӣ зиёд ба кор мебурданд. Гаҷкорӣ, ки хоси ҳайкалтарошии юнонӣ буд, на дар марҳалаи ниҳоӣ, балки дар ҷараёни ҳайкалсозӣ, барои қолабгирӣ ба кор бурда мешуд. Пайкараҳои юнонӣ-бохтарии Ойхонум ва маъбади Омӯ – намунаи пойдории фавқулодаи пайкараҳои гилӣ (2300 сол) мебошад.

Дар тасвирнигории сужетии пайкараҳо тимсоли эзадони об мавқеи асосӣ дорад. Тасвирҳои таҳқиқшудаи Марсий-Омӯ, Силен-Ахелой ва париҳои Гиппокампесс (аспҳои баҳрӣ) тассавуроти моро оид ба дин ва дараҷаи эллинишавии Бохтар, дар бораи дар Бохтар, аниқтараш дар маъбади Омӯ вуҷуд доштани ибодатгоҳи бузурге бо тасвири эзадони гуногунхислати бо услуби эллинӣ тасвирёфта дақиқ мекунад.

## Тасвири эзади дарёи Омӯ – Вахш

Барои муайян кардани хусусияти маъбади ҳафршуда тасвири эзади дарёи Омӯ, ки навиштаҷоти юнонӣ дорад, аз

тамоми 5000 навиштаҷоти дар Тахти Сангин ёфтшуда, муҳимтар аст. Тасвири Силен Марсий – эзади Омӯ, ки найи дуқӯша менавозад, дар меҳроби кӯчаки оҳаксангӣ часпонида шуда, навиштаҷоти қадими юнонӣ дошт. Ин тасвири барҷаста, ки Атросок онро ба эзади дарёи Омӯ бахшидааст, айни замон ба куллӣ таҳқиқ шудааст.

Силен Марсий бо қомати рост дар пояи биринҷии хурд, ки бо худи тасвир якҷоя рехта шудааст, қарор дорад. Он дар қисмати болоии таҳкурсӣ, дар лавҳаи кӯчаки росткунҷаи махсус (17х15 мм)-и умқаш 7–8 мм аз сурб рехта шудааст. Дар дастҳои лоғари қаткардаи Силен – найи дуқӯша аст. Сараш андаке ба китфи росташ хам карда шудааст. Тосагии байни сарро мӯйҳои дароз иҳота кардаанд. Мӯйи сар бевосита ба риши паҳни кӯтоҳ мепайвандад. Дар риш ва мӯйи сар раххо дида мешаванд. Дар пешониаш ду ожанг аст: яке амудӣ, дигаре кӯтоҳи уфуқӣ, онҳо ба чеҳраи ӯ ҷиддият мебахшанд. Чашмони хурдаш чуқур ҷой гирифтаанд. Бинии паҳн ва рухсораҳои барҷастааш бо мӯйҳои ғафс пӯшонида шудаанд. Каллаи калон бо гӯшҳои нӯгтези бузмонанд, бинии паҳни устухонаш шикаста, пайкараи бадафти шикамкалон хоси Силен мебошад. Пойҳояш рӯ ба рӯ, каме ҳандасӣ ва умумӣ тасвир шудаанд. Пойи чап каме ба пеш гузошта шудааст. Ангуштони дасту пой равшан нестанд, ки ин сабки тасвир хоси даврони классикист. Агар пайкараро аз паҳлӯ нигоҳ кунем, шиками барҷаста ва сари калон сахт ҷудо шуда меистанд. Китфон номутаносиб, борик, андаке аз сар паҳнтаранд.

Рахи чуқур аз таги манаҳ то ноф синаҳои овезони ӯро аз якдигар ҷудо кардаанд. Гирди нофаш хати мудаввар дорад. Тасвири Силен Марсии пайкараи мо аз карикатураи иғроқомез холӣ нест. Тимсоли Марсий ба чеҳранигораҳои

карикатурии Суқрот, ки дар даврони классикии қадим офарида мешуданд, иртибот дорад.

Таҳкурсии Силен Марсий, ки дар Тахти Сангин дарёфт шудааст, ба қурбонгоҳи хурд шабоҳат дорад. Он шакли мукааби марказаш каме тарошидашудаест, ки раххои паҳлуияш моил ба каҷианд. Қисмати болоии қурбонгоҳ андова шуда, боқимонда беҳавсала тайёр шудаанд. Ҷузъиёти андова номутаносиб буда, на дар ҳама ҷо паҳниаш баробар аст. Дар маҷмӯъ, бояд қайд кард, ки таносуби қатъӣ ва шаклҳои ҳандасӣ халалдор шудаанд.

Аз ҳафриётҳо маълум аст, ки дар остонаи айвони маъбади Омӯ қурбонгоҳи бошукӯҳе меистод, ки ҳамин гуна шаклу намуд дошт, вале нисбатан ҷиддитар ва муназзамтар. Аниқтараш поя-меҳроби Атросок ҳамчун нусхаи хурди қурбонгоҳи боҳашамати маъбад сохта шуда буд. Тасодуфан ба ҳам монанд шудани онҳо, ба ақидаи мо, ғайриимкон аст. Қурбонгоҳи боҳашамат дар қитъаи поёнии назди маъбад, дар охири асрҳои IV–III сохта шуда буд. Шакли чунин қурбонгоҳҳо, дар давраҳои аввали эллинизм дар Юнон ва Осиёи Хурд ба вуҷуд омада, дар музофоти ҷаҳони антиқӣ ва қисман дар ҳаволии Баҳри Сиёҳ васеъ паҳн шуда буд. Ин шакл аввал бо параллелограмми пасту дарозрӯя якҷоя арзи ҳастӣ карда, баъдан онҳоро иваз мекунад.

Аввалин хусусиятҳои пайкараи болои таҳкурсӣ – Силен Марсий, тавассути омӯзиши моҳияти ин эзад ва алоқамандии он бо обҳо тасдиқ мешаванд. Силен Марсий дар достонҳои силсилавии фригиягӣ ва баъдан олимпӣ чандон мавқеи баланд надошт. Ӯ фарзанди Меандр – эзади дарёи маъруфи Осиёи Хурд буда, ҳомии яке аз шохобҳои пурзари ин дарё ба ҳисоб мерафт. Марсий ҳамчун найнавоз низ шуҳрат дорад.

...Ҷӯю дарёҳои ба Марсий бахшидашуда дар мавзеъҳои мухталифи Осиёи Хурд, Лидия, Кария, Сирия, Коммаген, Вария ва ғайра зиёданд. ...Барои таҳқиқоти мо аз тилло ва реги тиллодор ғанӣ будани соҳилҳои Марсий чун соҳилҳои Омӯ бисёр аҷиб аст. Дигар муаллифон рӯирост, вале Ҳеродот ба таври пӯшида ҳикояи Пифии келениро, ки насабаш аз Лидия буда, ба Кайхусрав барои ҷанг бо Юнон тақрибан чаҳор миллион дарик тилло пешниҳод карда буд, нақл кардаанд (VII, 27, 29). Дар бораи дарёи Марсий, Ксенофонт ҳам хотиррасон мекунад (Anab. I, 2, 8); ӯ инчунин дар бораи иди Кибела маълумот медиҳад, ки форсҳо онро тахти навои най ва зарба задан ба сипарҳои якдигар ҷашн мегирифтанд (VI, 1, 10).

...Дар сюжетҳои асотирӣ Марсий ҳамеша ба ҳайси эзади дарёӣ, созандаву навозандаи моҳири най инъикос меёбад... Силен тавассути Кибела ва куретҳо аввал бо қувваҳои бади зеризаминӣ – эзадони зеризаминӣ, робита пайдо кард; ҷараёни дарёҳои ба қаъри бетаг ҷоришаванда боиси дар ривоятҳо ба марг алоқаманд кардани ӯ гардиданд.

...Аз хусусиятҳои ғайриҳатмии Марсий гӯшҳои бузмонанд ва думи кӯтоҳи ӯ мебошанд, ки алоқаи ӯро бо сатираҳо ва қабилаҳои чӯпонии фригиягӣ ифода мекарданд.

...Барои муайян кардани хусусиятҳои Марсий сарчашмаҳое муҳимманд, ки номи вай навишта шудааст. Қисми зиёде аз онҳоро О. Йессен ҷамъоварӣ кардааст (1894–1897, сутунҳои 2453–2460). Дар ин сарчашмаҳо зикр ёфтааст, ки барои фарқ кардани Силени Марсӣ аз дигар силенҳо ва сатирҳо (ҳамроҳони Дионис) навиштаҷоти махсус лозим аст. Чунончи дар зери лавҳае, ки чор сатира Силени найнавозро гӯш мекунанд, чунин навиштаҷот ба

мушоҳида мерасад: ΜΑΡΣΥΑΣ... Дар лавҳаи барҷастаи сурхи луканӣ, ки дар он мусоҳибаи Марсий бо Афина тасвир ёфтааст, як марди ришдор ва баднамои 40–50-сола бо пешонии барҷастаи бемӯй, бинии уқобии сӯроххояш паҳн тасвир ёфтааст. Зери акси Марсий матни мушобеҳ – ΜΑΡΣ (ΥΑΣ) ба назар мерасад.

Сиккаҳо гурӯҳи махсуси иттилоотиро ташкил мекунанд. Аз нимаи асри IV то милод то охири даврони эллинӣ эзадҳои дарёӣ Ахелой, Лик, Борисфен, Пантикап, Меандр ва Марсий дар шакли нимпайкара ё сари марди ришдори дорои андомҳои ҳайвонӣ – шох ва гӯшҳои буз тасвир мешуданд. Дар ин миён тасвирҳои Ахелой ва гурӯҳи ӯ нисбатан ба мушоҳида мерасанд. Барзагови одамсар ва ришдорро сиккашоносон ба ҷараёнҳои об айният дода, силсилаи Ахелойро аз ин нисбат истисно мекунанд. Одатан сари марди ришдор (на ҳама вақт бо шох ва гӯши буз) ё ин ки сари ҷавон (аксаран бо шохҳои хурд) ба тасвир гирифта шудаанд.

Шояд тимсоили Ахелой – писари Океан ва Тефия, сарвари 3 ҳазор эзади дарёӣ, ки дар муҳориба бо Геракл симои барзагов ё ҳайвони одамсари шохдорро гирифтааст, дар тасвири дигар эзадони дарёӣ таъсири зиёд расонда бошад.

Бисёри тасвирҳои Ахелой, эзади тавонои дарёӣ ва дигар эзадони дарёӣ дар шаклу шамоил ба Силен Марсий шабеҳанд, ки дар феҳристи Ф. Имхоф-Блумер ҷамъоварӣ шудаанд. Дар ин нигористон миёни дигар эзадони дарёии ба якдигар монанд ва хешони наздик муҳрҳои Борисфен, Тирас, Истро (ба истисноп Пантикап) ҷолиби таваҷҷуҳанд. Ин эзадони ришдори дарёӣ шохи майда доранд. Дар ин миён тасвирҳои Силен Марсий хеле аҷибанд. Дар сиккаҳои

мудаввар ва хурди румӣ, ки тасвирҳои зиёдро ғунҷонидаанд, Силен Марсий бо нишонаҳои нотакрори худ – найҳо ва дарёи хурӯшон тасвир ёфтааст.

... Аз таҳлили маълумоти ба дастовардаи сиккашиносон ба чунин хулосаҳои қатъӣ омадан мумкин аст: 1) хусусияти муҳимтарини чеҳранигории Марсий дар санъати тасвирии антиқӣ ҳамеша най будааст; 2) Силени Марсӣ дар бисёр ҳолат муйсафеди ришдор ва тоса тасвир шудааст; 3) барои Силен Марсий гӯшҳои бузмонанд, думи кӯтоҳ ва пӯсти юз хусусияти ҳатмӣ нестанд; 4) Силен Марсий ба сифати эзади дарёӣ доимо бо найҳо баромад мекунад, баъзан ин тасвирҳоро ҷараёни об ва номи дарёҳо пурра мекунанд. Дар тангаҳои Апамея Марсий ҳамноми дарёҳост.

...Масъалаи санагузории пайкараи Силени маъбади Омӯ мушкил аст ва ҷавоби аниқ надорад, чунки на танҳо ҳайкали биринҷии хурд, ҳатто пайкараҳои бузурги мармарини давраи эллинӣ дар фосилаи васеи асрҳои III–II санагузорӣ мешаванд.

Сабки ҳолати Силен Марсийи Тахти Сангинро дар пайкараҳои ганҷинаи осорхонаи Бостон ба мушоҳида мерасад, ки онҳо саҳван Панамҳо номгузорӣ шудаанд. Аммо эзадони найнавоз ба Силени Тахти Сангин камтар монандӣ доранд. Силени осорхонаи Кассел – №23 ба Силени Тахти Сангин бисёр монанд аст, ҳарчанд қадимтар аст. Бадани мушакҳояш барҷастаю қавӣ дар шакли умумиятдодашуда тасвир ёфтааст, ҳарчанд шиками Силени касселӣ нисбатан хурдтар ва сараш калонтар тасвир ёфтаанд, ки ин ҳолат ӯро ба Марсий маъбади Омӯ наздик мекунад.

Силени давраи румӣ, ки аз нусхаи аслии элинии пешин гирифта шудааст, бо Силени Тахти Сангин монандии зиёд дорад. Ҳарчанд рӯйи ин Силен каме суда шудааст, вале риш ва мӯйҳои атрофи тосагии сари ӯ бо мӯйҳои паҳну парешони Силен Марсий мо бисёр наздик аст. Фарқият дар он аст, ки Силени касселӣ рост истода, дасти росташро бардошта, шикамашро каме дарҳам кашидааст ва думи хурд дорад. Намунаи Патр, ки ба асри IV то милод дахл дошта, онро М. Бибер ҳамчун айният овардааст, чандон муътамад нест.

Аз рӯи услубшиносӣ монандии аз ҳама наздик ба Марсийи Тахти Сангинро, мо дар ганҷинаи осорхонаи Британия дарёфт кардем, ки Марсий №468 мебошад. Вай дар дастонаш ду най дорад ва гӯшҳояш бузмонанданд. Уолтере монандиро бо тасвири Марсий дар тангаҳои Апамеяи Фригия мебинад (ин монандӣ ба мо маълум нест). Афсӯс, ки Силенҳо ва Марсийҳои ҷудогона дар феҳрасти нашршуда санаи аниқ надоранд. Аз рӯи тақсимоти санагузорӣ ин пайкараҳо бояд ба давраи эллинӣ рост оянд.

Ҳайкалчаҳои биринҷии даврони румӣ аз нусхаи дурушт, умумиятдёфта, беҳавсала сохташуда, инъикоси равшанию торикиаш дар сатҳи пасти Тахти Сангин сахт фарқ мекунанд. Инчунин сифати биринҷии ҳайкали Тахти Сангин пасттар шудааст: ковокиҳо бештар ва коркарду суфтакунии филизот камтар мушоҳида мешавад.




**Расми 6. Палеографияи навиштаҷоти сареҳи юнонии Эрони Шарқӣ: I. Ҳарфҳои калон; II. Ҳарфҳои калони моил; III. Ҳарфҳои моил (ҷадвали Ю.Г. Виноградов)**

Монандиҳои мазкур ва таҳлили муқоисавии пайкараи дар таҳкурсӣ қароргирифтаи Силени Марсийи маъбади Омӯ нишон доданд, ки онро ба асрҳои III–II санагузорӣ кардан мумкин аст. Ин ҳайкалча вобаста ба замони худ бодиққат ва бо маҳорат сохта шудааст. Таҳлили маъноии чунин тасвирҳо исбот мекунад, ки алоқамандии пайкара бо навиштаҷоти ба эзади дарёи Омӯ дахлдошта беасос нест. Баъди кор бо ин унсури дар назари аввал назарногир ва начандон қобили таваҷҷӯҳ, зарурати нисбатан ҷиддӣ ва эҳтиёткорона муносибат кардан дар рафти муайянсозии хусусияти осори ҳунарии Бохтар ба миён омад.

...Дар даврони эллинизм юнонӣ-иониҳои Осиёи Хурд дар Бохтару Суғд маскун шуданд. ...Дар робита ба ин воқеаи таърихӣ навиштаҷоти муосири Атросок муҳимманд. Антиох III, ки дар муҳориба бо Евтидем ғолиб бароmада, вале аз зарбаи найза чанд дандонашро аз даст дода буд, барои музокирот бо Евтидем Телейро мефиристад. Интихоби фиристода тасодуфӣ набуд: вай ба мисли Евтидем, шаҳрванди Магнесия буд. Антиох ба мақсадаш расид: сулҳ баста шуд. Барои мо муҳим ин аст, ки сарварии Бохтарро сокини Магнесия – Евтидем ба ӯҳда дошт. Дар ин ҳол муҳим нест, ки ватани шоҳи бохтарӣ буд кадом Магнесия аст, Магнесияи Меандр ё Герм: зеро ин ҳамсояшаҳрҳо дар Осиёи Хурд ҷойгиранд. Аслан Евтидем, ки аз Осиёи Хурд буд, пас аз ғасби Бохтар ҳокимияти ин ҷоро якҷоя бо ҳамсафонаш ва дастгирии ашрофи бохтарӣ муваффақона идора мекард. Ин ба мо имкон медиҳад, тахмин кунем, ки мавҷи муҳоҷират аз Осиёи Хурд ба Бохтар дар даврони эллинӣ ҳам қатъ нашуда буд. Осори ҳунарии осиёихурдӣ ҳам, ки дар Бохтар ба вуҷуд омадаанд, шаҳодати ин гуфтаҳоянд.

Эҳтимол сабаби айният додани эзадони дарёӣ – Омӯ ва Марсий, умумияти дарёҳои тиллодоре буд, ки обҳояшон ба қаъри замин рехта, дар соҳили онҳо имкони рӯйидани қамиш барои сохтани най фаровон буд (айни замон ҳам ин қамишҳо бо ҳамин мақсад истифода мешаванд). Сертилло будани дарёҳои Омӯ ва Политимет (Зарафшон) бояд юнониҳоро махсус тасхир карда бошад. Суханони Овидий оид ба реги пуртиллои ҷилодори соҳили назди маъбади Омӯ то ҳол ба ёд мерасанд. Тавре дар боло қайд кардем, аз ҳама тарзи босамари ҷамъоварии заррачаҳои тилло ин усули «пӯсти тиллоӣ» мебошад: чуноне Д. Н. Логофет шаҳодат медиҳад, дар назди маъбад дар аввали ин аср

(асри XX дар назар аст – С. Ҳ.) аз ин усул истифода мешуд Тавсифи Омӯ дар Полибий (X, 48, 3–7) ба нақлҳои дарёи Марсий аз тарафи Страбон (XII, 8, 15), Куртсий Руф (III, 2) ва дигар муаллифони мазкур қариб пурра рост меояд.

Аз тарафи мо мутобиқ ба нимаи аввали асри II то милод санагузорӣ шудани навиштаҷот ва тамоми меҳроби ҳайкалчаи биринҷии Силен Марсий – Омӯ, тавассути таҳлили дақиқи мутахассисони шинохтаи эпиграфика Ю. Виноградов ва П. Бернар тасдиқ карда шуд.

Матни кандакоришудаи рӯйи меҳроби хурд – таҳкурсии ҳайкали Силен Марсий–Омуро, ки найи дуқӯша менавозад, пешниҳод мекунем:

| | |
|---|---|
| Ευχην | Тибқи ваъда |
| ανευηχεν | бахшид |
| Ατροσωχηζ | Атросок |
| Οξωτ | ба Омӯ |

Матн, бе хаткашии пешакӣ, дар шакли ҳарфҳои болоӣ бо диққат кандакорӣ шудааст, ҳарчанд усули иҷрои ҳарфҳо ба усули граффитӣ наздикӣ дорад (дар муқоиса бо палеография ниг. расм. 6). Ба таври дигар гӯем, навиштаҷот бо ҳуруфи болоии моил навишта. Усули бахшиши Атросок ба назркунии даврони эллинӣ хос аст. Ю. Виноградов, навиштаҷоти бахшида ба эзади Омӯро ба миёнаи аввали асри II то милод наздик ба миёнаи садсола санагузорӣ кардааст.

Дар натиҷаи омӯзиши назри Атросок ва рафти муҳокимаи саволҳои зиёди алоқаманд бо маъбади Омӯ Б. А. Литвинский ва муаллифи ин китоб ба хулосаҳои умумии зерин расиданд:

1. Катиба ба Омӯ (Вахш) назр шуда, ба маъбади эзадон бахшидааст. Парастиши об, дарёҳо ва эзадҳои бо онҳо алоқаманд миёни эрониҳо, инчунин бохтариҳо васеъ паҳн

шуда буд. Оину маъбадҳои монанд ба оину маъбади бохтариён, ки ба дарёҳо бахшида шудаанд, дар байни эллинҳо низ мавҷуд буданд. Эҳтимол меравад, ки дар Бохтар омезиш ва таҳрифи эътиқодоти изоморфӣ рӯй додааст;

2. Номи қурбоникунанда Атросок бо оини оташпарастӣ вобастагӣ дорад, шояд (вале ин нукта он қадар муҳим нест!) ин номи қудсӣ ба кадом як коҳини оташ тааллуқ дорад. Нақшаи маъбад аз нақшаи бандубасти маъбади оташи эронӣ ибтидо мегирад, ки дар он қурбонгоҳҳои оташ ёфт гардидаанд. Агар шаҳодати манбаъҳои хаттии эронӣ (ва ҳиндуӣ)-ро дар бобати дугунагии маъбадҳо ба назар гирем, пас эҳтимол кардан мумкин аст, ки маъбади Омӯ дар айни замон маъбади оташ ҳам буд.

3. Ин катиба анъанаҳои эллинӣ ва бохтариро ба ҳам меорад. Забон, формула ва ҳуруфи навиштаҷот юнониănd, вале маънои номҳо бохтарианд. Дар қурбонгоҳе, ки ба эзади бохтарӣ Омӯ (Вахш) бахшида шудааст, пайкараи эзади юнонӣ Марсий ҷойгир аст, ки яке аз вазифаҳояш ҳимояи шохобҳост. Ҳамин тариқ як маъно якбора дар ду шакл таҷассум ёфт: дар хат (Ому – Вахш) ва дар ҳайкал (Марсий). Чунин дугунагӣ, ки дар омезиши тасвирҳои асотирии динҳои гуногун ба мушоҳида мерасад, на танҳо қуввати эътиқодии онро афзун месозад ва на танҳо аз муттаҳидии фарҳангҳо хабар медиҳад, балки пеш аз ҳама аз муҳити гуногуни фарҳангию этникии бохтарӣ-эллинӣ маълумот медиҳад.

Дигар шоҳидони оини парастиши эзадони обҳо, ки дар маъбад ёфт шудаанд, низ боиси таваҷҷуҳанд. Танҳо дар яке аз долонҳо 40 унсури устухонии найҳои мураккаб ёфт гардиданд. Чунин миқдори найҳо (зиёда аз 15-то) барои

маъбадҳои юнонӣ ва ҳатто маъбадҳои шарқӣ ғайриоддӣ нест ва ин ҳолат, албатта, тасодуфӣ ҳам нест. Мавҷудияти найҳо дар маъбади Омӯ, бешубҳа аз анҷом ёфтани расму оини динии хабар медиҳад, к ибо навохтани най ба иҷро мерасид.

## Набарди Ахелой бо Геракл

Оини эзадони дарё дар симои Силен, чуноне маълум шуд, пеш аз Атросок ҳам барои дигар муътабарони маъбад маълум буд. Ин андеша тавассути яке аз осори беҳамтои даврони антиқӣ – тасвири айнан такрорёбандаи задухӯрди Геракл бо Силен (Ахелой) дар ҳар ду тарафи дастаи шамшери дудамаи юнонӣ – ксифос, тасдиқ меёбад. Ин шамшери дудама дар ҳамон долоне, ки катибаи Атросок ёфт шуда буд, пайдо гардид. Акнун мазмуну мундариҷаи ин осори таърихӣ, новобаста аз нодир будани тасвирҳояш, ба дараҷаи комил ошкор гардидааст.

Дастаи ксифос бо тасвири айнан якхелаи манзараи задухӯрди Геракл бо Ахелой (дар симои Силен) ниҳоят зебост ва шояд он силоҳи зиннатӣ бошад. Он аз пораҳои бутуни оҷ сохта шудааст. Қисмати болоии даста бо лӯлаи кӯтоҳ анҷом меёбад, байнаш паҳн буда, нӯгаш нобуд шудааст.

Лӯлаи болоӣ бо нақши муқарнаси на он қадар барҷаста зиннат ёфтааст. Қисмати поёнии даста шакли дуқушаи монанд ба думи фароштурук дорад. Намуди умуми он бошад шакли моҳиро ба хотир меорад. Геракл дар ҳар ду тарафи даста бо қомат рост меистад. Дасти росташ, ки булути гурмдорро 7мефишорад, бардошта шудааст. Бо дасти чап Ахелойро аз мӯйҳояш дошта, бо пойи чап рони ӯро зер кардааст. Ахелой ба як зону истода, кӯшиши аз дасти ҳарифи пурзӯр раҳо ёфтан дорад. Ӯ бо дасти чапаш

муқовимат нишон дода, дасти Гераклро, ки аз мӯйҳои ӯ доштааст, раҳо мекунад. Нишонаҳои Геракл – боронии аз пӯсти шер омодашуда, ки дар гарданаш (зери манаҳ) гиреҳ шудааст ва чӯбдаст хеле равшананд. Ахелойи бараҳна низ бо нишонаҳои махсуси худ – гӯшҳои бузмонанди рост, тасвир ёфтааст. Ҳар ду ҳам паҳлавонҷуссаанд, мушакҳои барҷастаи бадан пайкараҳои паҳлавононро зеб додаанд. Чӯбдастро боло бардоштани Геракл, ҷобаҷогузории пойҳо, кӯшиши бархостани Ахелой ва баданҳои фишорхӯрда, ки танҳо аз мушакҳои обутобёфта иборатанд, амалиёти набардро инъикос мекунанд. Саҳнаи тезутунд ва тасвири ҷузъиёт имкон медиҳад, ки дастаи шамшерро ба асри IV то милод мансуб донем...

Саҳнаи набарди Ахелой бо Геракл дар ҳунармандии антиқӣ хеле машҳур буд... Он ҳатто дар тангаҳо тасвир меёфт. оборотный

Қайд кардан зарур аст, ки Ахелой дар тасаввури юнониҳо як симои гардон буд, ки бо аломати оксиморон (∞) ишорат мешуд. Дил мехоҳад дар ин аломат (∝) нақши ангуштарини маъбади Омӯро дар шакли навишти уфуқӣ бубинад; эҳтимол шакли дигари ин аломат (∝) ҳамонест, ки дар ангуштарини Хазинаи Омӯ (№105), наздик ба тасвири барзагови одамсари ришдор ва навиштаҷоти зери он – Вахшу – эзади обҳо, ҷойгир шудааст. Сегонаи бадастомада, ки аз аз тасвири эзад, номи эзади об ва рамзи гардан иборат аст, асоснок аст. Мароқовар он аст, ки тавсири «аломат»-и эзади об дар шакли (∝) ягона нест, мо онро дар ҳафриёти долони №1-и маъбади Омӯ, дар дигар ангуштарин низ вохӯрдем, ки он ҷо ҳам чунин гамма лавҳа миёни ду салиб ҳаккокӣ шудааст. Шояд ин гамма аломати эҳтимолӣ набуда, балки аломати эзади об бошад, вале ин монандии мазмуну мундариҷаи аломати ангуштари

Хазинаи Омӯро (№105), ки хоси эзадони об аст, исбот кардан мушкил аст.

Тасвири эзади обӣ дар Шарқи эллинӣ дар шакли барзагови болдор ва одамсари ришдор – Ахелой дар қиёфаи Силен, ягона нест. Ниқобҳои Силенҳои Диновар (наздикии Кирмоншаҳр; асрҳои III–II), ки эҳтимол ба маъбади Дионис тааллуқ доштанд, ҳавзро оро медоданд. Аммо хусусияти худи маъбад, инчунин ақидаи тааллуқ доштани ҳавз ба маъбад, ки Р. Гиршман ба таври номуайян пешниҳод намудааст, алоқаи ин тасвирро бо Дионис шубҳаомез мегардонад. Аммо аз он ҷиҳат, ки онҳо ҳавзро зиннат медоданд, фикр мекунем, ки айнияти онҳоро бо эзадони дарё ва обҳо ҷустуҷӯ кардан мумкин аст.

Ин иддаоро бозёфти чунин тасвири Силен дар иморати бевосита ба об алоқаманд – фаввораи Ойхонум, тасдиқ мекунад. Қиёфаи обрезҳои ин фавворахо ба сарчашмаҳои обӣ марбутанд. Инҳо – шер, делфин, Силен, ниҳоят анъанавианд ва ба ҷаҳонбинии антиқӣ ва тасаввуроти юнониҳо доир ба шаҳр алоқаи ногусастанӣ доранд. Аммо П. Бернар ин Силенро ба таври дигар маънидод мекунад: ба андешаи ӯ сари бадвоҳимаи пирамарди ришдор, даҳана ва сӯрохи обрез, чашмони аз косахонаи сар баромада, абрувони ғафси баланд, бинии паҳни дамида ва гӯшҳои калон-калону ба боло ростшудаи ӯ «ба ҷуз ниқоби мазҳакаи нав чизи дигаре нестанд. Бебаҳс ин ниқоби ғулом – ошпази Дискол аз Менандр аст, ки барои даъват кардани издиҳом ба дилхушӣ бояд ниқоби масхарабозро ба рӯ мекард». Дар ҳақиқат сари бемӯйи Силен ба ниқоби масхарабоз монанд аст, вале ба ҳар ҳол ин ниқоб не, сар аст. Агар ба ақидаи П. Бернар дар бобати ниқоби масхарабоз будани яке аз ин се обрезаи фаввора розӣ шавем, он гоҳ саволе ба миён меояд, ки делфину шер дар

ин маҳзакаи нав чӣ нақше доранд? Аз тарафи дигар, агар ақидаи мо, ки тибқи он обрезаҳо бо ҳодисаҳои обӣ алоқаманданд, дуруст бошад, он гоҳ делфин ва Ахелой комилан тобеи ин андеша мешаванд. Шерҳое, ки ба сифати обреза хизмат мекунанд, ба тавзеҳу исбот зарурат надоранд, чун онҳо дар тамоми маъбадҳои юнонӣ ва биноҳои ҷамъиятӣ ҳамчун унсури ороишӣ ба таври анъанавӣ истифода мешаванд.

Ин ҷо хотиррасон мекунем, ки тасвири Силенҳо, сари онҳо, ниқобу нимпайкараҳо, махсусан истифодаи онҳо дар зарфҳои махсуси обгирӣ, инчунин дар фаввораву ҳавзҳо эҳтимол ба эзадони дарёӣ – Силен Марсий ва Ахелой дар симои Силен алоқаманд бошанд. Ба андешаи мо аз ин силсилаи яклухт унсурҳои ҷудогонаро бе ягон асоси қатъӣ ҷудо кардан мумкин нест.

Дар оби пурталотуми Ому қадимиён на танҳо эзадони мудҳиш, балки дигар мавҷудоти ташвишовар, аз ҷумла паримоҳиҳои шарирро низ сокин мекарданд.

## Гиппокампесса[4]

Тасвири париҳои обӣ – Гиппокампессаҳо, хурдтарин эзадони дарёӣ низ дар маъбади Ому, дар ҳамон толори маросими динии №3, ки дар он Ахелой тасвир ёфта буд, пайдо гардиданд. Гиппокампесса бо нақши муқарнас аз устухони фил дар қисмати поёнии ғилофи шамшери юнонӣ нақш ёфтааст. Парӣ дар шакли махлуқи хаёлӣ – бо чеҳраи зан, думи мору моҳӣ, пойҳои аспу қанотҳои парранда тасвир шудааст. Ӯ дар дасти чапаш бели завракрониро ба таври амудӣ дошта, бо дасти росташ мақсади партофтани кадом як ашёи мудаввари монанд ба

[4] Паримоҳӣ ё аспакмоҳӣ (шарҳи мутарҷим).

садаф, себ ё сангро дорад. Мӯйҳои дарози кушода бо қабзаҳои калон алвонҷ мехӯрданд. Чеҳра бо бинии рости дароз, пешонаи васеъ, чашмони калони милкҳояш нозукона ба боло қатшуда, абрӯвони ҳилол, мардумаки чашми назаррас қавииродаю зебо ба назар мерасад. Дар лабонаш табассум мавҷ мезанад. Нақши мудаввар сатҳи ғилофи шамшерро ҷо-ҷо пӯшонидааст ва дар ин баробар нақшҳои муқарнас қисман дар заминаи устухони суда ҷой дода шудаанд. Ин ба мудаввар будани ғилофак ва нозукии маводи он вобаста аст. Думи бардоштаву печидаи аъҷуба ба мисли қамчин тамом мешавад, ки парраки моҳӣ дорад, қанотҳояш дар вазъи парвоз тасвир шудаанд, пойҳояш мисли пои аспи даванда, пойи росташ каме пештар аст. Вале ба ҳар ҳол амал дар тамоми ҷисм мушоҳида намешавад. Сатҳи ҳамвор, ки барои тамоми тасвир ягона аст, дар ташаккули тамоми узвҳои бадан таъсир дорад. Пайванди хаёлии узвҳои бадан бо маҳорат иҷро шудааст. Ҷузъиёти он бисёр дақиқ коркард шудааст: пӯлакчаҳои дум, пари қанотҳо, сумҳои кандакоришуда – ҳамаи ин содда ва бо ҷидду ҷаҳд, вале берӯҳ тасвир ёфтаанд. Аммо бадани зан ва пойи асп моҳирона сохта шудаанд, тавозуни узвҳо дар зовияи мураккаб чирадастона тасвир шудаанд. Маълум аст, ки ин корро ҳунарманди асил ба анҷом расонидааст.

Шахсияти ин қаҳрамон метавонад дугуна бошад. Маълум аст, ки дар назди мо парии обии наздик ба Сстиллаи баҳримиёназаминӣ ва ё Гиппокампесса истодааст. Сстилла бо думи моҳӣ, қанот ва бо мутааллиқоташ – бели завракронӣ ва садаф тасвир меёфт. Нақши шохаҳои хурмо, ки камари занро бо думи моҳӣ пайванд медиҳад, ҷиҳати дигарест, ки ин аксро бо тасвири Тахти Сангин мушобеҳ месозад. Қанотҳои пурқуввати

кушодашуда, мӯйҳои парешон, ҳаракати таҳдидкоронаи дасти росташ ҳам аз ҳамин қабил айниятҳоянд. Вале дар тасвири Сстилла, ки дар сарпӯши оинаи дар теппаи Артюховск ёфт шудааст, аз таги чини куртаи ӯ ду саг намудор аст, ки шарорат ва бадҳайбатии ӯро таҷассум мекунанд. Дар тасвири Тахти Сангин онҳо нестанд. Ба назари мо Сстиллаи артюховӣ пойҳои асп ҳам дошт: қисми пойи асп, ки бо сумаш дар таги суроб гум шудаанд, то мо порча-порча расидаанд. Аломатҳои паримоҳии дуюм, ки бо якум наздиканд, исбот мекунанд, ки ин Гиппокампесса – парии обӣ, ё чуноне ки ӯро ба таври дигар ном мебаранд, кентавротритонида мебошад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам эзади баҳрии юнонӣ метавонист ба парӣ – ҳамсафари эзади дарёи Омӯ табдил ёбад. Усули беобуранг ва ҳавора заҳмати дақиқу нозуки ҳунарманд дар эҷоди ин асар имкон намедиҳад, ки онро баъдтар аз асри II, аниқтараш пас аз нимаи аввали асри II то милод нисбат диҳем.

Силоҳи юнонӣ якҷоя бо дигар бозёфтҳои асили юнонӣ, ки аз гӯшаҳои дурдасти Осиёи Миёна ёфт гардидаанд, аз мавқеи муҳим доштани унсурҳои ҳунари антиқӣ дар ҳунари омешизёфтаи юнону бохтарӣ шаҳодат медиҳанд.

Бо шарҳи тасвири Гиппокампесса – парии обӣ, мо таҳлили эзадони обиро, ки то ин замон аз маъбади эзади дарёии Омӯ дарёфт кардаем, хотима дода, ба тавсифи дигар эзадон, шоҳон ва ҳокимоне, ки ҳатман бояд мавриди парастиш қарор мегирифтанд, мегузарем.

### 2.2.5. Пайкара аз гили маҳаллӣ

Пайкараи боҳашамати юнону бохтарӣ, ки аз Ойхонум ва Тахти Сангин ёфт шуд, тахминҳои дусадсолаи сиккашиносони ин минтақаро, ки сифатҳои беҳтарини тасвирҳоро танҳо аз рӯи тангаву сиккаҳои шоҳони юнону

бохтарӣ меомӯхтанд, тасдиқ кард. Ҳунари ҳайкалтарошии юнону бохтарӣ комилан инъикоскунандаи сатҳи пайкараҳои эллинии баҳримиёназаминӣ буда, ҳамзамон ҳунари ҳайкалтарошии эллиниро дар ҳама канори дури рубъи маскуни эллинӣ бо шоҳкориҳои нав комил ва ғанӣ гардонид.

Ҳайкалҳои рангаи гилӣ (аксаран ба пораҳои миёнаву хурд тақсимшуда) қисми асосии бозёфтҳои долонҳои ғарбии маъбади Омӯро (№ 2, 6) ташкил медоданд. Ин ёдгориҳо дар сатҳи поёнии ин долонҳо (аз 0,1 то 0,4 м) хобида буданд.

Пайкараҳои шикаста дар қисматҳои дури шимол ва ҷануби долонҳои №2 ва 6 якҷоя бо инъомҳои гуногуни ба маъбади Омӯ дар давраҳои ҳахоманишиҳо ва эллиниҳо бахшидашуда ҷамъ омада буданд. Маълум аст, ки то тармим ҳамаи пайкараҳо қисман ёфт гардидаанд. Аммо аз сабаби нокомил буданашон ба мо муяссар шуд, ки бо тарзи сохтани муҷасаммаҳо дар он давра ошно гардем. Раванди сохтани онҳо чи дар ҷузъиёт ва чи дар шакли комилашон ба раванди омодасозии пайкараҳои Ойхонум, ки аз гили хом сохта шудаанд, хеле монанд аст.

Усули пайкарасозӣ чунин буд: қолабро бо гил пур карда, ҷузвиёти беруниро коркард мекунанд. Тамоили сохтани пайкараҳои сарбаста ба мушоҳида намерасад, ҳайкалҳо озоданд, узвҳои иловашуда аз чирадастӣ ва пуртаҷрибагии ҳайкалсозон шаҳодат медиҳад. Таносубҳо гуногун ва ороишианд (қисмҳои офтобхӯрдаи гулобии бадани урён бо либосҳои сафед). Хушоҳангии зоҳирӣ дар чанд марҳала ба даст оварда меомад: 1) мувофиқати умумии рангҳо бо қабати сафеди гаҷ; 2) ороиш додани матни сафед бо якчанд ранги дигар; 3) зарандуд кардан – тақлиди техникаи коркарди устухони фил.

Пайкараҳои гилӣ ва гаҷии бо анъанаҳои эллинӣ сохташуда бешак аз санъати тасвирии маҳаллӣ дарак медиҳанд, ки дар даврони Кушониён ва марҳалаҳои аввали асримиёнагии ин минтақа тараққӣ ёфт.

# III
# ШАҲРИ ЮНОНИИ ОЙХОНУМ

## 3.1. ЁДГОРИҲОИ МЕЪМОРӢ

### 3.1.1.Аҳаммияти ҳафриёт

Шаҳри юнонӣ-бохтарии Ойхонум дар тамоми таърихи кӯтоҳи таҳқиқоти эллинизми Шарқ кашфи бузург ба ҳисоб меравад. Ин шаҳр давоми солҳои 1965–1978 бо намояндагии бостоншиносии Фаронса дар Афғонистон таҳти роҳбарии П. Бернар кашф шуда буд. Ҳарчанд кашфиёт ҳоло ба итмом нарасидааст, хушбахтона, бостоншиносони фаронсавӣ тавонистанд усули шаҳрсозӣ ва лоиҳаи биноҳои гуногуни ҷамъиятӣ, динӣ, мудофиавӣ ва истиқоматӣ, асарҳои санъат, ёдгориҳои мадании хаттӣ ва рӯзгори юнонии шаҳри антиқӣ, яъне дар маҷмӯъ ҳама он чизеро, ки ҳангоми таҳқиқоти бостоншиносӣ ва таърихӣ дастрас буданд, пайдо кунанд.

П. Бернар натиҷаи ҳафриёти Ойхонумро муҳокима карда, навишт, ки чи тавр тассавуроти ӯ нисбат ба эҳтимоли дар муддати 15 сол аз Ойхонум чӣ ёфтан мумкин аст, қатъиян дигар шуд. Ҳақиқатан ҳам ҳафриётҳо дар як гӯшаи дури шарқии давлати юнонӣ бештар аз ҳама муҳим будаанд: касе гумон надошт шаҳри сарватманди юноние кашф кунад, ки аз бисёр ҷиҳат намунаи ҷаҳони эллинӣ бошад, аз назари ҳуҷҷату аснод аз ҳеҷ кадом шаҳри юнонӣ, ки чанд садсола инҷониб мавриди омӯзишанд камӣ надошта бошад. Самтҳои бузурги анъанавӣ ва дар баробари ин маданияти комилан нав дар тамоми ёдгориҳои гуногуни антиқӣ, динӣ, маскунӣ ва меъмории мазорҳо,

пайкарасозӣ, ки аз масолеҳи гуногун тайёр шудаанд, сарчашмаҳои сареҳ ва хаттии давраи эллинизм аз назар гузаронида шуданд. Вале ба ҳисоботи ботафсил ва сершумори ҳарсола, ҷамъбасти меҳнат ва мақолаҳои ҷудогона оид ба кашфи сершумори ёдгориҳои меъморӣ ва санъат нигоҳ накарда, натиҷаи таҳқиқот то ҳол нокифоя баҳо дода шудааст.

Арзиши ҳафриёти Ойхонум асосан дар он аст, ки дарёфти пайкараҳои баландсанъати маданияти Юнон дар вилояти аз ҳама кам таҳқиқшудаи эллинии рубъи маскуни Бохтар ба амал омадааст. Маълум аст, ки тафсири ҷамъбастии ҳаҷми бузурги маълумот аз тарафи намояндагии бостоншиносии Фаронса, ки дар Афғонистон нашр шудааст, баъди анҷоми нашри монографии тамоми мавод, аз ҷониби П. Бернар дода хоҳад шуд. Вале тавсифи Бохтари давраи эллиниро бе хулосаи фишурдаи махсуси шинохти меъморӣ ва санъати тасвирӣ дар ягона шаҳри машҳури Осиёи Марказӣ кашфгашта, гуфтан имкон надорад. Айни замон маълумоти асосиро оид ба маданияти юнонӣ-бохтарӣ аз Ойхонум ва маъбади Омӯ гирифтан мумкин аст. Дар баробари ин асосан дар бисёр ҳолатҳо нақши асосӣ ва муайянкунандаро бозёфтҳои ҳафриёти Ойхонум мебозанд.

Дар тафсири маҷмааҳои меъморӣ ва сарчашмаҳои хаттии Ойхонум ба мо лозим омад аз адабиёти мавҷуда истифода бурда, ба қадри имкон шарҳи шахсии худамонро камтар кунем.

### 3.1.2. Таърихи кашфи Ойхонум ва ҷуғрофиёи таърихӣ

Шаҳристони Ойхонум (Моҳхонум) аз рӯи деҳае номгузорӣ шудааст, ки дар доманаи қалъаи он ҷойгир аст. Аслан шоҳи Афғонистон Муҳаммад Зоҳиршоҳ тӯли

сафараш ба ин минтақа, дар деҳаи Ойхонум ба ду санг эътибор дод: сарсутуни коринфӣ ва таҳсутуни он. Шоҳ аз арзиши ин сангҳо огоҳ шуда, ба намояндагии бостоншиносии Фаронса оид ба кашфи худ ва мавҷуд будани теппаҳои қадима дар наздикиҳо хабар дод. Соли 1964 бостоншиносони фаронсавӣ, ки дар он замон Д. Шлюмберже онҳоро роҳбарӣ мекард, шаҳристонро бо иҷозати ҳукумати Афғонистон аз назар гузарониданд. Соли 1965 П. Бернар ба аввалин мавсими ҳафриёти саҳроии теппаҳои Ойхонум оғоз кард.

Минтақаи юнонии Ойхонум дар водии хурди ҳосилхез (10х35 км), дар соҳили чапи дарёи Панҷ дар ҷойи якҷояшавии он бо Кӯкча ҷойгир аст. Ин мавзеъгирӣ (дар худи Бохтари шарқӣ) гуфтаҳои бостоншиносонро тасдиқ кард: аввал ин ки шаҳр барои назорати водии қадимаи обёрикунанда сохта шудааст. Ин заминҳо ба дасти истилогарон – муҳоҷирони юнонӣ афтиданд; дуюм, ин, ки он пойтахти сарзамини соҳиби сарватҳои зеризаминӣ шуд, ки аз қадим бо канданиҳои кӯҳии Бадахшон, кони сангҳои қиматбаҳо, аз ҷумла санги лоҷвард (дар Ғарб: «санги ҷаҳаннамӣ») машҳур аст. «Ин хазинаи зироатӣ ва кӯҳӣ... барои таъмини ҳаёт ва ҳатто осудаҳолии муҳоҷирон кифоя буд»; сеюм, шаҳр постгоҳи мудофиавии хатти аввали ҳарбӣ-стратегӣ буд, ки Бохтарро аз шарқ муҳофизат мекард ва сарҳадҳои дохилӣ ва хориҷии онро назорат мекард. Тавре, ки П. Бернар қайд мекунад, «таҳти назорат гирифтани яке аз дарвозаҳои шарқии Бохтари Марказӣ барои ҳар касе, ки орзуи Бохтарро соҳиб шудан дошт, зарур буд».

Бо ақидаи П. Бернар, ки бисёре аз муаррихони шӯравӣ онро қабул кардаанд, дар аввал шаҳр номи Искандарияи Омӯро дошт, ки аз муаллифони қадим танҳо Птолемей

онро ёдрас кардааст. Ин айнияти аввалин аз тарафи П. Бернар соли 1967 дар маърӯзаи академияи Британия, бе исбот, ҳамчун тахмин пешниҳод карда шуд. «Тааҷҷубовар мешуд, – менависад ӯ – Искандаре, ки барои қавӣ кардани ҳукмронии худ дар Осиёи Марказӣ ду сол сарф кард, бартарии ин шаҳристонро идрок накард». Аммо Искандарияи Омӯро Птолемей дар Суғд тахмин мекунад, на дар Бохтар. П. Бернар, якчанд бор ба сари мавзӯъ баргашта, одилона ихтилофи ишораҳои Птолемейро интиқод кард. Ин инкори П. Бернар, бо вуҷуди тамоми адолаташ худ ба сари худ наметавонад на ба манфиати таъйини ҷойи Искандарияи Омӯ, на таъйини ҷойи Оксиана ба ҷойи Ойхонум, ё ҳар ҷойи дигаре далолат кунад. Ягона далели овардаи П. Бернар, дар маърӯзаи мазкур, ки гӯё «танҳо мавҷудияти ду шаҳристони Омӯ метавонанд барои номи Искандарияи Омӯ даъво кунанд ва инҳо Тирмизу Ойхонум мебошанд», ин танҳо аз маҳдудияти маълумоти мавҷуда оид ба шаҳрҳои Омӯ (Амударё) шаҳодат медиҳад. Охир В. Тарн ҳам бо ақидаи П. Бернар, Тирмизро ҳамчун маҳалли Искандарияи Омӯ қабул кард, танҳо ба он сабаб аст, ки аз мавҷудияти Ойхонум бехабар буд. Далели дуюми П. Бернар ба фоидаи Ойхонум он аст, ки дар Тирмиз қабатҳои антиқӣ то ҳол кашф нашудаанд, дар ҳоле, ки дар Ойхонум шаҳри пурра кашф шудааст. Вале дар Тирмиз қабатҳои антиқӣ вуҷуд доранд ва сафолоти қалъаи Тирмизи куҳан, ки онҳоро Ш. Р. Пидаев дар чуқуриҳо ёфтааст, ба ақидаи Б. Я. Ставитский ва П. Бернар— навъи ойхонумианд. Акнун вазъият дигар шуд: маълум шуд, ки шаҳристони сеюм миёни Ойхонум ва Тирмиз дар масофаи 100 км аз онҳо ҷой гирифтааст. Тахти Сангин ва маъбади Омӯ ибодатгоҳи марказӣ дар болооби Омӯ мебошанд. Охир мо наметавонем, аз сабаби аниқ набудани

нишондодҳои Птолемей ҳар кадом шаҳри антиқии кашфшударо дар Омӯ-Амударё (ҳатто агар дар як садсола дутоӣ ҳам кашф шаванд) бо навбат Оксиана ном барем. Танҳо вақте мо ба тасдиқи эпиграфӣ ноил шудем, ба сари ин масъала баргаштан мумкин аст. Ба ғайр аз ин, П. Бернар танҳо эҳтимоли имконияти маҳалли Искандарияи Омӯро дар Ойхонум тасдиқ кард, вале бисёриҳо бо кадом сабабе инро ҳамчун тасдиқи бечуну чаро баҳо доданд. Мо дар нисбати татбиқи Искандарияи Омӯ ба Ойхонум изҳори шубҳа карда, аз андешаи он ки Искандарияи Омӯ Тахти Сангин бошад, ҳанӯз дурӣ меҷӯем. Зеро ҳар татбиқи маҳалли Искандарияи Омӯ танҳо дар сурати пайдо шудани катиба имкон дорад. Ба ҳар сурат, то ҳол се шаҳристон даъвои ба худ гирифтани номи Искандарияи Омуро доранд, аз он ҷумла Тирмиз ҳам. Шубҳае нест, ки бо мурури замон онҳо метавонанд зиёд шаванд.

Истидлоли ягона, ки онро касе истифода накардааст, дар татбиқи Ойхонум ба Оксианаи бостонӣ метавонанд номҳои бошандагони ин шаҳр бошанд, ки вобаста бо калимаи «Омӯ», ба монанди Омӯбоак, Омӯбадз сохта шудаанд. Дар ин маврид тахмини мо ба он меравад, ки ин калимаҳо теофорӣ ҳастанд. Айни замон бояд дар назар дошт, ки тахмини мо бо этимологияи теофории дигар номҳои эронӣ тазод дорад. Бо вуҷуди ин, имкон дорад, ки баъзе аз ишғолгарони юнонӣ писарони худро барои ёдоварии зодгоҳашон бо номҳои шаҳрҳои Бохтарӣ номгузорӣ кардаанд.

П. Бернар бошад, барои даврони эллинизми баъдӣ дар як шакли аниқтар дуюм шабоҳати Ойхонумро дар Евкратид мебинад. Ба ақидаи олим ин шаҳр ба ифтихори шоҳи юнонӣ-бохтарӣ Евкратид, ҳангоми сайёҳатҳои зафаровари вай дар Ҳиндустон аз нав номгузорӣ шуд. Агар

ин ҳақиқат дошта бошад, он гоҳ Ойхонум каме пеш аз нобудшавиаш Евкратид ном дошт ва дар осори хаттӣ ёд шуда буд. Хотиррасон мекунем, ки Страбон ғайр аз Бохтар боз Евкратидейро ном мебарад, ки он ба шарафи ҳокими собиқаш номгузорӣ шудааст. Аммо ба қавли Птоломей, ин шаҳр бояд дар наздикии Бохтар дар масофаи қариб 50 км на шарқтар (чун Ойхонум), балки аз ҷониби шимоливу ғарбӣ ҷойгир бошад. Ба ин маъно татбиқи Евкратид ба шаҳри Дилбарҷин, ки И.Т. Кругликов пешниҳод кард, бештар ба ахбори Птоломей рост меояд. Таърихнигории густурдаи татбиқии Евкратид дар сурати ҳалли ин масъала ҳам аз байн намеравад. Ба ҳар ҳол, Ойхонум бе шубҳа яке аз шаҳрҳои муҳимми Бохтар, қароргоҳи ҳоким «маъмурияти шоҳ ва давлати мустамликадори тамоми музофот» ба шумор меравад.

Маркази маъмурӣ будани шаҳр дар он ифода меёбад, ки шаҳр дар мавқеи стратегӣ ҷойгир аст, қасрҳояш, маҷмааҳои истиқоматияш бузурганд (108х72 м), ки аз мақоми баланди иҷтимоии бошандагонаш дарак медиҳанд.

### 3.1.3. Ойхонум. Шаҳрсозӣ ва меъморӣ

Ойхонум, шаҳри давраҳои юнонӣ-мақдунӣ ва юнонӣ-бохтарӣ, намунаи ёдгории маъмули эллинизми шарқӣ ба ҳисоб меравад. Тавре ёдовар шудем, шаҳристон дар наздикии якҷошавии дарёи Панҷ ва шохоби чапи он Кукча ҷойгир аст. Шаҳр аз рӯйи андоза ва лоиҳааш ба шаҳрҳои музофотии Юнони даврони эллинӣ хос аст. Аз рӯи шакл он ба секунҷаи росткунҷа монанд аст, кунҷи росташ дар макони якҷояшавии дарёҳо ҷойгир аст (расми 8). Катед (паҳлу)-и дарозаш (тақрибан 1800 м) ба тарафи дарёи Панҷ ва кӯтоҳаш (1600 м) ба самти Кукча нигаронида шудааад. Ойхонум, чун дигар шаҳрҳои эллинӣ, тарҳрезии зинагӣ

дорад. Тақрибан нисфи масоҳати умумии шаҳрак ба зина ё суфаи болоӣ – рӯйи харсангҳо ёдомани ҷанубии шаҳрак тааллуқ дорад, ки 60 м баланд буда, дар соҳили Кукча ҷойгир аст. Қаср бо деворҳои иловагии табиӣ иҳота шудааст. Дар зинаи дуюм – байни шаҳрҳои болоӣ ва поёнӣ чун дар дигар манотиқи эллинӣ театр ҷойгир аст. Дар паҳли ҷанубии театр анбори аслиҳаи Ойхонум мавҷуд буд. Иншооти асосӣ дар зинаи поёнии шаҳр сохта шудаанд.

Кӯчаи марказӣ бо дарозии тақрибан 1700 м аз самти ҷануб ба самти шимолӣ-шарқии соҳили Панҷ шаҳраки поёниро аз болоиву миёна ҷудо мекунад. Маркази суфаи поёниро қисмати маъмурӣ – қаср, мақбара, толори варзиш ва дигар иншоот ишғол кардаанд.

Хушбахтона сарҳади ғарбии шаҳр аз самти дарёи Панҷ аз қадим то ҳол тағйир наёфтааст. Дар суфаи поёнӣ сохтмонҳои наздисоҳилӣ боқӣ мондаанд, сабаби ин пойдорӣ деворҳои тумбавии суфаҳоянд. Ин иншоот – ҳавз, толори варзиш ва фаввораҳои ба шакли каллаи ҳайвонот ороёфта ба дарё наздиканд. Бостоншиносони фаронсавӣ зинаи поёниро, ки дар он бинои бузурги ҷамъиятӣ ҷойгир аст, нисбатан бештар таҳқиқ кардаанд. П. Бернар ин иншоотро қасри ҳокими вилоят арзёбӣ кардааст. Миёни қаср ва кӯчаи марказӣ иншооти азими ҷамъиятӣ кашф шудааст, ки ҳамшафати кӯчаи пушти девор буда, ба самти қаср нигаронида шудааст. Аз самти шимолии қаср қитъаи муқаддаси маъбади Кинея-ктист – асосгузори шаҳр ва мақбара, ҷойгиранд. Кӯчаи кундаланг ҷойгирифта, ки нисбат ба кӯчаи марказӣ амудӣ ҷойгирифта, мақбараҳоро аз ҳам ҷудо мекунад, бо ороишоти рӯ ба шарқ ба охир мерасад.

Дар кунҷи ҷанубу шарқии ин қисмати шаҳрак ибодатгоҳе кашф шуд, ки бо девори назди иншооти

хизматӣ пайванд аст. Шимолтар аз қаср ва омӯзишгоҳ, макони мураббае кашф шуд, ки шояд ҳавз будааст.

Қисмати ҷанубии шаҳрро иморатҳои сершумори истиқоматӣ ишғол кардаанд. Дар ин қисмати шаҳр бостоншиносони фаронсавӣ хонаи якум (№ 1)-ро кашф карданд. Эҳтимол, аз заминҳои ҳанӯз ҳафрнашуда ҳам маҳаллаҳои истиқоматӣ пайдо шаванд. Дар самти шимолӣ-шарқӣ дар пушти девори муҳофизатии шаҳр иморатҳои истиқоматӣ идома доштаанд. Далели ин гуфтаҳо кӯшки алоҳидаест, ки аз ҷониби бостоншиносон батамом кашф шудааст (хонаи №2). Дар он ҷо, аз пушти девор ибодатгоҳи берунишаҳрӣ ошкор карда шуд, ки тарҳи хосса дорад.



**Расми 8. Нақшаи шаҳри юнонии Ойхонум**

Дахма дар ҳамвории ғарбӣ, дар пушти ангурзор, дар домани харсангҳои рост ба боло баромада кох ҷойгир аст (мақбараи №1). Тарҳи секунҷашакл ва шакли зинагии Ойхонум, умуман, хеле аҷиб аст, он шаҳри Олвияи

эллиниро ба ёд меорад, ки дар соҳили кушоди Буг, шимоли назди Баҳри Сиёҳ воқеъ аст.

Умуман қисмати марказии кӯча бо иншооти ҷамъиятӣ чандон зич нест. Биноҳо худ ба худ ба якдигар пайваст мешаванд, ҳарчанд дар айни замон мустақилу алоҳида буда, бо деворҳояву ҳавлиҳои васеашон аз якдигар ҷудо мешаванд. Ҳавлиҳои аз ҳама калон атрофи қасрро фаро гирифтаанд: аз самти шимол майдони калони росткунҷаи шимолӣ бо айвони сутундори андозааш 136х108 ва айвони сутунқатори ҷанубӣ (намуди родоссӣ) бо ҳавлии хурди мураббаъ, аз шарқ бошад, майдони чоркунҷа ва аз ҷануб майдони васеъ, илова бо ҳавлиҳои сершумори дохилии қаср ҷой гирифтаанд, ки мо онҳоро ба ҳисоб нагирифтаем. Мавҷудияти майдонҳое, ки сохтмон надоранд ва бо ин манзараи шаҳомати махсуси шарқии барҳавогӣ ва озодии ташрифотӣ медиҳанд, бешубҳа, аз шароити таърихӣ, демографӣ ва вижагии фарҳангии ин шаҳри эллинистии шарқӣ дарак медиҳанд.

Даромадгоҳи идона, ки ба сӯйи маҳаллаи марказии маъмурии шаҳр мебурд ва кӯчаи марказӣ бо ороишот зиннат дода шудаанд, ки маҳз бо баррасии онҳо мо таҳлили биноҳои ҷамъиятии шаҳри юнонии Бохтари шимолиро оғоз мекунем.

### 3.1.4. Гузаргоҳи кӯчаи марказӣ

Барои аз кӯчаи асосӣ ба қаср рафтан, аз гузаргоҳи нахустин гузаштан зарур меояд. Сипас тавассути фаромадгоҳ, ки ба кӯча мебурд, фаромада, ба хиёбон дохил шудан ва пасон ба кӯчаи дигар гузаштан лозим буд, ки он бевосита ба қаср мебурд. Кӯча дар назди гузаргоҳи қаср ба охир мерасад. Гузаргоҳи нахустин ё асосӣ кӯчаи марказиро

на танҳо бо қаср, балки бо нуқтаҳои муқаддаси мақбара, ибодатгоҳи Кинея-ктист (расми 9) мепайвастд.

Чуноне ҳафриётҳо нишон медиҳанд, гузаргоҳи асосӣ ду марҳалаи сохтмониро пушти сар намудааст, ки ҳар як нақшаи он аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Фарқияти асосӣ дар васеъсозӣ ва ба ду қисм ҷудо кардани айвони чорсутунаи марказӣ буд, ки дар рӯ ба рӯи кӯчаи асосӣ қарор дошт. Яъне айвони чорсутуна ба ҳаштсутуна табдил дода шуда, тарҳи гузаргоҳи иморатҳои ҳамшафат тағйир дода шуд.

Аз рӯи нақша гузаргоҳи марказӣ дар марҳалаи аввали сохтмон (ҳамчунин давраи дуюм) дутаркиба буд. Бинои аввалин, ки қариб сохти росткунҷаи параллелограммро дошт, дарозиаш ба самти шимолу ҷануб 31,2 м, бараш ба самти шимолу ғарб 24,25 м буд. Дар шарқ ба дарозии кӯча девори 20, дар шимол девори 2, дар ғарб девори 6 ва дар ҷануб девори 10 ҳамчун сарҳади бино хизмат мекарданд. Гузаргоҳҳо дар дохили девори 3, ки рӯ ба самти шимолу ҷануб дошт, деворҳои 5 ва 9, ки рӯ ба самти шарқу ғарб доштанд ва бинои 6 (аз $P_1$ то $P_6$), ки аввал рӯ ба самти шимолу ҷануб (рақами якум) ва баъд ба самти ғарбу шарқ (рақами дуюм) дошт, тақсим мешуданд.: $P_1$ – 10,95х8,85 м; $P_2$ – 6,7–6,9х8,9 м; $P_3$–6,95х9,20 м; $P_4$ – 10,80х9,35 м; $P_5$ – 6,98х9,18 м; $P_6$ – 7,0х наздики 8,8 м.

Гузаргоҳи марҳалаи аввали сохтмон аз айвони чорсутанаи берунӣ (1), ки ба самти шарқ ва кӯчаи асосии дохиливу ғарбӣ нигаронида шуда буданд (4), инчунин айвони чорсутуна, ки ба воситаи зинаҳо ба қисми поёнии шаҳр мебурд, иборат буданд. Ба айвон (1) аз самти ҷанубӣ-ғарбӣ имората 6, аз самти шимолӣ-шарқӣ бинои 2, ба айвони дуюм бошад (4) мувофиқи ин биноҳои 5 ва 3 ҳар ду бо девораҳои дохилӣ пайвастанд. Баъдан аз айвони дохилӣ (4) зинаҳо ба самти қаср мебаранд.



Расми 9. Ойхонум. Нақшаи Буриши кӯчаи асосӣ.

Баъзе норавшаниҳо дар тарҳи гузаргоҳи давраи аввали сохтмон диққатро ба худ ҷалб мекунанд. О. Гийом қайд мекунад: биноҳои мобайнӣ (2 ва 3) умуман баромадгоҳ надоранд, ки аслан як чизи ғайриимкон аст. Эҳтимол, девори 9 чунон валангор шудааст, ки бостоншиносони фаронсавӣ аз хавфи ба иштибоҳ рафтан, ҷои дарро нишон надодаанд. Бар асоси тарҳи археологӣ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бинои 2 бояд ду баромадгоҳ дошта бошад, яке ба гузаргоҳи 9 ва аз самти муқобил ба сӯйи берун, дар девори 10. Дар таъмири гузаргоҳ нақшаи

иморати 5 он қадар равшан нест. Деворҳои бинои 5 баъди таъмир ба деворҳои дар нақшаи археологӣ буда мувофиқат намекунанд. Дар тармими давраи дуюми сохтмон (бинои 5) онҳо умуман вуҷуд надоранд. Ин ҳеҷ имкон надорад: гузаргоҳи мобайнӣ (4) бояд дар тармими якум ё дуюми давраи сохтмон нишон дода мешуд. Аз рӯи нақшаи давраи якуми сохтмон биноҳои 5 ва 6 ҳамшафатанд; аз бинои 5 як баромадгоҳ доранд, ки на ба тарафи гузаргоҳ, балки ба самти берун менигарад. Ин ҷо эҳтимол саҳв шудааст. Монеа ва бинои 5 ҳуҷраи мураббаъро ташкил медиҳанд, ки эҳтимол ҳамчун ҳуҷраи дарвозабон (?), ё ҳуҷраи посбон (?) хизмат мекард. Аз ҳамин сабаб дар он бояд роҳе бошад, ки маҷмааҳои биноҳои 5 ва 6-ро бо якдигар ва бо роҳрави дохилӣ пайваст кунад.

Тарҳи гузаргоҳи марҳалаи дуюми сохтмон хеле хуб маҳфуз мондааст (андозааш 10,5х28,35 м). Тавре дар боло қайд кардем, дар марҳилаи дуюми сохтмон даромадгоҳҳои асосӣ таъмир шуда буданд. Асосан ин ба васеъкунии намои айвони шарқӣ (1) дахл дорад, ки ба кӯчаи асосӣ нигаронида шудааст ва табдил додани он аз чорсутана ба ҳаштсутана (7) – чорсутунӣ дар ду қатор мебошад. Васеъ кардани қисми пеши айвон то 19,48 м аз самти шимол ба ҷануб дар чуқурии 10,25 м аз ҳисоби майдони биноҳои 6 ва 2-и марҳилаи якуми сохтмон, ки ба айвони пешина часпида буданд, сурат мегирад. Дар ҷои бинои 2 ҳуҷраи на он қадар калон (9) ва долон (8) боқӣ мондаанд. Ҳамаи ҳашт сутун ордери коринфии боша ва пояи сутунҳоро маҳфуз доштаанд, ки аз онҳо танҳо пояҳои барашон 1,06 м ва баландиашон 0,29 м, инчунин порчаҳои меъморӣ, ки аз рӯи таърихашон он қадар фарқ надоранд ва онҳоро ба марҳилаи дуюми сохтмон даровардан мумкин аст, боқӣ

мондаанд. Эҳтимол онҳо намунаҳои марҳилаи якуми сохтмониро такрор мекунанд.

Айвони дохилӣ (4) сохти худро комилан ҳифз кардааст ва биноҳои зичиашон (3 ва 5) бо ҳамон андозаҳо, вале дигар бе девори мобайнӣ, нишон медиҳад, ки сохтмончиён танҳо тарафи намои иморатро тармим кардаанду халос. Ростӣ зинапояи аз намои дохилии даромадгоҳ омада бо зинаи ҳамвор иваз шудааст, ки он ҳам ба ҳамон майдон мебарад.

Археологҳои фаронсавӣ тармими айвонҳои марҳилаи дуюми сохтмониро аз меҳвари марказии ғарбӣ-шарқӣ медонанд. Умуман ин таъмир ба андозаи зиёд барои беҳтар ва бештар маҳфуз мондани дигар даромадгоҳҳо бар асоси даромадгоҳҳои қасри Ойхонум асос ёфтаанд. Ҳамон гуна ки бошаҳои коринфӣ аз рӯи намунаҳои даромадгоҳи қаср барқарор карда мешаванд, пайванд дорад, ба баландиҳо ва ороиши тартиби гузоштани ҷузъҳои сутунҳо бо ҳам пайвандӣ доранд. Дар деворчаҳои асосӣ танҳо пояҳои росткунҷа асоси сутунҳо боқӣ мондаанд. Ҷузъиёти боқимондаи сутун – пояҳо навъи антиқаи баъдӣ (рави дусара ва вассаҳои мобайнӣ), қисман пайдо шудаанд. Онҳо қариб 800 нусхаанд. Пояи сутунҳо ду андозаанд. Дар айвони берунаи (7) марҳилаи дуюми сохтмон онҳо калонанд, бо қутри поёнии 106 см ва болоӣ 80 см дар айвони дохилӣ (4) андозаи хурд бо диамтери поёнии 93 см мебошад. Пойкурсии сутунҳо нисбат ба сутунҳои озодистода беҳтар ҳифз шудаанд, пояи онҳо иборат аз равоқчаест, ки бо давраи баланд ороиш ёфтааст, худи асос бошад, тарҳи рави болоиро такрор мекунад, яъне васаҳои дуқатора бо тахтачаҳои мобайнӣ, ки хоси сохтмони антиқии баъдӣ аст.

Ду сафи сутуни айвон сутунҳои коринфӣ мебошанд. Сарсутунҳо андозаву шакли пирамидаи буридаеро доранд, ки чор дастак дар кунҷҳояшон доранд. Бари сарсутун 94,4 ва баландии он 4,5 см мебошад. Дар маҷмӯъ баландии сарсутуни зиннатёфта ҳаҷми сарсутуни 95 см дорад. Фарасбҳо чӯбин буданд. Қутри сутунҳо 40–65 см-ро ташкил медиҳад. Таҳсутунҳои гӯшаҳо қутри 1,06 м баландии 50 см доранд. Ду баданаи сутун бо қутри 52,5 ва 60 см ва пораи на чандон калони таъмиршудаи баданаи сутун бо қутри 62, 4 см.

Бошаи таъмиршуда (порчаҳои ширешкардашуда)-и сутуни коринфии айвони 7-и марҳилаи дуюми сохтмон ҳақиқатан ҳам бо бошаи сутуни коринфии комил ва низ ширешкардашудаи толори қасри бошаҳомати қаср шабоҳат дорад ва ин ҳар ду аз бошаҳои гузаргоҳ фарқ мекунанд. Дар маҷмӯъ сарсутуни тармимшудаи айвони 7 метавонад ҳамчун варианти миёна дар байни сарсутунҳои коринфии толори қасри муҳташам хизмат кунад.

Масофаи байни сутунҳои айвони дохилӣ (шарқӣ) ба 4 м ва ғарбӣ ба 4,25 м баробар мебошанд. Фосила миёни девор ва канори таҳпояи сутуни шимолӣ 3,05 м аст, бинобар ин масофаи байни девор ва меҳвари сутун 3,58 м (3,05 + 0,53 — ними таҳпоя) мебошад.

Ҷойгиршавии сутунҳои саҳни гузаргоҳи деворҳои қадимии 5 ва 3 муносиб бо айвони дохилианд. Баландии сутунҳои айвонҳои тармимшуда ба 9 м баробар мебошадн. Деворҳои (3, 4, 12) паҳниашон 1,85 м аз хиштҳои ҳаҷман калон сохта шудаанд (барашон 45–46 см). Деворҳо хеле фарсудаанд, аз ин сабаб ҷойи дарҳо ба хотири иштибоҳ накардан на дар ҳама ҷо нишон дода шудаанд.

Дар ҷойи бурриши таъмир қабатҳои гуногуне намудор аст, ки дар болои онҳо даромадгоҳ бино шудааст. Айвони

асосӣ, ки ба тарафи кӯча нигаронида шудааст, бо он дар як сатҳ ҷойгир шуда буд. Аз айвони берунӣ ба айвони дохилии гузаргоҳҳо бо фаромадгоҳи сезинагӣ фаромадан лозим меояд. Барои баромадан аз даромадгоҳ ба зинаи кӯчаи поёнии шаҳр аз зинаҳо истифода мебурданд ва дар натиҷа онро ба зинаи ҳамвори марҳилаи дуюми сохтмонӣ иваз кардаанд.

Бомҳои ҳамвори ду айвон, ки дар сатҳҳои гуногун сохта шуда, ба сатҳҳои мухталифи пойдеворашон мувофиқ ҳастанд (асоси айвони айвони болоии беруна 0,5 м баландтар аст, аз ин рӯ, боми он низ баланд аст), аз намунаҳои классикии эллинӣ ба куллӣ фарқ мекунанд, ҳарчанд бо сафол бомпӯш шуда, бо образҳои зиннатӣ (антефикс) оро дода шудаанд. Зимни тармими айвон бостоншиносони фаронсавӣ таркибҳои бомпӯши сафолиро истифода бурдаанд. Болорҳои болои сарсутунҳои коринфӣ чӯбӣ мебошанд. Ин тахтаҳои сафолин дар қатори ғаллачӯбҳои дугона ду-ду болои ҳам чида шудаанд. Дар буришҳои секунҷаи болорҳо баландӣ аз паҳноӣ зиёдтар аст (ғолибан 40х30 см). Дар маҷмӯъ болорҳои чӯбини дуқабата 80 см баландӣ доранд. Дар болои онҳо васаҳо ва равҳо чоркунҷаҳо ба вуҷуд овардаанд, дастакҳои баромадаи он 25–30 см мебошанд. Дар болои ин дастакҳо дастакҳои дигаре ҳастанд, ки бомпӯшро мебардоранд. Болои онҳо бо қабати тунуки қамиш пӯшонида шуда, аз болояш бо қабати ғафси лой андова ва болои он хок рехта шудааст. Танҳо қабати болоии тамоми ин «кулчақанди варақин» бо сафоли бомпӯшии коринфӣ пӯшонида шуда буд. Бомпӯшҳои сафолин ҳамвор буда, ду андоза доштанд: калонаш 68х72 см, хурдаш 51 см.

Омӯзиши муқоисавии гузаргоҳи юнонӣ нишон дод, ки нақшаи онҳо каме ёзондашуда ва нисбатан оддӣ аст. Ин ба

ду миёнсарои васеияшон якхелае дахл дорад, ки аз ҳар ду тарафи дар сохта шудаанд. Лоиҳаи «Н»-шакл бо дастаи уфуқие, ки ҳамчун девор хизмат мекард, барои шинондани дар пешбинӣ шуда буд. О. Гийом намунаҳоеро ёдоварӣ кардааст, ки дар онҳо ба ин нақшаи оддии барҳаво ду қаноти паҳлуӣ илова мешуд (даромадгоҳи марҳалаи дуюми сохтмони Ойхонум ва Мнесикли Акрополи Афинаро мисол меорад). Дар даромадгоҳҳои афинагӣ миёнсаройи берунӣ ду бинои ба пеш баровардашуда дорад, аммо дар нақшаи пештараи такмили бино дар ҳар ду самт ду бинои ба миёнсаройи дохилӣ алоқаманд пешбинӣ гардида буд. Ба ақидаи О. Гийом, нақшаи ниҳоӣ бо сабаби норасоии масолеҳ ва ё сабабҳои номаълум сохта нашудаанд.

Гузаргоҳҳои монанди дигар гузаргоҳҳои дуқанотаи ибодатгоҳи Афина дар Линдос мебошанд, ки тақрибан ба соли 300 то милод рост меоянд.

Ниҳоят, намуди сеюми онро дар худи Ойхонум мушоҳида кардан мумкин аст, ки он гузаргоҳи ҳавлии калони қаср мебошад. Новобаста аз андозаҳои гуногунашон дар ин гузаргоҳҳо бо гузаргоҳҳои аввала монандӣ дида мешавад.

Газаргоҳи акрополи Афина ва Линдос бо гузаргоҳи Ойхонум аз он ҷиҳат монандӣ доранд, ки дар сатҳҳои гуногуни он роҳравҳои зинадор мавҷуданд. Агар дар даврони классикӣ бештари гузаргоҳҳо остонаҳои мусаттаҳи васеъ ё зина доштанд, пас дар даврони эллинӣ ин гуна зинаҳо камтар ба назар мерасанд.

Дар гузаргоҳҳои юнонӣ ҷойгиршавии сутунчаҳо тамоман дигаргун аст. Дар давраи эллинӣ бештар ҷойгиршавии густурдаи сеуслубаи долонҳои беруна ва дар дар долонҳои дарунӣ – деворҳои барҷастаи дууслуба маъмул аст, масалан дар даромадгоҳи нави булевтерион

дар Афина, булевтериони Милет, ибодатгоҳи Аполлон дар Кларос ва Афина дар Пергам, инчунин намуди омӯзишгоҳҳои Олимпия. Ягон айвон аз рӯи намо чун гузаргоҳҳои ойхонумӣ дуқатора нест. Чунин ба назар мерасад, ки даромадгоҳи Ойхонум аз ҳама калон ва серсутун мебошад.

Чуноне мебинем, ба сифати намунаи меъмории айниятдошта бо гузаргоҳҳои кӯчаи асосии Ойхонум бостоншиносони фаронсавӣ нақшаи гузаргоҳи Мнесикла (Арки Афина)-ро мисол оварда, дар чунин муқоисакунӣ аз айвони гузаргоҳи ибодатгоҳи Афина дар Линдос (Родос) хеле кам ёдовар мешаванд. Гуфтан лозим аст, ки ин намунаҳо ба гузаргоҳҳои бомҳои гилини одии Ойхонум кам мувофиқат доранд. Онҳо, пеш аз ҳама, аз рӯи масолеҳи сохтмонӣ, бештар аз рӯи замон, равоқ ва андозаи меъморӣ ва асосан аз рӯи аҳамият фарқ мекунанд. Ба ҳар ҳол бояд фаромӯш накунем, ки даромадгоҳи акрополи Афина авҷи санъати меъмории эллиниҳо дар пойтахти Эллада ба шумор меравад, даромадгоҳи Ойхонум бошад, танҳо дар шаҳрҳои юнонӣ-бохтарӣ мақоми баландро сазовор аст. О. Гийом якчанд гузаргоҳи монандро дар ибодатгоҳҳои начандон калоне ба монанди гузаргоҳи шимолии Эпидавр ва омӯзишгоҳҳои Мессен, Птолемейон дар Самофракия, Милет, ибодатгоҳи Аполлон ва Афина дар Пергам зикр кардааст. Бо таассуфи зиёд аз хоҳиши кашфи намунаи ёдгориҳои ҳанӯз ошкорнашудаи Бохтар ёдоварӣ намуда, ба ҳар ҳол қайд мекунам, ки меъмории ҳавзаи баҳри Миёназамин бо хусусиятҳои худ аз иморати Ойхонум фарқ мекунанд, миёни худи намунаҳои мазкур дар қиёс бо ёдгориҳои Бохтар монандии бештар вуҷуд дорад.

Замони аз байн рафтани гузаргоҳ дақиқ муайян карда шудааст: шаҳр дар ҳудуди соли 145 то милод вайрон

шудааст. Баъд аз ин сана ҳаёт дар шаҳристон ба анҷом намерасад. Дар ҳақиқат дар гузаргоҳ, чун дар дигар биноҳои зиёди Ойхонум, осори меъмориҳои баъдӣ мушоҳида мешавад.

Марҳилаҳои асосии коркарди ин биноро О. Гийом дар асоси омӯзиши сафолот чунин санагузорӣ мекунад:

1. Марҳилаи нахустини сохтмон. Мавҷудияти сафолоти сиёҳу ҷилодори намудҳои муайян марҳилаи нахустини сохтмонро (аз рӯи Бернар давраи IV) ба солҳои 280–250 то милод нисбат медиҳад. Ин марҳила ба даврони аввали фаъолнокии сохтмонҳои бузурги расмии шаҳр рост меояд. Танҳо буқъаи Кинея пештар сохта шудааст.

2. Марҳилаи дуюми сохтмон. Мавҷудияти сафолоти сиёҳу ҷилодори навъҳои васатӣ онро ба давраи солҳои 180–150 то милод мутааллиқ месозад. Тангаи Евтидеми I (№264), ки дар болои девори 5 ёфт гардидааст, ин санагузориро тасдиқ мекунад. Ин давра ҳамчун инкишофи марҳалаи дуюми меъмории шаҳр тавсиф мешавад. Айвонҳои нави гузаргоҳи $P_7$ шукӯҳи иморатро афзудаанд. Марҳилаи дуюми сохтмон нишон медиҳад, ки шаҳр он замон дар авҷи аълои тараққиёт будааст. Омӯзиши дигар биноҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо дар он давра калон, васеъ ва пурзиннат будаанд.

### 3.1.5. Қаср

Нақшаи маҳаллаи маъмурии Ойхонум ду маҷмааи калони меъмориро дар бар мегирифт. Маҷмааи пешинаи шимолӣ ҳавлии калон дошта, дар самти ҷануб як гурӯҳ биноҳо мавҷуд буданд. Ин қисмат хеле қадима аст. Он аз деворҳои бо хишти хом биношуда иборат буд; кашфи деворҳои аз хишти хом биношуда дар таҳкурсии сангин танҳо дар ҷойҳои баъдтар сохташуда дида мешаванд.

Маҷмааи баъдии ҷанубӣ, ки аз маҷмааи пештара бо долони тӯлонӣ ҷудо мешавад, аз шарқ ба ғарб тӯл кашида, деворҳои похсагинаш дар болои таҳкурсии хишти пухта бунёд шудаанд. Деворҳои қадима канда ҳамвор карда шудаанд (расми 10).

Маҷмааи ҷанубӣ ҳавлии васее (масоҳаташ 136,80х108,10 м) дошт, ки аз ҷануб ба шимол тӯл кашида буд. Аз тарафи шимол ҳавлӣ ба гузаргоҳ ва аз ҷануб ба миёнсарои қаср кушода мешуд. Аз чор тараф бо айвонҳои сутундори коринфӣ (116 сутун) маҳдуд мешавад. Сутунҳо ба истилоҳ «майдони болопӯшида»-ро ба вуҷуд овардаанд, ки намои асосиаш бо айвони ҷанубӣ ҷудо шудааст. Ба ақидаи П. Витрувий, ки онро П. Бернар ва М. Ле Бер ҷонидорӣ мекунанд, интихоби айвони ҷанубӣ ба сифати айвони асосӣ ба шароити иқлим вобастагӣ дорад. Ин айвон, тавре, ки муҳаққиқони фаронсавӣ тасдиқ мекунанд, «ба ҷониби бодҳое нигаронида шудааст, ки ба самти ҷанубу ғарбӣ вазида, бо худ борон меоварданд». Ба ақидаи мо, маҳз самти ҳаракати ин бодҳо бояд ба чунин ҷойгиршавии дарҳо монеа мешуд.

### 3.1.6.Даромадгоҳи қаср

Тавре гуфта шуд, барои расидан ба қаср аз кӯчаи асосӣ гузаштан лозим меомад, сипас тавассути гузаргоҳ ва зинаи ҳамвор ба кӯчаи Г-монанди кӯтоҳи перпендикулярӣ фаромада, баъди гардиш ба даромадгоҳи ҷанубии худи қаср расидан мумкин буд. Ин даромадгоҳҳои дуюми қаср аз самти шимол бо ҳавлии росткунҷаи калон оро дода шудаанд ва чор тарафашро айвонҳои сутундори коринфӣ иҳота кардаанд.

Гузаргоҳҳое, ки қариб дар мобайни девори шимолии қаср ҷойгиранд, ба ду қанот шабоҳат дошта, гузаргоҳи

дудараро ба ҳавлии сутундор иҳота кардаанд. Аз ҷануб дар муқобили онҳо маҷмааи шабеҳи миёнсарои бомдори хурд ҷойгир буд. Девори гузаргоҳҳо, ки аз 1 то 2 метри онҳо боқӣ мондааст, аз хишти хоми ҳаҷман калон (45x45x12 см) бино шудаанд. Хусусияти фарқкунандаи бино дар деворҳо мавҷуд будани равзанаҳо ва истифодаи рӯйкашҳои тахтагин дар таркиби деворҳои азими бо хишти хом сохташуда мебошад. Таҳкурсии деворҳо аз похсаҳои гаҷи иборат буда, бо қабати тунуки хокистарӣ пӯшида шудааст. Бино аз меҳвари марказии девори шимолии қаср, рӯ ба самти ғарб гардонида шудааст (қисмати шарқӣ – 66,9 м, аз қисмати ғарбӣ 59,50 м андаке дарозтар аст).

Миёнсарои дохилии ин даромадгоҳ ба шакли росткунҷа сохта шудааст, ки паҳниаш 10,35 ва умқаш 6,2 м мебошад. Дар ин миёнсарой сутуни дуқатора ба мушоҳида мерасад. Дар берунаш ду пойсутуни тормонанд пайдо гардиданд. Айвони дохилӣ рӯ ба самти ҳавлӣ аст, пойсутунҳояш нобуд шудаанд, вале ҷойи онҳо аз рӯи таҳкурсиҳои маҳкам ба шакли шағали зиёд ва шиббакунии гилини оҳакрехта аниқ муайян карда мешавад. Дар ҳудуди миёнсарой 12 пояи гунбаз ва ду сарсутуни коринфӣ пайдо гардид. 10-тои ин пояҳо барои барқарор кардани ду сутуни бошадор хизмат мекунанд. Қутри ин сутунҳо дар миёнаи баландиашонон 56 см аст ва аз ин тахмин кардан мумкин аст, ки қутри поёнии он тахминан 60-65 см будааст. Сутунҳо ба айвони ҷанубии даромадгоҳ тааллуқ доранд, чунки қутри болоии тормонанди сутунҳо хеле кам – 52 см. аст. Мушоҳидаҳои хеле нозуки П. Бернар ва М. Ле Бер хулосаеро ба бор овард, ки сутунҳои гузаргоҳ дар муқоиса бо сутунҳои қанотҳои айвонҳои қаср бартарӣ доранд, чун сутунҳои қаср аз рӯйи андоза аз сутунҳои айвон хеле калонанд. Сарсутунҳои коринфӣ хеле хуб маҳфуз

мондаанд. Онҳо бо ҳамон усули сохаткоронаи коринфӣ (чун дигар сарсутунҳои ҳавлӣ) сохта шудаанд. Ин сарсутунҳо якчанд бор аз ҷониби П. Бернар бодиққат тавсиф ва таҳлил карда шудаанд. Онҳо чунин андоза доштанд: баландии боша 73 см ва паҳлуҳояш 82х78 см.




**Расми 10. Ойхонум. Нақшаи қаср.**

Ду сутуни қаторсутунҳои дохилӣ чанбаршакл буда, бо се зина ба бошаҳои мураббаъ васл шудаанд. Онҳо аз ҷониби П. Бернар аз рӯи хронологӣ нодуруст баҳо дода шудаанд. «Ин сутунҳо, ки бо навъ ва услуби худ аз тамоми сутунҳои қаср фарқ мекунанд, бешубҳа ҳахоманишӣ будаанд». Дар мавриди истифодаи такрории сутунҳо, чуқурии ҳамвори зинаи поёнӣ шаҳодат медиҳад. Дар тафовут аз тамоми сутунҳои юнонии боқимондаи қаср,

сутунҳои чанбаршакл дар дастгоҳи харротӣ кор карда нашудаанд, ки дар натиҷа сифати онҳо паст ва хатҳои сутуни чанбаршакл нодуруст баромадаанд. Ба ин ду мушоҳидаи археологии П. Бернар ва хронологияи муайянкардаи ӯ ман комилан розӣ шуда наметавонам. Сутунҳои ойхонумӣ чанбарамонанд ва зангӯламонанданд ва дар як санг ба пояи сутун часпонда шудаанд. Онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ҳахоманишиӣ номид, чунки тамоми сутунҳои ҳахоманишӣ чанбаршакл буда, пояи сутуни алоҳида доранд. Сутунҳои ойхонумӣ баъд аз сутунҳои тахтисангинӣ сохта шудаанд, чунки онҳо низ аз ҷониби ман дар ҳудуди асрҳои IV–III санагузорӣ шудаанд. Сутунҳои ойхонумиро метавон на пештар аз аввали асри III то милод санагузорӣ кард. Айни замон, зарурати баррасии якҷояи санагузорӣ ва таҳаввули сутунҳои чанбаршакли зинаҳои шарқӣ ба вуҷуд омадааст. Ин гуна таҳлил метавонад масъалаи начандон душвори хронологияи онҳоро равшан созад.

Андозаи миёни сутунҳои чанбаршакли Ойхонум 3,05 м-ро ташкил медиҳад. Аввали миёнсарои гузаргоҳҳо бо болорҳои кӯндаланг пӯшонида шуда, ҷамъи тамоми он 10,30 м-ро ташкил медиҳад. Таҳқиқи толорҳои самти ҷанубии ҳавлӣ нишон дод, ки чунин болорҳои синҷӣ дар меъмории юнонии Бохтар зиёд истифода мешуданд. П. Бернар ва М. Ле Бер гузаргоҳи кашфшударо бо тармим ва барқарор кардани сутунҳои чанбаршакл ба нимаи дуюми асри III то милод санагузорӣ мекунанд, ки ин бо санагузории мо ихтилоф надорад.

### 3.1.7.Миёнсарои гаҷкории №2

Девори паси айвони ҷанубии ҳавлӣ бо миёнсарои калон, ки пеш аз толори калони қабул ҷойгир аст (бинои 3;

паҳнояш 27,5 ва умқаш 18,75 м), тамом мешавад Ин миёнсарой ҳаждаҳсутуна буд: он дар се қатор бо шаш сутуни бошаҳояш коринфӣ оро дода шудааст. Байни миёнсаро ва бинои 3 дари калон мавҷуд буд, дари дуюм, ки шояд андаке қадимтар аст, ба долони тӯлкашидаи №16 мебарад. Миёнсарой дар шакли ниҳоӣ барои ҳар ду марҳилаи сохтмон пешниҳод карда мешавад. Сохтмон бо маҳаллаи маъмурӣ дар натиҷаи сӯхтор (наздик ба соли 145 то м.) пурра нобуд гардиданд ва баъди он тамоми бино фарсуда шуд. Дар рафти ҳафриёт, баъди тоза кардан, сутунҳои миёнсарой дар назари бостоншиносон «тӯдаи шоҳкориҳоеро мемонд, ки аз ҷониби ғоратгарон шикаста шуда буданд».

Аз толори қабулгоҳ (бинои 3) ба маҷмааи ғарбӣ ва ҷанубии қаср гузаштан мумкин буд. Маҷмааҳои ҷанубӣ ва ҷанубу ғарбӣ муҳимтарин биноҳо ба назар мерасанд. Маҷмааи ҷанубӣ (52х52 м), ки бевосита дар самти ҷанубии миёнсарой ва толори қабулгоҳ ҷойгир буд, аз чор ҳуҷраи истиқоматии аз ҷиҳати андоза ва тарҳ ба ҳам монанд иборат буд. Ин ҳуҷраҳо аз миёнаашон бо даромадгоҳҳои салибмонанд ҷудо мешуданд. Ғарбтар аз ин бинои чорҳуҷрагӣ, маҷмааи дигари аз ҳайси ҳаҷм ва эътибор нисбатан муҳимтар ҷойгир буд, ки ҳавлии алоҳида дошт. Дар шимоли маҷмааи мазкур, маҷмааи сеюм бо биноҳои хурди хизматӣ ва ҳавлӣ ҷойгир аст.

Дар қисмати нисбатан ғарбтари қаср хазина, китобхона ва махзанҳои чоркунҷашакли андозаашон 45,73х49,37 м ба шимолу ҷануби ҳавлӣ тӯл кашидаанд. Ҳар як аз ин чаҳор айвони ҳавлӣ дорои 14 сутуни дороии чорқирра мебошанд, ки дар маҷмӯъ 60 сутунро ташкил медиҳанд. Ҳамагӣ 37 пояи бенақши гунбази сутунҳои дороӣ ёфт гардид. Бостоншиносон истифодаи дастгоҳи харротиро ҳангоми

тайёр кардани сарсутунҳо ва пояи сутуни гунбазҳо ба қайд гирифтанд. Баландии умумии сутунҳои доройӣ, ки дар асоси қисмати боқимондаи сутунҳо тармим шудаанд, якҷоя бо сарсутунҳо ба 4,84 м баробаранд. Таносуби бадастомадаи таҳкурсӣ ва сутун, ки ба 8,3 м баробар аст, хоси биноҳои сангини Ойхонум аст. П. Гарчинский хулоса мекунад, ки сабаби ин мавҷуд набудани новачаи оддӣ дар сутун ва таъсири сутунҳои чӯбини маҳаллию шарқии меъморӣ аст.

## 3.1.8.Хазина

Хазинаи қаср, ки маркази сиёсӣ ва иқтисодии шаҳр аст, бо сутунҳои доройӣ қисмати ғарбии ҳавлии калони шимолиро ишғол кардааст. Он аз иморатҳои бинои хазина иборат буд, ки дар атрофи ҳавлии росткунҷа қомат афрохта буданд. Ҳафриёти хазина (соли 1978 шурӯъ гардида, то ҳол идома дорад) имкон дод, ки самти шарқӣ ва қисман самти шимолии бино дар сатҳи болоии сохтмон кушода шаванд. Ба ҳар ҳол тафсилоти лоиҳаи ин маҷмаа ба равшантар шуд.

Хазина, ки дар чаҳор тарафи дохилии ҳавлӣ бунёд шудааст, шаклан трапетсияеро ба вуҷуд меорад, ки андаке ба ғарб моил шудааст. Андозаи тарафҳои берунии он дар ҷануб 51,55, дар шимол 50,57, дар ғарб 58,96 ва дар шарқ 59,0 м-ро ташкил медиҳанд. Деворҳои хазина аз хишти хом бино шуда, тавораш ҳам аз хишти хом аст, вале таҳкурсиаш аз хишти пухта. Деворҳои ғарбӣ ва шарқии ҳавлӣ бо панҷ бинои тангу чуқури комилан муқобили якдигар истода ва бевосита ба ҳавлӣ бароянда банд шудаанд. Самти шимолӣ бо 8 иморати ба ҳам пайванди барашон ба бинои қаблӣ баробар, вале баландиашон бештар иҳота шудааст. Ин биноҳо ба долони тӯлкашида,

ки дар баробари девори ҳавлӣ сохта шудааст, мебароянд. Аз самти ҷанубӣ ду бинои долонмонанди дарозрӯя ба миёнсарой – гузаргоҳи марказӣ мепайванданд (расми 11).

Қаср дар маҷмӯъ шакли ромби ба росткунҷа наздик дошта, тарафҳои он 28x20 м, тарафҳои ғарбӣ ва шарқӣ аз ҷиҳати меҳварашон ба ҳам мувозӣ ҷойгир шудаанд (B). Бинои самти ғарбӣ 8x4,5 м ва бинои самти шарқӣ бо ҳамон паҳнои 4,5 м, аз 7,8 то 7,4 м каме ба самти шимол танг мешавад. Дарҳои қисматҳои шарқӣ ва ғарбӣ нисбати якдигар марказонида шудаанд. Дарвозаҳои шимолӣ бошанд бо меҳвари самти шимолӣ марказонида шудаанд ва ба таври мувофиқ бо дарвозаҳои ҷанубӣ ҷойгир шудаанд (каме ба самти ғарб нигаронида шудаанд). Аз назари П. Бернар «Таҳлили лоиҳа маҳорати меъморро нишон медиҳад, ки барои ду усули мутамарказро мутаносиб кардан онҳоро якҷо карда, дар натиҷа тавозуни комилро ба даст овард». Тавре, ки П. Бернар нишон медиҳад, бунёди аслии лоиҳаи ин бино шарқӣ буд.

Сарфи назар аз кашфи остонаҳои сангини баландсифати гузаргоҳҳо, ки ба дарозии деворҳои ғарбӣ ва шимолӣ ба ҳавлӣ мебаромаданд (биноҳои 106, 111, 113, 155, 166), бостоншиносони фаронсавӣ ба хулосае омаданд, ки (мас. аз ҷиҳати набудани фаршҳои ҳамворкарда дар биноҳои 106, 108, 115, 116, 118) сохтмони хазина ба охир нарасидааст. Исботи ин хулоса хиштҳои баромадаи гӯшаҳои бино ва набудани андова дар баъзе аз деворҳои пайвасти шарқӣ шуда метавонанд. Аз рӯи ҷойгиршавии бозёфтҳо танҳо биноҳои хазина самаранок истифода мешуданд (104, 109). Ба истисноӣ баъзе биноҳо (120, 123) барои ҷойгиркунӣ ва нигоҳдории ашё суфаҳо бино нашудаанд.

Бостоншиносони фаронсавӣ бинои мазкурро дар асоси дарёфти кӯзаҳо барои нигоҳдории сиккаҳову навиштаҷот, инчунин кашфи устохонаҳои хурди истеҳсолӣ, сангҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти ниматайёр ҳамчун хазина ба қайд гирифтанд.

Дар хазина сангҳои қиматбаҳо барои заргарӣ, нимтамом, баъзан пардозёфта, ба монанди пораи ақиқ, санги сулаймонӣ, ақиқи сурх, лоҷвард, ёқути азрақ, булӯри кӯҳӣ, инчунин пораи ашёи хурди оҷӣ ёфт гардиданд. Аз «маҳсулоти нимтайёр» доирачаҳои биринҷӣ барои сикказанӣ бештар ҷолибанд. Онҳо далели дар шаҳр вуҷуд доштани зарробхона ба ҳисоб меравpossible. Таҳқиқоти сиккашиносон ин фарзияро тақвият дод.



**Расми 11. Ойхонум. Хазина. Лоиҳа**

Баъзе биноҳо (ҳавлии 105, 111, 115, 117) ҳамчун устохонаҳои маҳаллии коркарди маснуоти заргарӣ ва маъдангудозӣ истифода мешуданд. Чунончи дар бинои 115 сабикаҳои дарозрӯ, 8 нуқрагӣ ва 4 тиллоӣ кашф шуданд, ки вазни умумиашон мутаносибан 12,574 ва 0,873 кг буд. Буриши дар сабикаҳо мушоҳидашавнда ва сангҳои тарозуи қӯрғошимӣ ва порсангҳои дарёфтгардидаро П. Бернар

гувоҳи хариду фурӯши филизот дар ин ҷо донист. Ин ҷо шарҳи дигар низ вуҷуд дошта метавонад: ҳамаи ин ашё метавонанд аз қайди филизоти воридотиву содиротӣ гувоҳӣ диҳанд. Ғайр аз ин, сабикаҳои дар ҳафрҳои қабати кушонӣ пайдогардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо дар дасти ғолибон будаанд. Дар ин хусус дар асоси навиштаҷоти бисёр муҳим, ки дар яке аз сабикаҳо бо забони номаълум кандакорӣ шудааст, мулоҳиза кардан мумкин аст.

Ба итмом нарасонидани сохтмони хазина, ғорату қатъ кардани ҳафриёти Ойхонум ба бостоншиносони фаронсавӣ имкони таҳлили пурраи биноҳои дохилии онро надод. Дар ҳақиқат, ғайр аз лоиҳаи бинои хазина ва ҳатто нақши рафчаҳо (чун дар аслиҳахона) ва ғ. қариб ки чизе боқӣ намондааст. Бинои 126 – махзани равғани зайтун буд ва дар бинои 104 бошад зарфи атриёт ёфт гардид. Бинои 109 намунаи хазинаи хуби муназзам аст. Дар вай чанд қатор кӯзаҳои калон будааст. Мавҷудияти ин кӯзаҳоро аз нақши онҳо, ки дар фарш мондааст, муайян кардан мумкин аст. Ин ҷо боз масолеҳи зиёди сангҳои начандон гаронбаҳо, тангаҳо ва навиштаҷоти тамғаҳо ёфт гардиданд.

Оид ба истеҳсолоти маҳаллӣ дар баъзе биноҳои анбор тахатсанги фишор (пресс), қутраш 0,76 м, гувоҳӣ медиҳад, ки дар бинои 120 ёфт гардид. Ин тахтасанг барои афшурдани шарбати ангур аст. П. Бернар аз ин натиҷа мегирад, ки бар Бохтари эллинӣ рӯҳияи юнонӣ хос буд. Аз тарафи дигар, ин тахтасанг чун сангҳои осиёбӣ дар биноҳои хазинавӣ ёфт гардиданд, ки оид ба сифати истеҳсолӣ доштани ин ва дигар биноҳо гувоҳӣ медиҳад. Умуман онҳо аз гуногунии вазифаи биноҳои анборӣ ва косибии хазина гувоҳӣ медиҳад.

Дарёфти рангдон дар хазина ва дар дигар мавзеҳои ҳафршудаи Ойхонум ҳамчун гувоҳи босавод будани шумори бештари аҳолӣ ҷолиби диққат аст. Дар ин бобат навиштаҷоту сиёҳии кӯзаҳои сершумори аз биноҳои хазина кашфшуда маълумот медиҳанд.

### 3.1.9.Китобхона

Пас аз кашфи папирусҳои ба ном китобхонаи қаср, инчунин тафсири навиштаҷоти аз омӯзишгоҳ ва маъбади Киней бадастомада сатҳи баланди ҳаёти фарҳангии Ойхонум боз ҳам равшантар гардид, ки дар ин бобат мо дертар маълумот медиҳем.

Китобхонаи Ойхонум дар шакли бинои дарозрӯяи долонмонанд дар бинои 107-и (18,4х4,55 м) хазина ҷойгир шуда, аз тасаввуроти мактабии мо дар бораи бойгониҳои эллинии Искандарияи Миср ё китобхонаи Пергам тафовути куллӣ дорад. Китобхонаи қасри Ойхонум дар қатори биноҳои шимолии хазина, ки ба ҳавлии 105 кушода шуда, ба ҳам пайванд нестанд, ҷойгир аст (расм. 11). Китобхона аз дигар ҳуҷраҳо танҳо бо он фарқ мекард, ки каме барҳавотар буда, ду баромадгоҳ дорад, ки яке ба ҳавлии 105 ва дигар ба миёнсарой (106) мебаранд. Ҷойгиршавии биноҳои хазина имкон медиҳад ду гурӯҳи хизматчиёнро, ки ба бино рафтуо доштанд, фарқ кунем. Миёнсаройи ғарбӣ, ки дар бинои 110 ҷойгир аст, барои хизматчиёни дараҷаи поинӣ таъйин шуда буд, дар ҳоле ки аз миёнсаройи 106, ки ба ҳавлии хазина мебурд, ба ақидаи К. Рапэн, танҳо мансабдорони баландрутбаи ҳудуди қароргоҳ ё маъмурон ҳуқуқи истифода бурдан доштанд.

Тахмини К. Рапэн оид ба вуҷуд доштани дастрасӣ танҳо барои мансабдорони баландрутба аз тарафи таҳқиқотчиён хеле боэҳтиёт гуфта шудааст. Таҷҳизоту

асбоби рафҳои китобхона бо сабаби фарсудагии сахти деворҳо шинохта намешаванд. «Дар деворҳои дохилии китобхона ягон нишонае аз рафҳо ё миноҳо дида намешавад. Танҳо дар девори ҷанубии хазина ёфт шудани сафолпораи зарфҳо имкон дод ин зарфҳо махзани номаҳои лӯлапеч (ба ҷои сандуқчаҳои оддӣ ва рафҳое, ки хоси китобхонаҳои бузурги Баҳри Миёназаминанд) ҳисобида шаванд.

Барои дақиқан китобхона донистани ин бинои Ойхонум фарзияи дар ҳавлӣ ҷойгир будани китобхонаи Искандарӣ ва барои истифодаи омма набудани он хизмат мекунад. Дар китобхонаи Ойхонум нақши папирусҳо ёфт гардидааст.



**Расми 12. Ойхонум. Нақшаи омӯзишгоҳ.**

## 3.1.10.Гимназия

Маркази асосии илму маърифат дар шаҳр гимназия ба ҳисоб мерафт, ки дар қисмати шимолии шаҳристон ҷойгир буд. Он аз иншооти азими иборат буд, ки се бахш дошт.

Маҷмаа дар самти шимол ҳавлии мураббаи васеъ дошт (бараш 100 м), ки аз чор тараф бо ҳуҷраҳо (125x100 м) ва нишастгоҳҳои беруна иҳота шуда буд (расм. 12).

Қисмати сеюми гимназия, ки қаблан дар алоҳидагӣ баррасӣ мешуд, акнун якҷоя бо он ҳавлии таворадореро ташкил медиҳад, ки дар қисмати ҷануб ду дарвоза дошт. Дар он ҷо ҳавзи бузурги (40x40 м) начандон амиқ (тақрибан 2 м) ҷойгир буд, ки асосан на барои шиноварӣ, балки барои оббозӣ хизмат мекард.

Ба ин ҳавзи оббозӣ бинои бузургу (105,7 м) тӯлонӣ (3,74 м) ҳамроҳ аст, ки як силсила толорҳои оббозӣ дорад. Аз катҳои гаҷӣ ва лӯлаҳои обгузар доштани он ба ин хулоса мерасем.

Ба ақидаи П. Бернар, «мавҷудияти нишастгоҳҳои берунаи бо сутунҳои дороии бузург аз чор тарафи ҳавлӣ ин бинои Ойхонумро бо гимназияи Олимп мушобеҳ месозад, аммо таносуби ҷиддии хатҳои лоиҳа ба ҳаддест, ки он дар иморатҳои пелопонессӣ дида намешавад. Таҳлили гимназияи Ойхонум П. Бернарро ба хулосае овард, ки аз ҳама гимназияҳои машҳури юнонӣ ба гимназияи бохтарӣ танҳо гимназияи хаёлии тасвирнамудаи Витрувий наздик мебошад. Ҳавлии якум барои биноҳои таълимӣ ва қисман тамринҳои варзишӣ пешбинӣ шуда буд; ҳавлии дуюм, ки бешубҳа баъди ҳавлии якум бино шудааст, барои машқ дар майдончаҳои болопӯшида ё ҳавои кушод хизмат мекард.

Дар айниятдиҳии бинои гимназия ғайр аз сохтори он инчунин аз соатҳои офтобӣ, навиштаҷот бо зикри Гермес ва Геракл – ҳомиёни гимназия ва пайкараи устоди нахустини гимназия (ба эҳтимоли ба ҳақиқат наздики П. Бернар) истифода карда шуд. Набудани шумораи зиёди бозёфтҳоро П. Бернар бо он шарҳ медиҳад, ки гимназия аз

рӯйи сохтмони баъдии он (чоряки дуюми асри II то милод) ва иншооти нотамомаш омӯхта шудааст.

Ҳафриёти қабатҳои баъдии гимназия барои Ойхонум ниҳоят муҳим ва камназиранд. Боқимондаи сохтмони марҳилаи сеюм (175–150 то м.), ба андешаи П. Бернар, «аллакай бо гимназия ҳозира алоқамандие надоранд: дар маҷмааи шимолӣ (100x64 м) ҳавлӣ танҳо аз ду тараф – шимолу ҷануб, бо ҳуҷраҳо иҳота шудааст, ҳуҷраҳои самти шимол ҳафтогӣ ва панҷтогӣ ҷойгир шудаанд. Биноҳои қитъаи марказӣ бошад ба махзан монанданд. Тахмин меравад, ки дар даврони пешин шустушӯ дар ҳавзи мудаввари бо хиштҳои хом сохташуда (диаметраш 9,5 м) анҷом меёфт.

Бинои гимназия, ки дар давраи шоҳигарии Евкратид сохта шудааст, дар даврони юэҷийҳо ва кушониҳо (агар аз оташдонҳо қиёс кунем) косибон, маъдангудозон ва оҳакпазон истифода мебурданд.

### 3.1.11.Фаввора

Барои омӯзиши ин иншооти хурд ба ҳайси муқаддима метавонад мулоҳизаи Павсаний оид ба тассавуроти эллиниҳо дар бораи мавҷудияти ҳатмии биноҳои ҷамъиятӣ дар шаҳр хизмат кунад, ки онро П. Бернар пешниҳод кардааст. Павсаний мегӯяд: Панопейҳои Фокидаро шаҳр номидан мумкин нест, чунки дар он ҷо биноҳои маъмурӣ, гимназия, театр, бозор ва ҳатто фаввора вуҷуд надорад».

Ба ақидаи П. Бернар Ойхонум ба ғайр аз бозорҷой, дигар тамоми сифатҳои меъмории юнонӣ, аз ҷумла, фаввора ва театр ҳам дошт. Фаввораи Ойхонум 50 м дуртар аз шимоли гимназия дар гӯшаи пешайвон, мувозӣ бо ҷараёни дарёи Панҷ сохта шуда буд. Боқимондаи ду девори он кашф карда шуд, ки 10 м болотар аз сатҳи оби

дарё аз хишти сангин сохта шуда буданд. Ҳамин тариқ, бе шубҳа метавон гуфт, ки аз сохтори ибтидоии П-монанд яке аз деворҳои паҳлуӣ нобуд шуда, он шакли г-ро гирифтааст. Пештоқи иншоот хароб шудааст, вале он дар асоси расми гулдонҳо ва ёдгориҳои маҳфузмонда тармим шуда истодааст.

Паҳнои умумии тоқи П-монанди фаввора 5,8 м буда, чуқурии боқимондааш аз самти шимол 4,3 м аст. Ба девори паси тоқи фаввора об аз обрезаҳои қатор меояд. Деворҳои паҳлуии фаввора (хусусан ҷанубӣ) бар асари афтидани соҳили дарё валангор шудаанд. Дарозии яке аз онҳо 2/3 ҳиссаи дарозии аслиашро ташкил медиҳад. Эҳтимол ин бино ба монанди биноҳои дигар бомпӯш будааст. Бом, вобаста ба паҳнои он, чун анъана тавассути ду сутун дар ҳар як пештоқ нигоҳ дошта мешуд. Нақши пояҳои сангин боқӣ намондааст, аммо фарши сангини боқимонда аз об зарар дидааст. Вобаста ба ин П. Бернар маълумоти арзишманде пешниҳод кардааст, ки тибқи он сатҳи об баҳорон то 10 м баланд мешавад.

Аз фарши сангини пешина миқдори ками тахтасангҳои росткунҷаи аксаран кунҷҳояшон бурида боқӣ мондааст.

Обрезаҳои фаввора дар шакли ҳайвонҳои мансуб ба олами обии асотирӣ ва сари Ахелой сохта шудаанд.

Ба андешаи умумии П. Бернар дар бобати он, ки сохтмони фаввора бо тасаввуроти шаҳрсозии юнонӣ, ки онро Павсаний тавсиф кардааст, мутобиқат дорад, розӣ нашудан мушкил аст. Воқеан ҳам шаҳристони Ойхонум, ки дар резишгоҳи ду дарё воқеъ аст ва тавассути каналҳо обёрӣ мешавад, аслан ба фаввора зарурат надорад, хусусан дар соҳили дарё. Ҳамчунин ба ишораи П. Бернар розӣ шудан мумкин аст, ки фаввора якҷо бо гимназияву театр ба тасаввуроти аслии шаҳрсозии юнонӣ мувофиқат мекунад.

Алоқамандии бевоситаи меъмории юнонӣ бо анъанаҳои шарқӣ аз он ки мо тасаввур мекунем, фаротар аст.

### 3.1.12.Театр

Дар нишебии ғарбии арк, шарқтар аз хиёбони марказӣ се иншооти азим кашф шуда буданд: театр, бинои ҷамъиятӣ ва анбори аслиҳа.

Театр дар самти охири шимолии доманаи арк ҷой гирифта буд. П. Бернар мавзеи эҳтимолии театрро дар аввалин ташрифи худ, соли 1964, вақти азназаргузаронии санҷишии шаҳристон, ҳамроҳи Д. Шлумбергер муайян карда буд. П. Бернар дар ин хусус менависад: «Ман даҳанаи васеи нимдаврашакли бонизомеро дидам, ки табиӣ буда наметавонист. Вале ҳангоми ҳафри он ягон нишонаи бино мушоҳида нашуд. Баъдан боқимондаҳои меъморие кашф шуданд, ки ба ғайр аз театр чизи дигар будани онро истисно мекарданд.

Бостоншиносони фаронсавӣ театрро қисм ба қисм кофта баровarданд, муайян кардани шумораи зинаҳо ва қутри саҳна (тақрибан 42 м, баландиаш 15 м) қувваи кории зиёд лозим набуд.

Комилан вайрон гаштани театрро П. Бернар бо пастсифат будани масолеҳи табиии он, ки таркиби асосии онро ташкил медод, вобаста медонад. Нӯҳ зинаи аввали он аз оҳаксанги ковок сохта шуда, болои он хишти хом чида шудааст. Зина-харакҳои болоии театр бо шағал дар болои қабати ғафси сангхок сохта шудааст. Барои ба шакли дурусти ҳандасӣ даровардан, баъзе каҷиҳои табииро ва шакли даромадгоҳи театрро дар баъзе ҷойҳо тоза кардан, баъзеро қисман хокрезӣ кардан лозим буд. Барои хокрезӣ аз тӯдаи хоки қаблан омодашуда, ки сафолпора ҳам дошт, истифода шудааст. Таҳқиқи сафолот ба бостоншиносон

имкон дод, ки санаи сохтмони театрро аниқ кунанд. Театр бояд пеш аз охири асри III то милод сохта шуда бошад.

Зина-харакҳои театри Ойхонум бо баландии 45-50 ва паҳнои 60-70 см дар қиёси саҳнаи юнонии баҳримиёназаминӣ, ки «одатан комилан сангӣ буданд» аз хишти хом сохта шуда буд. Вале П. Бернар намунаи чунин зинаҳоро, ки аз маҳсулоти хом сохта шудаанд, дар театри Бобул ёдовар мешавад, ҳарчанд онҳо баъдан бо хишти пухта рӯпӯш шудаанд. Масъалаи аз хишти хом рӯпӯш кардани театри Ойхонум кушода мемонад, чунки боқимондаи сангҳои рӯпӯшӣ, ки дар қабати баъдии саҳна кашф шудаанд, барои чунин истифода хеле калон ҳастанд. Ҳарчанд, ба андешаи мо, имкон дорад, ки на ҳамаи харакҳо, вале қисмати мансуб ба ашрофон, ки ҳақиқатан дар Ойхонум нуфузи баланд доштанд, бо санг рӯпӯш карда шуда бошанд. Аз қисмати пушти саҳна танҳо девори танбагии сангин боқӣ мондааст, ки аз оҳаксангҳои мараббаъ таркиб ёфтааст.

Умуман 35 қатори харакҳои театр, ба мисли бодбезак бо қутри 42 м нимдавраанд. Аз рӯи ҳисоби бостоншиносон театр 6 ҳазор тамошобинро бо ҷойи нишаст таъмин мекард, ин дар ҳолест, ки театри Бобул бо қутри 22 м қариб ду баробар хурдтар буд. Танҳо театри эллинии Эпидавр аз ҷиҳати андоза ва ғунҷоиш каме аз театри Ойхонум бартарӣ дорад.

Дар миёнаи амфитеатр се ҷуфт нишастгоҳ барои шахсони муътабари шаҳр мавҷуданд. П. Бернар чунин меҳисобад, ки театрҳои юнонӣ ҷойҳои фахрӣ надоштанд. Ин тасдиқи П. Бернар эҳтимол ба театрҳои давраи классикии шаҳрҳои демократии худидоравӣ тааллуқ дорад. Аммо дар давраи шоҳигарии эллинӣ вазъ тағйир ёфт. Ҳатто дар чунин шаҳраки назарногири юнонӣ чун

Пантикап, ки зери ҳукмронии Спартакиҳо қарор дошт, курсии мармарини асри IV то милод кашф шуд, ки чунин курсиҳо дар театрҳо ва дигар биноҳои ҷамъиятӣ дар давраи шоҳигарии эллинӣ истифода мешуданд.

Дар вобастагӣ ба шумораи ҷойҳои нишаст дар театри Ойхонум масъалаи муҳим оид ба шумораи умумии сокинони Ойхонум ба миён омад. Бо тавсияи Полион, шумораи аскарони сокинони шаҳрҳоро бо муқаррар кардани шумораи тамошобинони театр муайян кардан мумкин буд. Вале П. Бернар ин масъаларо бо тарзи дигар ҳал мекунад. Ба ақидаи ӯ «на дар Ойхонум ва на дар водӣ, ки масоҳати калонро ташкил медод, яқинан шаш ҳазор одами калонсоли ба маданияти юнонӣ тааллуқдошта набуд. Агар ғунҷоиши театр аз талаботи маҳаллӣ зиёд мешуд, ин бо он сабаб буд, ки дар шаҳрҳои олами юнонӣ он дар рӯзҳои ҷашнҳои калони ҳарсола аз тамоми музофот тамошобинон ҷамъ меомаданд».

Дар ҳамин асос П. Бернар ба хулосае (ба андешаи мо баҳснок) мерасад, ки «Бохтари юнонӣ, Бохтаре, ки дар соҳили чапи Омӯ ҷойгир аст, дар атрофи ду шаҳр ташкил ёфта буд ва аз ҷониби ду давлати бузург – Бохтар дар ғарб ва Ойхонум дар шарқ идора карда мешуд».

Ақидаи П. Бернар оид ба он, ки театри Ойхонум барои таърихи умумии бостоншиносӣ чандон мароқовар нест, эҳтимоли дуруст дорад, чунки ин намуди иншоот дар Юнон чун зуҳуроти маданӣ ва дар минтақаи Бохтар чун падидаи фарҳангӣ хеле машҳур аст. Дар алоқа бо ин матнҳои муаллифони антиқӣ, ки П. Бернар овардааст, ба маврид мебошанд, хусусан ин ду шоҳидии Плутарх, ки мегӯяд: баъди Осиёро ба даст овардани Искандар ҳама Гомерро мехонданд ва кӯдакони форсҳову шушиҳо фоҷиаи Эсхил ва Софоклро месуруданд. Воқеан, ҳамчун натиҷаи

таъсири маданияти юнонӣ завқи тамошои намоишҳои театрӣ на танҳо бохтариҳо, балки тамоми Шарқи эллинишуда, масалан ашрофони парфиянӣ ва арманиро ҳам фаро гирифта буд. Аз ҷумла, Артаваз – шоҳи Арманистон, ки худаш ба забони юнонӣ фоҷеаву таҳқиқоти таърихӣ менавишт (осораш қисман боқӣ монда, Плутарх аз онҳо огоҳӣ дошт), «Олиҳаи хурдакак»-и Еврипидро ба саҳна монда буд. Маълум аст, ки вақти намоиш дар ҳавлии ин арманӣ ҳунарпешаи машҳури аз Тралл таклифшуда – Ясон, сари аз тан ҷудокардашудаи лашкаркаши машҳури рӯмӣ Крассро ларзонда, суханони Еврипидро дигар карда, бадоҳатан мегуфт. Аммо гуфтан мумкин нест, (П. Бернар ҳам чунин накард), ки чунин намоишҳо (бо истифодаи сари буридаи лашкаркашон) дар Ойхонум ҳам гузаронида мешуданд. Ҳамин кофист, агар бигӯем, ки дар театри шаҳр фоҷиаҳои классикии юнонӣ ба намоиш гузошта мешуданд (шояд, ҳатто маҳзакаҳои Менандра ҳам), дар махзанҳо бошад рисолаҳои шеърӣ ва фалсафӣ, ки бешубҳа ба кадом як қисми сокинони Ойхонум маълум буданд, нигоҳдорӣ мешуданд.

### 3.1.13.Бинои ҷамъиятии канори хиёбони марказӣ

Дар ҳамон суфаи шаҳр, байни театру силоҳхона, дар қатори хиёбони марказӣ (тақрибан 80 м ҷанубтари маъбади тоқчаҳояш зинатдор) солҳои охири ҳафриёт (1976–1978) маҷмааи калоне кашф гардид. Дар ин мавзеъ ҳанӯз Д. Шлумбергер эҳтимоли кашфи гимназияро карда буд, яъне ин иншоот аз аввал диққати намояндагони бостоншиносии Фаронсаро ҷалб карда буд.

Бузургии иншоот ва мавқеи он дар хиёбони марказӣ – рӯ ба рӯи қаср дар наздикии анбори аслиҳа, бешубҳа аз нақши бузург доштани он дар сохтмони марказии шаҳр

шаҳодат медиҳад. Барои муайян кардани вазифа ва ҳудудҳои аслии иншоот чанд чуқурӣ (шурф) канда шуд. Бино дар атрофи самтҳои шимолӣ, шарқӣ ва ҷанубии ҳавлии васеъ (75х39,5 м) сохта шудааст, бинои шарқиаш ба дарозии хиёбони марказӣ мегузарад, девори ғарбиаш бошад, танбаи девори айвонро ташкил медиҳад. Бо сабаби валангории бинои ғарбӣ баландии бинои якум муайян карда нашуд. Дар маркази деворҳои кӯтоҳи шимолӣ ва ғарбии ҳавлӣ айвонҳои бо ду сутун ороёфта сохта шудаанд. Айвони шимолӣ 11,06х7,11 м ва айвони ҷанубӣ 11,02х6,75 м андоза доранд. Чаҳор таҳпояи сутунҳои намуди осиёихурдӣ дар рӯйи лавҳаҳои яклухти чоркунҷа 88х95 ёфт гардиданд. Қутри таҳпояҳо гуногунанд: айвони ҷанубӣ – 0,63 ва шимолӣ – 0,73 м. Вале бо ин қадар тафовути калони байни қутрҳо муҳаққиқон на танҳо ба хулосае меоянд, ки баландии сутунҳо якхела буданд, балки ҳатто баландии онҳоро дақиқан 7,8 м муайян мекунанд. Ин андоза шояд барои айвони шимолӣ бошад, андозаи айвони ҷанубӣ қариб як метр баландтар аст.

Дар ин иншоот маҷмааи биноҳои аз айвони ҷанубӣ ба сӯйи шарқ тӯлкашида диққати махсусро талаб мекунанд. Ин маҷмаа ҳамчун «навъи классикии ҳаммомҳои дар Ойхонум кашфшуда» баҳо дода мешавад.

Қаторҳуҷраҳо аз хонаи либоскашӣ оғоз мешуд (16), ки аз он ба «толори шустушӯ» ворид шудан мумкин буд (17). Дар қатори толори шустушӯ, толоре (18), ки пурра вазифаи ошхонаро иҷро мекард (19) ва дар шарқтари он ҳуҷраҳо ҷойгир буданд. Дар деворҳои се бинои охир боқимондаҳои андова дида мешавад, ки дар қабати хокистар боқӣ монда, ранги сурх доштааст, ки ин хоси тамоми ҳаммомҳои Ойхонум аст. Хонаи либоскашӣ (16) бо дарозии 4,2 м ва паҳнии 3,1 м даре ба роҳрави даромадгоҳ дошт ва бо

фарши мураккаб густурда шуда буд (кошинкории шағалӣ порча-порча аз роҳрав ёфт гардид). Дар толори шустушӯ (17) ба андозаи 4,2х3,1 м фарши аз хишти хоми хеле бодиққат чидашуда ва фарши сангини асосии аз тахтасангҳо иборат ба мушоҳида мерасад, ки онҳо бо гаҷ васл карда шудаанд. Таҳкурсии деворҳо бо чунин тахтасангҳои бо гаҷ васлкардашуда, муҳофизат мешуданд. Об қад-қади нишебии сангфарш тавассути кунҷи ғарбӣ берун мешуд. Ин толор ҷузъи ҳаммом ба ҳисоб намерафт, танҳо бо дари толори обрасонӣ пайваст шуда буд. Толори обрасонӣ (18), ҷое ки ходимон барои оби гарм меомаданд, андозаи хурдтар дошт: 2,21х2,14 м. Фарши он ҳам инчунин бо тахтасангҳо мустаҳкам шуда, аз хишти хом омода шуда буд. Бе осеб мондани девори ғарбӣ ба бостоншиносони фаронсавӣ имкон дод, ки услуби оташмониро мушоҳида кунанд, ки то ин замон он қадар маълум набуд. Оташдон, ки ба камин (навъи печ) монандӣ дорад, дар байни ду девор, ки шарқиаш куҳнатар ва ғарбиаш нисбатан баъдтар сохта шудааст, ҷойгир буда, андозаи даричаи он 0,75х0,75 м буд. Оташдон аз хиштҳои хоми баландиашон 0,50 м сохта шуда, аз он дуд ба боло, бо дудбаро ба паҳноии деворҳо ба бом мегузашт. Тавассути равзанаи дар қатори оташдон буда ходимон зарфҳои оби гармро медоданд. Пушти оташдон аз ошхона бо девори борики аз хишти хом сохташуда ҷудо мешуд. Ин девор дар қисмати поёнии худ сӯрохие дошт, ки бо он хизматгороне, ки дар ошхона буданд, метавонистанд оташи оташдонро хомӯш ё зиёд кунанд. Бо шарофати ин усули оддӣ ва босамар оббозикунандагон метавонистанд «ба чашми хизматгорон наафтода» зарфҳои пуробро гиранд.

Сарҳадҳои ҷанубии ин бино ҳафр нашуданд. Таърихи дақиқи ин бино низ муайян нест. С. Вёв ва ҳамкорони ӯ

тасдиқ мекунанд, ки ҳавлӣ бо айвонҳо муддати хеле дароз мавҷуд будааст. Фарсудашавии рӯяи ҷанубии пойсутунҳо аз таъсири боду ҳаво дар айвони шимолӣ далели ин гуфтаҳост. Инчунин align азнавсозиҳои сершумор, бардоштани align пояҳои паҳлӯии даромадгоҳ, ки бо бардоштани саҳни ҳавлӣ алоқамананданд, инчунин таъмири деворҳо дар айвони ҷанубӣ аз ин шаҳодат медиҳанд. Дар асоси ин мушоҳидаҳо айвонҳо ва умуман тамоми иншооти ҷамъиятиро тақрибан ба соли 200 то милод нисбат додан мумкин аст.

### 3.1.14.Анбори аслиҳа

Дар ҷануби айвони шаҳр, ки аз як тараф бо арк ва аз тарафи дигар бо хиёбони марказӣ пайваст буд, таҳқиқи иншооти азим, ки аслиҳахона дониста мешавад, оғоз ёфт. Соли 1978 қисмати ғарбии ин иншоот кашф шуд, ки то хиёбони марказӣ рафта мерасид. Ду ҳафриёти калон дар маркази бинои дарози долонмонанд (дарозияш тақрибан 140 м ва паҳнояш аз дохил 6,2 м), ки ба анбор монанд буд, сурат гирифт. Тавре, ки ҳафриёт нишон дод, анбор танҳо аслиҳа дошт, аз ҳамин сабаб он анбори аслиҳа номида шуд. Деворҳои дароз (ғарбӣ ва шарқӣ) бо паҳноии 2,2 м бо хишти хоми андозааш калон 44х44х12 см (расми 13) сохта шудаанд. Танҳо ҳудуди шимолии бино кашф шудааст, ҳудуди ҷанубӣ аз рӯи маконнигории маҳаллӣ муайян карда шудааст. То ҳол ягон миёнадевор ё таворае кашф нашудааст; бино дар тамоми дарозо ду қатор раф дошт, ки дар деворҳои дохилии ғарбӣ, шимолӣ ва шарқӣ сохта шуда буданд. Дар девори шарқӣ сӯрохиҳое боқӣ мондаанд, ки дар онҳо равҳои уфуқӣ устувор карда шудаанд. Масофаи байни онҳо 1,65 м аст. Рафҳо аз фарш дар баландии 1,2 м ҷойгир шуда буданд. Лавҳаҳои тахтагини сиҳатмондаи рафҳо дар девори шимолии ин бино ёфт гардиданд. Девори

ғарбӣ бо қубурҳои сафолӣ насб карда шудааст, ки дар баландии 20 см аз фарш сӯрохиҳо вуҷуд дорад, ки эҳтимол барои ҳаводиҳӣ монда шудааст. Аз самти ғарбӣ иншоот дар надошт, лекин дар девори шарқияш се ҷойи дар кушода шуда буд (A, B, C). Ҷойи дарҳо чанд дафъа иваз ва аз нав сохта шуда, оқибат бо хишт маҳкам карда шудаанд. Ба ҳар ҳол ин садд то андозае қисмати дохилии биноро аз ғоратгарӣ наҷот дод. Ин сохтмони дарози долонмонанд бо баромадгоҳҳо ба ҳавлӣ биноҳои мутаносиб дошт, ки шояд дар давоми ҳафриётҳои дигари маҷмаа кашф шаванд.

Баъди нобуд шудани шаҳр (тақрибан соли 145 то м.), бино вазифаи худро аз даст дод. Биноҳои хурди берунӣ, бо деворҳои борик (1 м) сохта шудаанд. Аз рӯи порча-порча будани бозёфтҳо, ин бино ҳам аз ғоратгарие, ки тамоми шаҳрро фаро гирифта буд, дар амон намондааст. Нишонаҳои сӯхтор ҳам ҳастанд, ки болорҳои сӯхтаи рафҳои ғарбии долон аз ин шаҳодат медиҳанд. Бозёфтҳои сершумори ин бинои дарозро асосан мех, ҳалқа ва пайвандҳои сершумор барои рафҳо ташкил медоданд.

Бозмондаи аслиҳаҳо зиёд нестанд (дар долонҳои маъбади Омӯ шуморашон даҳҳо ва садҳо аст, дар аслиҳахонаи Ойхонум бошад, якчанд воҳид ёфт мешаванд). Фақат ба истиснои ғилофакҳои тир, ки сершумор ва гуногунанд.

Мавҷудияти партовҳои зиёд дар миёни ҳавлӣ (бо андозаи тақрибан 150 м дар як тараф), ки дар он миқдори зиёди дажғоли филизот ҷой доранд, нишон медиҳад, ки дар худи бино барои тайёр намудани аслиҳа устохонаҳо мавҷуд будаанд. Бо ақидаи П. Бернар «Аслиҳахона он қадар андозаи калон дошт, ки тамоми музофотро аслиҳа таъмин карда метавонист».

## 3.1.15.Мақбараи Ойхонум

Дар Ойхонум се мақбара кашф гардид, ки дутои он макони муқаддас барои парастиш ба ҳисоб рафта, дар маркази шаҳр мавҷуд буданд. Яке аз онҳо мақбараи машҳури Киней буда, дигар мақбараи азими бистуҳаштсутуна – оромгоҳи сулолавии ашрофони Ойхонум аст, ки 140 м шимолтар ҷой гирифтааст. Мақбараи сеюм, ки аз ҳама хурд аст, дар пушти деворҳои шаҳр, назди нишебии шимолу ғарбии арк кашф шуд. Аз ин сабаб он мақбараи пушти деворҳои шаҳр ном гирифтааст. Дар он ду навиштаҷот ва нақши муқарнас бо тасвири ҷавони 16–18-солаи комилҳуқуқ (эфеба) ёфт гардиданд, ки хеле фарсуда шудаанд.




**Расми 13. Ойхонум. Нақшаи анбори аслиҳа.**

## 3.1.16. Мақбараи бо сутун иҳоташуда

Дар натиҷаи ҳафриёти солҳои 1972–1973 таҳқурсии сезинагии азими росткунҷа (29,75х20 м) кашф гардид, ки он аз ғарб ба шарқ тӯл мекашид ва ба он аз самти шарқ

тавассути зинаҳо ворид шудан мумкин буд. Ба мақбараи марҳилаи сохтмони нахустин баъдан сутунҳои зиёд илова карда шуд, ки онро аз ҳама ҷониб иҳота мекарданд. Ин иншоот пештар дорои се бино буда, аз миёнсарой (8,9х6 м), як бинои тақрибан чоркунҷашакл (7,7х7,8 м) ва 2 бинои дигар (7,5х3,35 м) иборат буд (расми 14).



**Расми 14. Ойхонум. Лоиҳаи мақбараи бо сутун иҳоташуда.**

Дар дар пойдевори сохтмони айвон, ки аз хишти пухта (42х42х10 ё 42х20х10 см) сохта шудааст, хиштҳои кунҷҳояшон теғадори қутрашон 30–78 см пайдо гардид, дар пояи гунбази дуқатора бошад, қутри чунин хиштҳо то ба 75,4 см мерасад. Ин пояи гунбаз аз берун бо оҳаксанг рӯпуш шуда буд. Порчаҳо ва хиштҳои пухтаи теғадор аз

сутунҳои пайкараи пешинаи марҳилаи аввали сохтмон пайдо шудаанд. Як қисмати иншоот, ки сохтмонаш куҳнатар буд, ба бинои бо сутун иҳотакардашуда дохил мешуд. Кашфи се ҷузви гудохта дар ҷойи гузоштани сутунҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки мақбара аз аввал ҳошияи сутунӣ доштааст. Таҳқиқи ҳаҷмшиносӣ ошкор кард, ки аз ду канор дар фосилаи 2,8-метрӣ ва паҳнои 1,6–1,7 метр қаторсутун мавҷуд будааст.

Худи мақбара дар болои пойкурсии иборат аз хиштҳои бузурги оҳаксангӣ ва хиштҳои пухта сохта шудааст. Ин пойдевор бо панҷ қатор хишти пухтаи барашон 42 см таҳия шуда, дар болои он девор бо хиштҳои хоми барашон 45 см-а бино ёфта буд. Паҳноии пойдевор 2,4 м ва паҳноии девори аз хишти хом чидашуда 1,84 м аст. Намои он ҳамвор буда, аз дохил тағйирёби девор боиси паҳншавии бино шудааст. Ин тағйирот аз дохили мақбара ҳам бо сабаби деворҳои муқобили миёнсарой ва биноҳои 1–2, ки ин тағйиротро «рӯпӯш» мекарданд, он қадар маълум набуд ва тавре, ки таҳқиқотчиён мегӯянд, дар алоқамандии таҳкурсии онҳо бо дахмаи мақбара пайдо шудаанд. Танҳо дар нақшаҳо ин тағйирот дар паҳнои бино маълум аст: миёнсарой 8,91 м, бинои 1 – 7,7 м; бинои 2 – 7,5 м.

Аз миёнсарой дари остонаи сангин ба бинои № 1 мебарад. Сарфи назар аз баъзе талафот, остона дар ҳолати хуб қарор дорад. Паҳнои ҷойи дар 3,3 м мебошад. Лавҳаҳои оҳаксангӣ се қатор аз берун ва ду қатор аз дохил чида шудаанд. Дар зеҳтахтаҳо барои шинонидани рӯйкаши чӯбӣ равҳо мондаанд. Дар дутабақа буда, яке аз табақҳои кашфшуда аз самти шимол ба қайд гирифта шудааст. Деворҳои шимолӣ ва ҷанубии бино боқӣ намондаанд. Дар бинои №1 дар қисмати шимолу ғарбӣ чоҳи андозааш 1,93х2,94 м, гӯри дубора истифодашуда пайдо гардиданд,

ки ғорат шуда, ҳанӯз дар даврони қадим комилан хароб карда шуда буданд.

Зинаи бинои №1, ки аз дохили он ба поён мефаромад ва тамоми тӯли биноро фаро гирифта буд, ба дахмаи асосӣ мебурд. Он 2,06 м поёнтар аз фарши бинои №1 оғоз шуда, ба умқи 3,79 м, то фарши дахма мерасид. Зинапоя аз дувоздаҳ зинаи паҳнояшон 42 см ва дарозии умумиашон 4,46 м иборат буд. Он аз хиштҳои пухтаи дарозияшон 42 см. сохта шудааст. Дар зинаҳои поёнӣ қисмати вайроншудаи аввалин хиштҳои пухтаи чидашуда, ки аз ғоратгарон дар амон монда буданд, кашф гардиданд. Тахминан гардиши дуюми зина аз фарши бинои 1 то ҳамворзина (пандус) тармим шудааст, вале тавре ки бостоншиносон қайд мекунанд, зинаҳои он бояд хеле барҷаста бошанд. Даромадгоҳ ба зина тавассути бинои 1 дар ҳолатҳои муқаррарӣ бо хиштҳо маҳкам карда шуда, вақтҳои дафнкунӣ кушода мешуд.

Дахмаи зери бинои 2 асосӣ номида шудааст. Вай тахминан аз шимол ба ҷануб бо дарозои 2,32x4,54 м ба қайд гирифта шудааст, деворҳо, фарш ва боми он, тавре ки таҳқиқотчиён тахмин мекунанд, ҳама аз санг буданд. Деворҳоро дар зери фарш аз хиштҳои оҳаксанг чидаанд, ки баландии онҳо 1,8 м ва паҳнояшон 1,2 м аст. Дахма бомпӯш буд. Раҳҳои байни сангҳояш бодиққат сайқал шудааст. Болодарии дари дахма, ки шакли қолабии аркаро дорад, шоистаи диққати махсус аст.

Лаҳадҳои мақбара диққатро ҳам аз назари меъморӣ ҷалб мекунад ва ҳам аз он ҷиҳат, ки ба қоматбаланд набудани бошандагони Ойхонум далолат мекунанд. Дар дахмаи сангини мақбара андозаҳои охирони лаҳади бутун ба 1,75x0,70 м баробар аст. Диққати моро айни ҳол андозаҳои дохилии он (1,60x0,52 м) ба худ ҷалб мекунад,

ки ба камтар аз 160 см будани қомати дафншаванда ишора мекунад.

Мақбара дар асоси порчаҳои боқимондаи меъморӣ таъмир шуда истодааст. Ҳашт пайванди бомаш имкон намедиҳанд, ки баландии умумии ёдгориро бақарор кунанд.

Таъмири умумии аз тарафи А.П. Франкфор ва Ж.К. Лиж анҷомдодашуда бо асоснокӣ ва эҳтиёткорӣ фарқ мекунад. Мақбара (29,75х20 м) дар пояи сезинаӣ (0,50 м), ки онро ба 1,5 м ба боло мебардорад, меистад. Қаторсутун, ба ақидаи муҳаққиқон, ё чӯбин аст ё аз хишти пухта (охирӣ ба тахмини мо наздиктар аст). Дар миёнсарой ду сутуни ионӣ меистод ва фосилаи байни сутунҳо бо иморат муносиб буд. Оид ба болопӯш гуфта шудааст, ки «шояд он намуди боми сафолпӯш ва орододашудаи юнониро дошта бошад, аммо бо дарназардошти кам будани маълумот ҷуръати барқарор намудани боми дутаркиба ва ҳамчунин пештоқҳои намои иншоотро надорем». Нисбати таҳкурсии сезинавӣ, ки на танҳо аз намои беруна намоён аст, балки бо анъанаҳои сохтмонии Ойхонум асоснок карда шудааст, низ бояд эҳтиёткорона сухан кард. Мутаассифона, барои тармими пештоқ ва дигар қисматҳои бино, яъне барои азнавсозии бинои бо сутун иҳотакардашуда, ки намои юнонӣ дорад, мавод кофӣ нест. Аммо он метавонад ҳаммонанди мақбараи Киней, ки боми дутаркиба дошт, азнавсозӣ шавад. Далели дигар, ҳарчанд эътимодбахш ҳам нест, боми дуқабата доштани он аст, ки шояд сабабаш рағбати юнониён ба ин навъи санъати меъморӣ бошад, ки дар сохтмони мақбара, театр, фаввора ва гимназия зоҳир гардидааст. Бинобар ин, намои юнонӣ доштани маъбад бо бомпӯши дуқабата эҳтимол дорад.

Сафолоти хоктӯдаи дохили мақбара ба давраи нисбат ба Ойхонум хеле қадимтар (солҳои 290 то м.) тааллуқ доранд. Дар ҳамин асос муаллифон ҳар ду марҳалаи сохтмони мақбараро ба нимаи якуми асри III то милод мутааллиқ медонанд. Ин ақидаро ҳамчунин шабоҳати меъмории маъбади Афина Полийии Пергам (нимаи якуми асри III то м.) ва ғайра, ки муаллифон пешниҳод кардаанд, тасдиқ мекунанд.

Ҳангоми тафсири ёдгорӣ лозим меояд ба лоиҳаи меъмории ин ёдгорӣ такя кунем, зеро дар он ягон ҳайкал ва катиба кашф нашудааст. Ин маъбад дар болои дахма сохта шудааст. Дахма бошад оилавӣ мебошад. Муаллифон барҳақ тасдиқ мекунанд, ки чунин маъбад-мақбараҳо бо шарофати Киней, Белеви, Хармилейон, Калидон, пайкараҳои Приенҳо, Ферҳо ва Сараджик машҳуранд. Дахмаи гунбазшакли Ойхонум дахмаҳои мақдуниро мемонанд, ки дар Виргиния, Лефкадия, Палатитса, Пидна, Солоник, Амфиполис ва Эритреи Эвба кашф шудаанд. Вале дар Ойхонум шакли мақбара дар муқоиса бо шаҳристони мақдунӣ тарҳи юнониро гирифтааст: қурғон нақши маъбадро мебозад, ки атрофашро қаторасутунҳои болои мақбара фаро гирифтаанд.

Ин маъбад аз рӯи бузургиаш эҳтимол маркази парастишу ситоиши гузаштагон бошад. Суда будани остона аз он шаҳодат медиҳад, ки агар он оромгоҳи танҳо як оила мебуд, ба ин ҷо ин қадар зиёраткунандаи зиёд намеомад. Мавҷуд будани зина дар таҳкурсии қурбонгоҳ (1,48х1,48 м), ки аз хишти пухта сохта шудааст, аз мавҷудияти маросими махсуси динӣ барои дафншавандагони қаҳрамон дарак медиҳад.

Мавҷудияти шумораи зиёди устухонбанди одамон, аз ҷумла занону кӯдакон дар мақбара, имкон дод, ки онро ба

сифати дахмаи оилавӣ бишносем. Ба ин оила чун ба қаҳрамонон эҳтиром меоварданд. Ягона чизе, ки дар бораи ин оила метавон гуфт, ҳамин аст, ки он оилаи коринфӣ нест, ки дар мақбараи ҳамсоя хобидааст, ҳамчунин он ба хонадони ҳоким ва шоҳ низ мутааллиқ нест. Дар давраи сохтмони мақбара Бохтар зери ҳукмронии Селевки I ва Антиохи I қарор дошт ва дар он шоҳигарӣ вуҷуд надошт.

Таҳқиқотчиён оид ба гузаштагони ин оила, ки ба шарофати корнамоию диловариашон шоистаи таҳсинанд ва ба шарафашон дар маркази шаҳр мақбара бино ёфтааст, боэҳтиёт хулосабарорӣ мекунанд. Шояд на шаҳриён, балки худи Селевк ё Антиох қаҳрамонии яке аз ҳамсафони худро гиромӣ доштаанд, чуноне ки Искандар Гефестионро қаҳрамон нишон дода буд.

### 3.1.17.Мақбараи Киней

Соли 1966 дар маркази шаҳр, пеш аз даромадан ба қаср, 40 м дуртар аз гузаргоҳи шимолии қаср мақбарае кашф карда шуд, ки ба асосгузори шаҳр – Киней, тааллуқ дошт.

Мақбараи марҳилаи якуми сохтмон дар суфаи сезинадор воқеъ буд. Ин мақбара сохтмони махсус ва дар олами антиқӣ таҷрибашуда буд. Он маъбади хурди дорои даҳлезе буд, ки намои дусутунаи он ба самти ҷанубу шарқ нигаронида шуда буд. Барои сохтмони бино хишти андозааш калон 43–44x43x10–12 см истифода шудааст. Дарозии умумии маъбад дар қисмати даҳлез 15,30 м-ро ташкил дода, аз он 7,6 метраш ба қисмати дохилии маъбад ва 7,7 метри дигараш ба даромадгоҳ рост меояд. Бояд ба ин хусусияти ғайриодии лоиҳа диққати махсус дод: даромадгоҳ (10,20 м) назар ба қисмати дохили (7,55 м) паҳнтар аст. Гардиши зинаи сеқабата 0,7 метрро ташкил

медиҳад. Даҳлез дорои ҷузъҳои услубашон дугона буд. Аз сутунҳои чӯбин пояҳо ба намуди тахтасангҳои росткунҷаи ҳамвор боқӣ мондаанд (шимолиаш – 38х50х25 ва ҷанубиаш – 42х52х26 см). Дар маркази қисмати дохилӣ, пасттар аз сатҳи фарш лаҳади сангин ҷойгир буд. Мантиқан аз зери фарши қисмати дохилӣ боз се макони дафнкунӣ ёфт гардид (ҳамагӣ чаҳорто: ду лаҳади сангин ва дуи дигар аз хишти пухта). Хусусияти ҷолиби ин макон дар он аст, ки аз чаҳор дахма сетои он бевосита дар замин гӯр карда шуда буданд на дар ҳуҷрачаҳо. Ягона дахмае, ки дар қабр гузошта нашуда буд, дахмаи Киней буд. Он дар муқоиса бо се дахмаи дигар аз дасти ғоратгарон осеб надида буд. Миёни ҳадяҳое, ки ғоратгарон нагирифта буданд, яке ашёи барои дафни юнониҳо муқаррарӣ – зарфи равғани зайтун – алабастр буд, ки ба охири асрҳои IV–III то милод мутааллиқ мебошад. Дар гаҷ бо хати каҷукилеб KINN навишта шудааст. Чунин мақбараи дорои ҳуҷраи маросимӣ, ки дар мақбараи бисёрқабатаи Ойхонум кашф гардида буд, дар давраҳои эллинӣ ва юнонӣ дар ҳудуди шарқии олами антиқӣ васеъ паҳн шуда буд. Тавре, ки П. Бернар барҳақ қайд мекунад, он аз ёдгории Нереид дар Ксанф, мақбараҳои Галикарнасс, Приен маншаъ мегирад. Чунин иншооти машҳуре ба монанди Белеви, Сараҷиг, Калидон, Фера, бинои қабати театр дар Приен ва ғайраҳо мақбараҳои ёдгории қаҳрамонон ба ҳисоб мераванд.

Дар тасаввуроти П. Бернар асоси нахустин марҳалаи сохтмони мақбараи Киней ба услуби осиёихурдӣ ва шарқӣ-баҳримиёназаминӣ монандӣ дорад на ба форсӣ. Ин мақбара аз он ки ба дахмаи Куруш дар Посоргод наздикӣ дошта бошад, ба мақбараи Белев, ки асоси зинагӣ дорад, айнияти бештар дорад. Ин ёдгорӣ тибқи марҳалаи аввали

сохтмонаш ба охирин сеяки асри IV то милод рост меояд, ки дар кашфиёти Ойхонум аз ҳама қадимтарин аст.

Марҳалаи дуюми сохтмони мақбараи Ойхонум ба чоряки якуми асри III то милод, мутааллиқ دониста мешавад, ки бар асари бозсозии бузург сохтмони аввалин васеъ ва калон карда шудааст. Дар марҳалаи дуюми сохтмон ёдгорӣ аллакай бе поя дар болои теппаи сунъии бузург (17,40х48,20 м), ки деворҳои аз хишти хом биноёфтаи марҳалаи аввали сохтмонро пӯшонидааст, ҷой гирифтааст. Деворҳои нав аз хиштҳои андозаашон калони 43–44х43–44х12 см сохта шудаанд. Мақбараи нав хеле калон 10х16,55 м буд. Андозаҳои дохилаш аз ҷиҳати дарозӣ ба 8,05 м, паҳнояш ба 7,05 м ва андозаи лаҳад ба 5,55х7,0 м мерасид. Ҳуҷраи дафнкунӣ аз хишти андозааш 39х39х8 см сохта шуда буд.

Давраи сеюми сохтмони мақбара лоиҳаи давраи дуюми сохтмонро халалдор накарда, валангор гаштааст. Дар он хишти ҳаҷман хурд (бараш 39–40 см) ба қайд гирифта шудааст. Ин марҳала ба соли 200 то милод наздик санагузорӣ мешавад.

Дар асоси навиштаҷоти давраи чоруми сохтмон, ки ба асри I то милод рост меояд намои бино муайян карда шуд.

### 3.1.18.Мақбараи пушти деворҳои шаҳр

Мақбара баъди дарёфти навиштаҷот дар мавзеи дахмаи шаҳри қадим аз тарафи деҳқони ҳамсоядеҳаи Ойхонум кашф гардид. То ҳафриёт он теппаи хурди баландиаш 2 м ва қутраш 15 м буд. Тавре маълум гардид, ин мақбара сулолавӣ буда, чанд даъфа таркиби меъмории худро дигар кардааст. Аз марҳалаи нахустини сохтмон танҳо девори боҳашамат аз самти ғарб ба шарқ бо паҳнои 1,8 м боқӣ мондаасту халос. Дар марҳалаи дуюми сохтмон

дар болои ин девор аз хишти хом бинои росткунҷа (11x8 м) сохта шудааст, ки шояд даромадгоҳи он аз ҷануб бошад. Тамоми деворҳои ин бино зимни ба роҳ мондани азнавсозии минбаъда вайрон карда шуда буданд. Давраи сеюмро бошад, сохтмони худи мақбара – бинои росткунҷаи 9x6 м, ки дар умқи 0,8 м воқеъ аст, ташкил медиҳад. Деворҳои ин мақбара дар баъзе ҷойҳо то ба 2 м мерасанд. Дарвоза дар самти ҷануб ҷойгир буда, паҳнояш ба 80 см. мерасад ва долоне, ки аз самти ҷануб ба самти шимол тӯл кашидааст, дарозиаш 4 м ва паҳнояш 1,4 м аст. Девор оқибат бо ду бинои бо ҳам наздики росткунҷа, ки дар асл ду дахмаи гунбазшакл буданд, пайваст мешавад. Ин дахмаҳо аз хишти хом бардошта шудаанд ва ҳамчун ҳуҷраҳои дафнкунӣ хизмат мекарданд (майдонаш 1,1x2,7 м). Гунбазҳо дар баландии 1,6 м аз асоси деворҳо оғоз мешуданд. Роҳрав ба мисли биноҳои ба ҳам наздик бо гумбаз пӯшида шуда буд. Таҳлили хокаи болои се гунбаз имконият дод, ки боми ҳамвори аз хишти хом сохта ва бо шағалу каҳгил пуркардаро барқарор кунем. Азнавсозии баъдии ду зинаи марҳилаи чоруми сохтмонро, дар ҷои деворҳои берунаи қаблии мақбара, бардоштани деворҳои нав ташкил медиҳад. Дафншудагон дар лаҳадҳо хобида буданд, баъд аз рӯи назорати бостоншиносони фаронсавӣ онҳоро ба хумҳои калон ҷойгир карданд ва лаҳадҳоро дубора истифода бурданд. Аз чаҳор лаҳад танҳо дутояш ғорат нашудаанд, вале асбобу анҷоми дафнкунии фақирона доштанд, ки аз якчанд кӯзаҳои сафолин ва ҷаъбаи варақсангии ранги кабуддошта иборат буданд.

Ҷабъаи сафолини дафнгоҳ ба нимаи аввали асри III то милод рост меояд. Дар ҳамин мақбара боз ду навиштаҷоти комилан покшуда ва нақши муқарнас бо расми ҷавони 16–

18-солаи комилҳуқуқ ёфт гардиданд, ки дар зер оид ба онҳо маълумоти муфассал медиҳем.

Бо шарофати мақбараи кашфшудаи пушти деворҳои шаҳр мо навъи сеюми мақбараи Бохтари эллиниро, ки бостоншиносони фаронсавӣ бодиққат таҳқиқ кардаанд, ба даст овардем. Дар баробари ин аниқ қайд карда шудааст, ки дар Бохтари пешинаи эллинӣ нақшаи лоиҳаи маъбад маҷмааи аз хишти калон, бо боми камоншакл пӯшонида бино шудааст.

Ҳар се ёдгории Бохтар ҳанӯз беназиранд. Вале бешубҳа, онҳо асоси меҳвари гунаи кашфи чунин иншооти минбаъда, дар Осиёи Марказии давраи эллинӣ мешаванд. Ин натиҷа инчунин ба маъбадҳо бо тоқчаҳои зина-зинае, ки аввалин бор дар экспедитсияи П. Бернар «маъбадҳои пайкарадор», ки дар Бохтар кашф шуда буданд тааллуқ, дорад.

Айни ҳамин натиҷаро ба маъбадҳои зинадор, ки «маъбадҳои ҳайкалдор» номида шуда, бори нахуст онро экспедитсияи П. Бернар дар Бохтар кашф карда буд, нисбат додан мумкин аст.

### 3.1.19.Маъбадҳои дорои тоқчаҳои зинадор

Чуноне аз лоиҳаи шаҳр ва таҳлили маҷмааҳои ҳафршуда бармеояд, ба кӯчаи марказӣ якчанд гузаргоҳ нигаронида шуда буд. Агар аз самти дарвозаҳои ҷанубии шаҳр гузарӣ, дар назди даромадгоҳи қаср аз самти чапи кӯча гузаргоҳи хурд, қитъаи муқаддаси маъбад, тоқчаҳои зинадорро вомехӯрӣ. Мавқеъи ҷойгиршавии маъбад бо тоқчаҳои зинадор дар маркази шаҳр чун мақбараи Киней аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо маконҳои муқаддаси асосии шаҳр ба шумор мерафтанд. Маъбад дар маркази мураббаъ ҷойгир шуда буд ва ба деворҳои дохилии он як

қатор биноҳои хизматӣ пайваст буданд. Он дар муқобили даромадгоҳ ҷойгир буда, рӯ ба шарқ дошт. Маъбад дар пояи сезинагӣ меистод (баландии зинаҳо 0,5 м), ки онро то 1,5 м, баланд мебардоштанд. Паҳлуҳои пояи мураббаъ 19 м буданд. Баъдтар П. Бернар онро 20 м нишон медиҳад. Даромад ба миёнсарои маъбад тавассути зинапояи паҳне (3,6 м) ба роҳ монда шуда буд, ки дар лавҳаи марказии суфа ҷойгир буд. Деворҳои пурқувват (аз рӯйи матн ва нақшаи П. Беран 2,8 ё 3 м) фазои дохилиро бо даромадгоҳи марказӣ (бо паҳнои 3 м), ки ба шарқ нигаронида шуда буд, иҳота мекарданд (расми 15). Масоҳати дохилӣ тақрибан ба ду қисми баробар ҷудо шуда, якумаш аз баромадгоҳи миёнсаройи 3 (13,60х6.15 м) иборат буд. Қисмати дохилии дуюм дар навбати худ ба се қисм, (1) бинои калон (6,1Х5,4 м) бо баромадгоҳ (2,2 м) ва ба ду бинои (2 ва 4) танги роҳравмонанди паҳлуӣ (2 якчанд бино 4) ҷудо шуда буд. Дарҳо бо меҳвари марказии бино баробар ҷойгир шуда, остонаҳои сангин доштанд ва дари миёнсарой ғалақа дошт.

Деворҳои беруна бо намоҳои чуқур (0,7 м) ва паҳнои (0,8 м) сезинагӣ дар масофаи 1,7 м аз ҳамдигар дур сохташуда, барои номгузории маъбад: дар аввал «маъбад бо истеҳкоми дупаҳлуии барҷаста» ва баъдҳо «маъбади дорои токчаҳои зинадор» асос гузоштаанд. Боми маъбад ҳамвор буд ва канораҳояшро ҳошия аз гили пухта, бо нақши дандонаҳои сунъӣ оро медод.

Дар маркази пуштдевори дарунхонаи маъбад (1) токча бо чуқурии 0,75 м, ҷойгир шуда, дар пеши он асос барои пайкара меистод. Баландии асос 0,8 м, паҳнояш бошад 1,4 м-ро ташкил медоданд. Пояи он бо таҳкурсии сангин муҷаҳҳаз шуда, барои бардоштани вазни зиёд муқаррар шуда буд. Бозёфти панҷаи пойи мармарини пайкараи азим

ба ин асос шуда метавонад ва аз рӯи мутааллиқоти Перун, ба пайкараи Зевс тааллуқ дорад.



**Расми 15. Ойхонум. Нақшаи маъбад бо тоқчаҳои зинадор.**

Ба наздикӣ дар ҷилди калони махсус А.П. Франкфор тасвири муфассали чиннигории тамоми бозёфтҳои маъбадро ба нашр расонд. Баъди як давраи муайяни фаъолияти худ, ки ба давраи ҳукмронии Селевк рост меояд, маъбад бо тоқчаҳои зинадор дақиқан баъди соли 150 то милод ғорат гардида, ба коми оташ фурӯ рафт.

Қалъаҳои матрукро аз аввал истилогарон, баъдан ҷавоҳиротҷӯён ғорат карда, онро ба вайрона табдил доданд. Ҳамин тариқ, бозёфтҳои кашфшуда аз ашёе иборатанд, ки дар аввал аз тарафи истилогарон ва баъдтар аз ҷониби ғоратгарон ба ҳар тараф партофта шуда буданд.

Ба ҳар ҳол, дар бинои ибодатии 2 тавонистем се фаршро барқарор кунем: А – фарши поёнӣ, ки аслан фарши бинои ибодатӣ будааст; В – фарши дуюм 30 см баландтар аз қаблӣ. Ин 30 см аз ҳисоби хокрезаҳо мебошад, ки дорои микдори зиёди бозёфтҳо аст. Дар он ҷо пораҳои дасти пайкараи азим ёфт гардиданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки пайкара пеш аз сохтани фарши дуюм аллакай шикаста буд. А.П. Франкфор мегӯяд, ки дар ин хоктеппа асосан ашёе буданд, ки аввал ба маъбад тааллуқ доштанд: қафаси гаҷии синаи зан ва диски нуқрагин, шояд бо тасвири Кибела дар аробаи дучарха, порчаҳои пояҳои тахт аз устухони фил, баргакҳо ва бандинаҳо аз баргҳои тиллоӣ, яъне ашёи қиматбаҳо. Инро метавон аз ҷавоҳироти маъбад донист. Ҳайкалчаи варзишгари ҷавони лисиппӣ, ки дар фарши пешина ёфт гардид ва санагузории он ба давраи баъдиюнонӣ рост меояд, ҷолиби диққат аст. Қисмҳои шикастаи дасти пайкараи бузург, ки аз устухони фил сохта шудааст, аҷибанд. Дар тамоми майдон (1) порчаҳо кашф шуданд, тӯби бо баргҳои тиллоӣ пӯшидашуда: ҳалқаҳои зиёди муй, ки шояд аз бут бошад.

Панҷаи мармарини пойи чап аз пояи дар умқи бино ҷойгирбуда кашф гардид, ки ба он ғоратгарони аввалину баъдӣ ҳам беэътиноӣ зоҳир кардаанд. Миёни бозёфтҳо қаҳрамони хурд, ки дар лавҳаи устухони фил ва муҳри юнонӣ-форсӣ аз ақиқи сафед кандакорӣ шудааст, қобили зикранд. Дар токча порчаҳои лойолуди расм ё матоъ бо изи наққошӣ, ки ҷо-ҷо зарандуда буд, ёфт гардиданд. Тамоми бино ва деворҳои маъбадро ғоратгарон кофтуков кардаанд, зери хандақи фурӯрафта ҷасади яке аз онҳо ёфт гардид, ки дар дасташ теша буд. А.П. Франкфор ба хулосае меояд, ки дар маъбад бо токчаҳои зинадор, ҷавоҳирот ва анборҳои

муқаддас нигоҳ дошта мешуд. Шояд аз ин хазина, ба мисли хазинаи қаср танҳо баъзе маъмурон бохабар буданд.

Сарфи назар аз он ки пораҳои калони ҳайкалҳо дар ин маъбад ёфта шудаанд (яке аз онҳо шояд тасвири Зевс бошад), муайян кардани илоҳаи ин маъбад бисёр мушкил аст. Меъмории шарқии маъбад, ки аз пайкараҳо пур аст, шаҳодат медиҳад, ки мо ин ҷо бо маъбади пайкарадор сару кор дорем, на бо макони муқаддаси оташ. Ба ақидаи таҳқиқотчиён эҳтимол меравад, ки ин маъбад на танҳо ба эзадон, балки ба илоҳаҳо низ тааллуқ доштааст. Дарёфти шумори зиёди пайкараҳо дар симои занон миёни бозёфтҳои маъбад А.П. Франкфорро ба ин ақида гумоштааст. Вале ӯ ҳам барои тасдиқи ақидаи худ мушкилӣ мекашад. Дар охир ӯ ба хулосае меояд, ки маъбад бо тоқчаҳои зинадор ба як ё якчанд эзадони маҳаллӣ (бохтарӣ)-ии каме қадима тааллуқ доштааст, ба Зевс тааллуқ доштанаш аз эҳтимол дур аст.

Маъбади дигар бо чунин сохт дар сад метр шимолтари девори ҳимоявии ҳудуди шаҳр кашф гардид. Он ҳам дар пояи сезинагии андозааш калон (23,20х20,80, баландиаш 1,8 м) ҷойгир буд. Чунин меҳисобанд, ки вай бо андозаҳо (20,50х45,80 м) ва лоиҳааш хусусияти шарқии боз ҳам зиёдтар дошт. Вай аз се бинои ҳамҳудуди кушода, ки ба самти шимолӣ-шарқӣ нигаронида шуда буданд, иборат буд. Ба самти биноҳо се зина мебурданд. Дар марҳилаи дуюми сохтмон, бино васеъ карда шуда, деворҳои давраи якуми сохтмониро то таҳкурсиаш кандаанд ва пояи он бо баланд бардоштани зинаҳои каме васеътар (38,50х26,30 м) иҳота гардида буд. Бинои нав (35,50х20,50 м) тарҳи лоиҳаи аввалро дар бар мегирифт, яъне аз се бино иборат буд.

Айвончаи даромадгоҳи маъбад, воқеан, акнун аз ҳама тарафаш бо деворҳои ҳимоявӣ иҳота шуда, майдони васеи

кушодро ба вуҷуд оварда буд. Дар деворҳои беруна ороишоти нав, токчаҳои зинадор пайдо шуда, боми ҳамвор бо нижвони дандонадор ва хиштҳои пухта ҳошия мешавад.

Шабоҳати ин ду маъбади ойхонумӣ дар токчаҳои зинадор сершумор ва равшан аст. Аз ҷониби П. Бернар, А.П. Франкфор, баъдан С.В. Дауни ҳам лоиҳаи комилан мутобиқ ва хеле наздики маъбадҳои месопотамӣ ва бобулӣ муфассал аз назар гузаронида шудааст.

Дар арки Ойхонум майдони сангфарш кашф гардид, ки баъзан саҳван онро ба маъбадҳо нисбат медоданд. Аниқтараш онро ҳамчун майдони қурбонгоҳ донистан мумкин аст, ки ба ақидаи П. Бернар маросимҳои диниро сокинони маҳаллии шаҳр (бохтариён) ба ҷо меоварданд.

Мо дар тасвири хонаи истиқоматии Ойхонум тавaққуф намекунем, онро ба тафсири муфассали меъморӣ ва иҷтимоии П. Бернар, ки аз тарафи муаллиф бо забони русӣ нашр шудааст, ҳавола мекунем. Хусусан, дар сурате, ки ин ҷо танҳо ду хона кашф шудааст, маҳаллаи истиқоматӣ бошад, дар шимол ва ҷануби қаср аст, тарҳи шаҳр бошад таҳқиқ нашудааст, аз ҳамин сабаб хулосаҳои П. Бернарро метавон ҳамчун тахмин баҳо дод. Умуман онҳо дар муқоиса бо тафсири номақбули хонаҳои ойхонумӣ, ки ба Д. Стронах тааллуқ доранд, эътирози кам эҷод мекунанд.

Камолоти меъмории Ойхонумро пайкараҳои майдонҳо, кимназия, мақбараҳо ва маъбадҳо ба пуррагӣ намоиш медиҳанд. Ҳоло бошад, шумораи ночизи ин шоҳкорӣ дар наздикии маҳалли аввалинаш ёфт шудааст. Қисмати зиёди тасвиру пайкараҳо беному нишон гардидаанд.

# 3.2.САНЪАТИ ОЙХОНУМ

## 3.2.1.Ҳайкалтарошӣ

Санъати Ойхонум асосан бо тамоми гуногунрангӣ ва сабку услуби худ рӯҳи санъати даврони элинистиро дар худ парваридааст. Аксар ҳайкалтарошони Ойхонум ба ҳайкалсозии гилию сангин ва истифодаи санъати рехтагарӣ якҷоя бо мармар майл доштанд. Бояд гуфт, ки мармар аз берун ба Бохтар ворид карда мешуд.

Ҳарчанд дар Ойхонум пайкараҳои биринҷӣ ҳоло ёфт нагардидаанд, вале ин маънои онро надорад, ки ин навъи масолеҳ дар ҳайкалсозӣ истифода намешуд. Маълумоти мавҷуда нишон медиҳад, ки дар Бохтар пайкараи сафолӣ ва сангӣ афзалият дошт, аммо пайкараҳои ҷудогона ва ҳайкалчаҳои биринҷӣ ҳам месохтанд.

Ёдгориҳое, ки П. Бернар нашр кардааст, танҳо аз мактаби антиқии ҳайкалтарошӣ пешниҳод шудаанд, ки онҳо қобили қайданд. Чуноне худи таҳқиқотчӣ борҳо қайд намудааст, пайкараҳоро бешубҳа юнониҳо сохтаанд. Дар ин сурат равшан мешавад, ки онҳо дар худи шаҳристон сохта шудаанд, ки ҳоло номи Ойхонумро дорад. Илова бар ин, дар пайкараҳои Ойхонум анъанаҳои осиёихурдӣ равшан мушоҳида мешаванд. П. Бернар ҳам ба ин ақида розӣ аст. Дар ин хусус ба наздикӣ дар тақриз-мақола оид ба Силен Марсийи маъбади Омӯ ӯ нуқтаи назарашро асоснок кардааст. Зимни таҳқиқи махсуси санъати Ойхонум, ки ҳанӯз ба охир нарасидааст, П. Бернар шояд ақидаи худро каме муфассалтар баён мекунад. То ҳол тамоми асарҳои санъати Ойхонум қаблан дар ҳисоботи солонаи мухтасар бо қайди кашфи онҳо ва ё мақолаҳои умумии мухтасар оид ба натиҷаҳои кашфиёт дар Ойхонум,

ки танҳо хотиррасон ва тасвир мешаванд, ба нашр расидаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки шарҳу тавзеҳи мо дар бораи ҳунари меъмории Ойхонум на танҳо аз шумораи ёдгориҳои ҳафршуда вобаста аст, балки аз дараҷаи омӯзиш, яъне сатҳи тафсилоти мақолаҳои нашрнамудаи бостоншиносони фаронсавӣ ҳам вобастагӣ дорад. Истинодҳо асосан ба муаллифони нашрҳои қаблӣ (П. Бернар) ва мукаммал (Л.-П. Франкфор) иртибот доранд.

То анҷоми таҳқиқоти маҷмӯӣ оид ба санъати Ойхонум мо танҳо баъзе чизҳоеро, ки П. Бернар хотиррасон мекунад, мухтасаран ба мушоҳида гирифта, таҳқиқи густурдаро ба ӯҳдаи кашфкунандаи осор мегузорем. Таҳқиқоти мувозии мо вобаста ба осори ҳунарии Ойхонум ва Тахти Сангин дар оянда на танҳо аз ҷониби муҳаққиқони шӯравию фаронсавӣ аниқу комил карда мешаванд, балки мо ба кашфи ёдгориҳои нав умед дорем, ки замини пурғановати Бохтари антиқӣ аз онҳо саршор аст.

Танҳо дар натиҷаи се экспедитсия – ҳайати бостоншиносони фаронсавӣ дар Афғонистон (бо роҳбарии П. Бернар), ҳайати шӯравӣ-афғонӣ (роҳбараш В.И. Сарианиди), сипас ҳайати ҷанубӣ-тоҷикистонӣ (роҳбараш Б.А. Литвинский) манзараи фарҳангии Бохтар ҷиддан тағйир ёфта, умеди дар оянда даст ёфтан ба чунин кашфиётҳои азимро бештар намуд ва зарурати идома додани корҳои археологиро дар ҳудуди Бохтар исбот намуд.

Азназаргузаронии пайкараҳои Ойхонум аз бозёфтҳои маъбади дорои тоқчаҳои зинадор оғоз мешавад. Сипас тамоми пайкараҳои нашршуда ва асарҳои ҳайкалтарошии хурд аз назар гузаронида мешаванд. Тасвири рӯйи гулдонҳо, дастаҳои антропоморфӣ ва зооморфии зарфҳо ва

нақшу нигори ашёро мо барои омӯзиши ҳамаҷонибаи минбаъдаи фарҳанги моддии Ойхонум ва Тахти Сангин мегузорем, зеро онҳо ҳанӯз ба қатори осори ҳунар дохил нашуда, танҳо ҷузъиёти моддии он рӯзгор ба ҳисоб мераванд.

### 3.2.2.Пойи Зевс

Пайкараи болои синҷи ҳуҷраи дохилии маъбади дорои тоқчаҳои зинадор аз рӯи равиш ва услуби сохтанаш эзади юнониро тасвир мекард. Пораҳои ёфтгардидаи дасту пой қариб се маротиба аз андозаи аслӣ бузургтаранд. Ҳаҷми на чандон калони ҳуҷраи дохилӣ бузургии андозаи эзади тасвиршударо қайд мекард. Ин қисматҳои пайкара аз мармар тарошида шуда буданд.

Танҳо тасвири қисмати пеши пойи чап нашр шудааст (дарозиаш 27 см). Он хуб маҳфуз шудааст ва аз рӯи шакл ба пайкараи мард тааллуқ дорад. Масолеҳ ва сифати баланди тасвир ба хулосае меоранд, ки вай яқинан аз куҷое оварда шудааст.

Бо намуди зебои панҷаҳо ва мувофиқат бо графикаи нозуки нохунҳо ва нақшу нигори зебову олии кафш касро дар ҳайрат мегузорад. Порчаи пой аз беруни соқ бурида шудааст. Тагчарми ғафси пойафзол ва тартиби тобдиҳии тасмаҳо дар гирди пой, бешубҳа юнонист, ки дар пайкараҳои эзадон зиёд вомехӯранд. Масалан, чунин бастани тасмаҳои сагакдор ва ҳамин гуна ороишотро мо дар пайкараи машҳури Гермафродита аз Пергама (асри III то м.) мушоҳида мекунем. Ин сана, ба андешаи П. Бернар, ба пайкараи эзади ойхонумӣ пурра мувофиқ меояд. Танҳо ба ғайр аз ороиш ва бандина дар кафшҳо пупакҳо тасвир ёфтаанд – чароғакҳои болдор, ки хоси Зевсанд. Дар асоси ин аломат П. Бернар дар аввал фақат тахмин кард, ки эзади

мазкур Зевс аст, ки метавонад ба эзади шарқӣ монанд бошад. Вале мулоҳизаҳои минбаъдаи П. Бернар бешубҳа ба хулосае меоранд, ки ин пайкара маҳз Зевс аст, ки дар тахт нишастааст; чуноне дар тангаҳои юнонӣ-бохтарӣ ва ҳинду-юнонӣ тасвир ёфтааст: бо дасти чапи ёзида, ки кавкабаро доштааст ва уқоб ё ин, ки Никои дар дасти рост нишаста.

Аз пайкараи Ойхонум бошад порчаи панҷаи дасти рост ва як қисми панҷаи чап, ки кадом як ашёеро дошта истодааст боқӣ мондаанд. Ин нукта, ки як панҷа аз самти берунаш рост бурида шудааст (чуноне дар нуқтаҳои пайвандшавии ҳайкалҳои мураккаб дида мешавад) П. Бернарро ба як хулосаи бисёр мушикофона ва воқеӣ меорад: ин пайкара дар даруни бино рехта шудааст. Ба назари ӯ танҳо сари пайкара аз мармар сохта шуда буд, пой, панҷаҳо ва қисматҳои дигар аз масолеҳи коркардаш осон, айни ҳол аз гили хом дар қолаби чӯбин рехта шудаанд. Ин усули хоси юнонӣ барои сохтани пайкараҳои бениҳоят калон буд, ки дар даврони эллинӣ тараққӣ ёфт. Чунин усули кор дар офаридаҳои муаллифони антиқӣ зиёд ба мушоҳида мерасад. Ақидаи дурусти П. Бернарро дар бораи бо услуби рехтагарӣ сохта шудани пайкараи Зевс, ишораи мо вобаста ба ин, ки пои Зевс аз соқ боло нақши бурида дорад, тасдиқ мекунад.

### 3.2.3.Варзишгари бо гулчанбар сарфарозшуда

Пайкараи яклухти сангини дар Ойхонум пойдогардида ҳайкалчаи зебоест, ки ҷавони урёни мушакҳояш барҷаста ва ростистодаро таҷассум мекунад. Ин паҳлавон 18–20-сола аст. Дар сари вай гулчанбари баргӣ гузошта шудааст, ки дар пушт бо ду банди дарози тобдори то поёни шонаҳо фаромада баста шудааст. Синаҳои каме бардамида якҷоя

бо мушакҳои аз ҳам ҷудонашудаи шикам ба ҷавонии ӯ ишора мекунанд. Аммо, дар баробари ин, мушакҳои машқдидаи ронҳо ва пушт чашмрасанд, ки ин ҳолат хоси дискандозон мебошад.

Пайкара ба тарафи рост бор гирифта, хатти амудии он аз хати пойи рости пурқувваташ мегузарад. Пойи чап каме қат шуда, ба пеш гузошта шудааст. Илова ба ҳолати истодани классикиаш дар андомаш гардиши сабуке дар тири қоматаш ба мушоҳида мерасад, ки инро аз ба пеш моил шудани китфаш пай бурдан мумкин аст. Ин тарзи дар муқоиса бо классики мушкилтари пайкарасозӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки пайкара ба анъанаҳои Лисипп алоқаманд аст. Дар баробари ин баргҳои калони гулчанбари васеъ, ки нисбатан дарозрӯянд ва сари хурди ҷавон монандии ӯро ба пайкараҳои Лисипп камтар мекунанд. Гузаришҳои нозук дар андоми хайкалчаи ойхонумӣ онро аз гузаришҳои мавзуни хайкалҳои Праксител – ҳамасри бузургсоли Лисипп, ҷудо мекунад.

Мушакҳои варзишгар дақиқу аниқ сохта шудаанд. Дар назди мо паҳлавони ғолиб бо гулчанбар сарфарозшуда, ба мисли ғолибони бозиҳои олимпӣ ва ё шаҳрӣ меистад.

Гардани пайкара каҷ, рӯяш бардошта, нигоҳаш ба сӯйи пеш аст. Мӯйҳои кӯтоҳ оростааш пешонии тангро иҳота кардаанд. Мӯйҳо аз боло дар чаккаҳояш ва дар таги гулчанбар ба қабзаҳо ҷудо нашудаанд, балки шонахӯрда ба назар мерасанд. Мӯйҳояш, ки аз таҳи гулчанбар мефароянд, дурушт ороста шудаанд, гарчанде тибқи анъанаи он даврон бояд ба турраҳои мавҷдор ороста мешуданд (ин андешаро мо дар такя ба ҳайкале, ки аз соҳили Омӯ пайдо шудааст арз мекунем). Рӯяш ҳам монанди шонааш бар хилофи қисми пеши қафаси синааш, ки сайқал хӯрдааст, нимкора мондааст, танҳо андаке

коркард шудааст (хусусан дар қисмати рухсораҳо, гардан, манаҳ, гӯшҳо ва чашм; пилкҳои чашм умуман ҷудо карда нашудаанд).

Пайкара халалдор гардидааст: дастҳо аз болои бозу, пойҳо – чапаш каме болотар ва росташ аз зону поён шикастаанд. Пойи чап аз поёни устухони кос шикаста ва аз нав сохта шудааст. Дастҳо шояд фароварда шудаанд, дасти рост эҳтимол то рон расидааст (танҳо сими пайванд боқӣ мондааст). Дасти чап (шикаста), ба андешаи П. Бернар шояд дар оринҷ қат шуда, найзаро медошт. Китфи чапи ба қафо бурдаи пайкара ба ин далолат мекунад.

Нотамомии пайкара диққати махсусро ҷалб мекунад. Миёни ҳафриёти бостоншиносӣ ин намунаи нодир аст, ки айни ҳол имкони истеҳсоли ин гуна пайкараҳои сангинро дар чунин шаҳри канории Бохтар, ки дар масофаи хеле дур аз Баҳри Миёназамин ҷойгир аст, тасдиқ мекунад. Инро П. Бернар дарҳол қайд карда буд.

Ҳадафи пайкарасоз низ ҷолиби диққат аст, чун корро аз таҳияи бодиққати қафаси сина оғоз кардааст. Ин сабк хоси анъанаи классикист. Ҳайкалтарош барои тасвир кардани хусусияти тарҳи бадани на он қадар мустаҳками ҷавони паҳлавон диққати махсус додааст. Масъалаи монандии зоҳирӣ барои ҳайкалтарош эҳтимол дар мадди аввал намеистод, ё умуман аҳамият надошт. Нотамомии тарҳи рӯй дар муқоиса бо кори дақиқи бадан далели равшани ин ақида аст. Чунин муносибат дар пайкарасозӣ ба давраи классикӣ – даврони сохтани симоҳои умумиятдодашудаи шаҳрвандони қаҳрамон тааллуқ дорад. Ба ин маъно ақидаи П. Бернар, ки «дар санъати тасвирӣ муҳоҷирон анъанаҳои усули юнониро нигоҳ доштаанд, зиёда аз ин онҳо усули куҳнашудаи классикиро риоя

кардаанд» боадолатона мебошад. Дар давраи эллинӣ ба монандии чеҳранигораҳо диққати бештар дода мешуд.

Ба ақидаи П. Бернар дар бобати он ки дар нази мо нусхаи қадими пайкараҳои сохтаи Лисипп истодааст, розӣ нашудан номумкин аст. Бешубҳа, монандии пайкараи паҳлавон бо пайкараҳои Апоксимеон ва Гермеси истироҳаткунанда, ки то мо дар шакли нусхаҳои румии пайкараҳои аслии биринҷии Лисипп расидаанд, равшан ба чашм мерасад.

Аммо П. Бернар боз пеш меравад. Муҳаққиқ чунин тасаввур мекунад, ки «гардани каҷ ва рӯи каме боло бардошта, чашмони ба осмон нигаранда, хоси чеҳранигораҳои Искандаранд, ки Лисиппро суратнигори расмии худ карда буд». Вай қайд мекунад, ки ба ҳар ҳол ин ҳайкалча хеле ба мероси қадимаи классикӣ наздик аст. Бо вуҷуди ин шарҳи охирин аз он шаҳодат медиҳад, ки П. Бернар дар масъалаи айнияти дақиқи пайкара истодагарӣ намекунад, зеро тарҳи рӯйи пайкара нотамом аст. Инчунин имзои зери тасвирҳо ҳам аз ин шаҳодат медиҳанд: «Маъбади соҳилӣ, ҳайкалчаи марди урён» ва «Ҳайкалчаи ҷавони гулчанбарбасар».

Ба ҳар ҳол, ҳангоми таҳқиқи муфассал лозим меояд ҳамон далелеро, ки дар сохтани чеҳранигораҳои пайкаравӣ ё тасвирӣ рассомон корро на аз пой, балки аз коркарди қисмҳои рӯй сар мекунанд, ҳамеша дар назар дошта бошад..

### 3.2.4.Пайкараҳои гилин

Дар маъбади дорои тоқчаҳои зинадор боз ду маҷассама аз гили хом ва гилхок ёфт гардиданд, ки яке аз онҳо сахт нотамом буд. Андозаи пайкараҳо аслӣ буданд. Онҳо дар миёнсарой аз ду тарафи пештоқи берунаи дари ҳавлӣ

меистоданд. Ҳар ду сарро аз нав барқарор кардан мумкин буд, аниқтараш ду рӯй ё ба гуфти П. Бернар – ниқобҳо. Яке аз онҳо сари мард ва дигар сари зан мебошад. Рӯйи зан аз таъсири ҳаво варамидааст, вале муболиғаи классикӣ, дақиқии андом, камолоти ҳаҷмҳоро нигоҳ доштааст. Дар рӯйи мард ҳамчун нишонаи боғайратӣ, бинии калон ҷудо шуда меистад. Ба ақидаи П. Бернар, рӯйи мард бе мубоҳиса аломатҳои чеҳранигорӣ дорад. Аз рӯи услуб ҳар ду пайкара хоси анъанаҳои ҳайкалтарошии юнонианд.

Ба ин ақида дар бобати ин ду пайкара ҳаматарафа розӣ шуда, мушоҳидаҳои аҷиби П. Бернарро оид ба усули сохтани пайкараҳо, ки дар асрҳои оянда барои инкишофи мактабҳои ҳайкалтарошии Осиёи Миёна аҳамияти калон дошт, ин ҷо баён мекунем. Эҳтимол меравад, ки ин технология то оғози эҷодиёти ҳайкалтарошони юнонӣ дар ҳудуди Бохтар решаҳои қадима дошт. Ба ҳар ҳол технологияи сохтани ин ду пайкара нишондиҳандаи хуб аст. Сарҳо бо релефҳои калонҳаҷм ба қолаб гирифта шуда, қисмати қафои онҳо ба девор наздик истодааст. Ҳаҷми релефҳо бо роҳи пай дар пай илова кардани қабатҳои нав, ки бо чӯбчаҳо ва баъзан бо арғамчинҳо ба ҳам алоқаманд карда мешуданд, ба қолаб медаромаданд. Бандҳои арғамчин ва матоъҳо часпидани гилро ба қолаб осон мекарданд. Қабати болоӣ бошад аз андоваи гилхокӣ иборат аст. Ба қабати такягоҳии сари мард матои дуруште гузошта шуда буд, ки шояд дар ширеш тар карда шудааст, ки он намиро гузаштан намемонд ва инчунин барои тез хушк шудан мусоидат менамуд. Дар навбати худ ин матоъ пайдоиши тарқишҳоро пешгирӣ мекард. Дар бисёр ҳолатҳо ҷузъиёти пайкараҳо бо қабати тунук зарандуд шудаанд (рӯйи мард). Ин усули душвор дониши махсусро талаб мекард ва чанд садсола пеш дар ҳамон шакле вуҷуд дошт,

ки мо дар пайкарасозии баъдии буддоӣ мушоҳида мекунем. Бинобар ин усули бохтарии эллинишуда ба тамоми санъати минбаъдаи Осии Миёна таъсири худро расонд. Ин мулоҳизаи П. Бернар дар кашфҳои минбаъдаи Ойхонум тасдиқи боз ҳам бештар ёфт.

### 3.2.5.Нақши муқарнаси сангин бо тасвири эфеб[5]

Бисту нӯҳ порчаи нақши муқарнас, ки аз оҳаксанги оддии сафедча кандакорӣ шудаанд, дар пушти дари даромадгоҳи мақбара ба ҳар тараф пароканда хобида буданд. Баъд аз таъмир онҳо қариб як лавҳаи бутуни баландиаш 57 см-ро ташкил доданд. Болои лавҳаи тунук бо нақши муқарнаси баланд тасвири паҳлуии ҷавони урён бо боронӣ ва кӯлоҳи фашаш ба пушт партофта кандакорӣ шуда буд. Вай ба пойи чапаш такя карда, рост истодааст. Тугмаи боронии дароз дар китфи чап гузаронида шуда, домани боронӣ аз китфи чап ба пушт партофта шудааст, ба ин восита қисмати пешашро кушода шудааст, ки дасти чапро озодона фаровардан мумкин аст. Болои китфи чап давраи кӯлоҳи лапарпаҳн, бешубҳа фаши кӯлоҳ намоён аст. Тарҳи рӯй, бо истисноии чаккаи рости рӯй ва чашмонаш халал ёфтаанд. Мӯйҳои дарози марғула монанди ёл ба китфон фаромадаанд. Набудани охири дастон ва ашёе, ки бояд дар онҳо мебуд, аниқ кардани ин қаҳрамонро мушкил мекунад. Ба ҳар ҳол, мӯйҳои дарози занона ба П. Бернар аввал имконият доданд тахмин кунад, ки тасвиршуда метавонад Аполлон бошад, чуное вай дар тангаҳои юнонӣ-бохтарӣ ва ҳинду-юнонӣ дар дасташ ӯд ва тир тасвир ёфтааст. Аммо баътар П. Бернар аз ин тахмин даст кашид. Тавре худи ӯ шарҳ медиҳад, кӯлоҳ имкон

[5] Дар Юнони Қадим ҷавони 16–18-солаи комилҳуқуқ (шарҳи мутарҷим).

намедиҳад, ки ҷавон ба Аполлон айният дода шавад. Макони дарёфти нақши муқарнас ба дахмаҳо дахл доштани онро тақвият медиҳад, яъне он ҷавони юнонии дар айни камолот фавтидаро тасвир мекунад. Боронӣ ва фаши кулоҳ ӯро ҳамчун паҳлавон тавсиф мекунанд, ҳарчанд дар баробари ин, тавре ки П. Бернар қайд мекунад, мӯйҳои дароз ба ин монеъ мешаванд. Бо ин ақида ҳам розӣ шудан мумкин, чун маълум аст, ки паҳлавонҳо ҳалқаҳои мӯйи худро дар маросими расидан ба синни аскарӣ қурбонӣ мекарданд ва онҳо ба мисли даъватшудагони муосир мӯйи сарашонро метарошиданд. Чунки дар саҳнаҳои гусели ҷанговарон, он ҷое, ки ҷавонон пеш аз сафар бо волидайн хайрухуш мекунанд ва бо пиёлаи калон дар даст истодаанд, онҳо бо мӯйҳои дароз тасвир ёфтаанд. Ин манзара ё мавзӯи ҷолиб дар гулдоннигораҳои антиқии сурхранг зиёд тасвир ёфтааст.

Лавҳаи муқарнас, сарфи назар аз шикастапора буданаш ва зиёнҳое, ки боиси вайронии он шудаанд, ба беҳтарин намунаҳои анъанаи юнонӣ дохил мешавад. Пойҳои дароз ва сари хурд тасвирро нисбатан дарозтар нишон медиҳанд. Анбӯҳи мушакҳои тавоно тавассути ҷудо кардани узвҳо хеле нарм карда шудааст. Ба халалёбиҳои ҷиддии рӯйи паҳлавон нигоҳ накарда, ба П. Бернар муяссар шуд, ки нигоҳи андӯҳгини рӯ ба осмони ӯро, ки ифодаи таъсирбахш медиҳад, бубинад. Мо дар назди намунаи санъате истодаем, ки муаллифаш санъати қурбонгоҳи Пергамро омӯхта, аз худ кардааст, - хулоса мебарорад П. Бернар. Аз ин мебарояд, ки муаллифи ин кашфиёт лавҳаро ба солҳои 160–145 то милод мутааллиқ медонад, чунки наздик ба соли 145 то милод шаҳри Ойхонум аз тарафи бодиянишинон оташ зада, вайрон карда шуд.

### 3.2.6.Герма бо пайкараи ҷанговари ришдор

Герма намунаи махсуси пайкарасозӣ аст, ки аз сутуни чаҳоргӯша иборат буда, қисмати болояшро чеҳранигора ё тасвири сари одам ташкил медиҳад. Аз поён сутун пайванди барҷастае дорад, ки тавассути он бо асоси сутун пайванд мешавад. Кадом замоне сар аз асоси росткунҷаи герма канда шудааст, дар натиҷа гардани қаҳрамон қисман хароб шудааст.

Сари сутун доирашакл буда, сари марди тақрибан чилсоларо тасвир мекунад. Тарҳи рӯяш ҷасоратманд, ботақво, ифодаи рӯяш иззатманду ором аст. Мӯйи сараш хеле кӯтоҳ, бо ҳалқаҳои кӯчак ороиш ёфтааст, гӯё тасвири шаҳрвандест, ки касби сарбозӣ дорад. Риши ғӯлии паҳн ба се-чор қабзаи тунук ҷудо карда шудааст. Болои лабаш бурути паҳн дорад, ки бо ришаш ҳамроҳ шудааст. Нӯги бинии паҳнаш қисман шикастааст.

Қавоқҳо дар пешонии хурд чун ду барҷастагии калон метобанд. Гӯшҳои хурд дар тарҳи давраи сар қариб наменамоянд. Герма дар сараш тоҷи тиллоӣ дорад. Болои чашмони чуқур шинонидашуда абрувони паҳн овезонанд. Тарҳи рӯйи ҷасураш ба Геракл шабоҳат дорад. Монеи чунин шабоҳатдиҳӣ танҳо мавҷуд набудани хусусиятҳои хоси Геракл аст. Вале навиштаҷоти дар гимназия кашфгардида, ки ба Геракл бахшида шуда, дар он шакл ва мавқеи герма, инчунин маъруфияти ин эзади қаҳрамон дар Шарқ тавсиф ёфтааст, ҳамзамон навиштаҷоти ҳайкалчаи биринҷӣ – «Геракли гулчанбарпӯш бо ҷӯбдаст», ки дар наздикӣ, дар ҳафриёти шимолии шаҳр ёфт гардидааст, ин айниятдиҳиро имконпазир мекунад. П. Бернар ба монандии сари герма ишора намекунад. Ба ҷойи ин дар яке аз қайдҳои худ П. Бернар дар тасвир ғояи пайкарнигории

юнониро дармеёбад ва рассомро ба нуқсони хеле ҷиддӣ муттаҳам мекунад, яъне: «бо муносибати сирф юнонӣ, ки намегузошт пайкарасоз нафрати худро нисбат ба қаҳрамонаш дар асараш ошкор созад». Вобаста ба ин бояд ёдовар шуд, ки дар санъати юнонӣ ҳамагӣ ду намуди тасвир буд – классикӣ ва махсус, аз ҳамин сабаб тафсирҳои муосир набояд аз ин доираҳо берун бароянд; ба ғайр аз ин рассомон умуман ба модели тасвирашон нафрат надоштанд, бо рағбат дилхоҳ сифатҳои хосро тасвир мекарданд, ҳатто дар модели бадшакл ҳам, як зебоӣ меёфтанд. «Пирамард» ягон хел бадбиниро бедор намекунад. Нофаҳмост, ки барои чӣ рӯйи дилнишини паҳлавон, ки аз рӯи ҳавсала лисиппӣ аст ва ба қиёфаи Геракл шабоҳат дорад, ба П. Бернар маъқул нашудааст.

Дар ҷойи дигар П. Бернар тасвири пурраи ин пайкараро овардааст: «Ба мо муяссар шуд, ки ҳангоми мавсими дуюм (соли 1966. - И. П.) аввалин пайкараи сангин – гермаро, бо нимпайкараи пирамарди ришдори тоҷбарсар кашф кунем». «Аз боронӣ, ки дасти рости ӯро печонида ва дар оринҷаш қат карда шудааст, дасти чапаш ба берун баромада меистад, ки ашёи филизии ба чашм нопадидро фишурдааст. Кист ин қаҳрамони наздикбин ва ба синну соли соҳибэҳтиромӣ расида? Сари азими ӯ бо ягона чини пешонӣ, рухсораҳои каме чиндор, ба ҷойи мӯйрехтаи чакка нигоҳ накарда мӯйҳои марғула, кӯтоҳ, ғафс ва риши калони ҷингила дорад. Оё ин чеҳранигораи коҳин аст, ё ҳоким, ё ягон шоҳаке? Ҳеҷ имкони ҳалли ин масъала вуҷуд надорад, аммо муҳим он аст, ки ба шарофати ҳамин намуна ва услуби тасвир мо гуфта метавонем, ки ин ҳайкалча, бешубҳа юнонист».

Пайкараи якум П. Бернарро ба хулосае меорад, ки маҳорати устодони юнонӣ дар Бохтар зуҳуроти ҷудогона

набуд, он танҳо як шохаи умумии пайкарсозӣ ба шумор мерафт. Дар асоси таҳлили «ҳақиқатнигории портрет» ва типологияи шакли сутуннамо пайкараро метавон ба асри III то милод нисбат дод.

### 3.2.7.Бозёфтҳои гуногун дар Ойхонум

Пайкараи азими Ойхонумро, ки аз сангу гил сохта шудааст, тасвирҳои баландсифат ва оддии ҳайкалчаҳо комил мекунанд. Аз ин сабаб лозим аст, ки дар ин маврид оид ба тасвирҳо ва ёдгориҳои Ойхонум дар нашрҳои гуногун мухтасар арзи андеша кунем.

### 3.2.9.Пайкараи биринҷии Геракл

Геракли дар дасти чапаш гурзро доштаистода ва хоҳишманди бо дасти рост ба сар гузоштани гулчанбар зимни ҳафриёти самти шимолии шаҳристон пайдо гардид. Тасвири он (шояд герма)-ро навиштаҷоти гимназия комил карда, имкон медиҳад ин ҳайкалчаи қаҳрамони ақидавиро ба намунаи боэътимоди тасвирнигорӣ дохил кунем. Ҳайкалча, тавре ки П. Бернар дуруст қайд мекунад, намунаи ҳунари музофотист. Вай ба услуби бохтарӣ, Геракли ҷавонро тасвир мекунад. Хусусиятҳои Геракл дар Бохтар машҳур буданд, ин аз рӯи тангаҳои Деметрии I ба мушоҳида мерасад, ки дар натиҷа аз тарафи шоҳони баъдии ҳинду-юнонӣ Лисия ва Теофил сохта шуда буданд. П. Бернар маҷмӯан ин тасвирро ҳамчун бурҳони қотеъ оид ба шуҳрат ва парастиши густурдаи Геракл дар Осиёи Марказӣ ва дар тамоми Шарқи эллинишуда баҳо медиҳад.

### 3.2.9.Пайкараҳо бо усули рехтагарӣ

Як қатор ашёи мухтасар қайд кардаи П. Бернарро, ки омодаи нашр ҳастанд, мо тасвир намекунем. Ба ин қатор ҳайкалчаи оҳаксангӣ, ки дар худи ҳамон ҳафриёти шимолӣ (наздикии гимназия) ёфт гардид, дохил мешавад. Пайкара бешубҳа барбарист ва сайёҳи кӯлоҳпӯшеро, ки либоси дарозаш пойҳои ӯро мепӯшонад, тасвир мекунад.

Дар наздикии он ҳайкалчаи оҳаксангии дигаре ёфт гардид, ки бесар буда, дар даврони қадим шикастааст. Ин ҳайкалчаи занест, ки ба сутунча такя карда истодааст. Сарфи назар аз либоси ашрофияш, ки тақаллубӣ ба назар мерасад, содда, дурушт ва музофотӣ аст. Қабояш дар таги синааш баста шуда, ҳошия гирифта шудааст. Чинҳои абояш аз пушт мегузаранд ва бо дасти чапи қаткардааш онҳоро медорад. Дар ин ҳайкалча, тавре П. Бернар аниқ қайд кардааст, анъанаи юнонӣ бо такрори заифи шакл ва нусхаи сатҳӣ рафтааст. Сутунча, ки барои асос сохта шудааст, нақши худро дар мувозинат набозидааст – оринҷи зан дар ҳаво муаллақ аст ва умуман ба сутунча такя намекунад. Сарфи назар аз ин, ки ҳайкалча маъмулӣ сохта шудааст, на танҳо бо шакли худ, балки бо ҷобаҷо шудани озодонааш дар фазо ба асарҳои эллинӣ дохил мешавад.

### 3.2.10.Лӯхтакҳо бо дастони овезон

Санъати тасвирии маҳаллӣ дар шакли нисбатан равшан ҳайкалчаҳои занони урёнро, ки аз устухони фил сохта шудаанд, пешниҳод мекунад. Лӯхтакҳо «дар ҳолати ибодат», бо дастони овезони бо ресмон басташуда тасвир ёфтаанд. Ба ақидаи П. Бернар дар симои онҳо эзади маҳаллии ҳосилот тасвир ёфтааст. «Ин бут бо андоми вазнин ва номатлуб» дар назари П. Бернар «даҳшатнок» менамояд. Парастиши илоҳаи урён –, бонуи баракат, ба

ақидаи П. Бернар дар Осиёи Марказӣ маъмул аст. Ин андешаро бозёфтҳои сершумори бостоншиносони шӯравӣ тасдиқ мекунад. Дар пайкараи дуюм низ П. Бернар ҳамон илоҳаро мебинад, ки бо аломати моҳтоб оро ёфтааст. Ин пайкараҳо дониши моро оид ба эътиқодоти маҳаллӣ, ки эҳтимол якҷоя ва дар омехтагӣ бо парастиши эзадони юнонӣ такомул меёфтанд, комил месозанд».

Ақидаи П. Бернарро оид ба маънии пайкараи занони урён ба доираи баҳс накашида, мехоҳам ақидаамро оид ба моҳияти онҳо баён кунам: магар инҳо лӯхтакҳои «театри хурд» нестанд, ки… дар олами антиқӣ барои театри лӯхтак сохта мешуданд? А.П. Франкфор низ ҳайкалчаи якумро «лӯхтак» номидааст.

### 3.2.11.Қолабакҳои рехташуда

Аспи даванда. Пайкара намунаи рехтагарии гаҷӣ аст. Пойҳои пешаш ба пеш партофта шудаанд. Асп ҷиҳози бошукӯҳ дорад: сулуғи лаҷом бо ҳалқаҳои s-монанд, лаҷом аз тасмаҳои чармӣ зиннатёфта, ба ҷойи зин пӯсти юз дар пӯшти асп партофта шудааст. Тасвири бошукӯҳи асп ва мушакҳои пурқуввати он ба П. Бернар тасвирии аспҳои дахмаи Искандарро ба хотир овардааст. «Услуби қолаби гаҷӣ ҳанӯз хеле классикист ва дар он то ҳол ягон чизе нест, ки аз романтизми маҳаллӣ дарак диҳад», — хулоса мебарорад П. Бернар. Аз рӯи ҳафриётҳои чиннигорӣ, таърихи онро метавон ба охири асри III то милод рабт дод.

Зани ҷингиламӯй. Қолаби сафолӣ ба бостоншиносони фаронсавӣ имконият дод, ки қолаби олисохти тасвири аҷиби нимпайкараи занро аз паҳлӯ бинанд. Тарҳи рӯйи вай дар нақши муқарнаси баланд тасвир ёфтааст (қисмати болои сар, ки баъдан тармим шудааст, вуҷуд надорад). Вай қабопӯш аст. Дар китфҳояш чинҳои абои дар сараш

партофта фаромада истодааст. Лӯхтаки қолабӣ сифатҳои олии нигораҳои муқарнаси юнониро дар Ойхонум ошкор кард, хусусан қабзаҳои мӯйяш хеле нозук ба назар мерасанд. П. Бернар оид ба хусусияти пайкара ба хулосаи аниқ наомад. Ӯ аниқ карда натавонист, ки ин илоҳа (Деметра, Тюхе) аст, ё чеҳранигораи малика?

### 3.2.12.Тасвири эзадон ва қаҳрамонон

Аз пайкараҳои эзадон ва қаҳрамонони олимпии ҷанги Троя, ки дар ҳайкалчаҳои Ойхонум ёфт гардиданд, П. Бернар тахмин мекунад, ки ин натиҷаи густариши силсилаи троягӣ ва боварҳои комили олимпии ҳамаи эзадони Бохтар дар Парфия ва Ҳиндустон аст.

П. Бернар баъди мушоҳидаи осори лавҳаи тасвири Афина ва Посейдон, шабеҳи онро дар аркаи 12, дар қадаҳ, дар саҳнаи «Муҳокимаи Парис» пайдо кард. Тасдиқи дар Ойхонум мавҷуд будани мавзӯи худоёни дувоздаҳгона ӯро водор кард, ки ба мавзӯи муқарнасоти ратлҳои Нисо бозгардад, ки ин мавзӯъҳо он ҷо бисёр тасвир мешаванд. Ба ақидаи П. Бернар тамоми далелҳо мавҷуданд, то бигӯем, ки ин сужет аз Бохтари эллинӣ паҳн шудааст, на аз Шарқи Наздики эллинӣ. Тасвирҳои дар ратл бударо П. Бернар бевосита ба парастиши ҳокимон ва ҳокимани хурд алоқаманд мекунад. Ба ақидаи ӯ наққошоне, ки тасвири эзадонро барои шоҳи парфиянии Нисо офаридаанд, ба эзадон аз тариқи миёнаравон ҳамду сано гуфтаанд.

Аякс ва Кассандра. Дар тасвири рӯи нишон ҷанговар аз мӯйҳои зан кашида истодааст, ки ӯ бо синаҳои бараҳна ба зону зада, бараҳнагии худро бо матои дарозе пӯшонидан мехоҳад. П. Бернар дар ин саҳна таҷовузи Кассандраро аз ҷониби Аякс мебинад. Ба ақидаи муаллиф ин нишон тасдиқ мекунад, ки манзараҳои давраи троягӣ дар

юнониҳои Осиёи Марказӣ аз асри III то милод вуҷуд доштаанд.

### 3.2.13.Саҳнаи мавлуди Кибела дар рӯи лаълии нуқрагин

Лаълии зарандуди нуқрагин бо саҳнаи Кибела дар гардуна аввалин бор бо эзоҳи мухтасари П. Бернар нашр шуда буд. Шабоҳати Кибела, тавре ки П. Бернар гуфтааст, дар асоси тасвири гардунае, ки онро шерҳо мекашанд, силсилакӯҳҳое, ки аз онҳо мегузарад ва бандинаи сари олиҳа муқаррар карда шудааст. На дар олиҳа, на дар муҳити он ягон ишора оид ба омехтан бо худоёни Осиёи Марказӣ – Нана ва Аноҳито дида намешаванд.

А.П. Франкфор зимни нашри бозёфтҳои аз маъбади зинадор ёфтааш, дар таҳқиқи рисолавии худ ин лаълиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Кори ӯро намунавӣ ва мукаммал хондан мумкин аст. Лаълӣ дар бинои 2-юми паҳлӯии маъбад, дар таҳи фарши 1, бо тахтасанге пахш шуда, аз миёни ду кӯзаи калони зери замин гӯркардашуда ёфт гардид. Онро ҳамчун ашёи қиматбаҳо бо кадом сабаби номаълум пинҳон кардаанд. Шояд он ба ганҷинаи маъбад тааллуқ дошт ва ё аз тарафи бошандагони баъдии Ойхонум (баъди юнониҳо) оварда шудааст.

Андозаи лаълӣ 0,25 м, паҳнояш 0,1–0,2 мм мебошад. Лаълӣ дар пояи чӯбине қарор дошт, ки баъдан аз он канда шудааст. Лаълӣ зарандуда аст. Ҳанӯз Плиний аз нозукии ҳайратангези баргҳо гуфта буд, ки онҳоро тиллокорон бо услуби ғелондан ба даст меоварданд.

Дар тасвири нақши муқарнас Кибела кишварҳои кӯҳиро бо гардунае, ки ба он шерон баста шудаанд, мегузарад. Ӯро Ника ҳамроҳӣ кардааст, ки дар пеш рост истода шеронро идора мекард. Аз пушти гардуна коҳини

чатрбадаст меояд, ки бо он Кибеларо аз нурҳои сӯзони се ҷирми осмонӣ муҳофизат мекунад. Дар нишебии осмон аломатҳои Гелиос, моҳтоб ва ситораҳо тасвир ёфтаанд.

Сатҳи замин як манзараи уфуқии кӯҳистониест, ки аз чанд қабат суфакӯҳи ёладори гулпӯш иборат аст. Гардунаи баланд бо чархҳои калони ҳаштсиха муҷаҳҳаз шудааст. Ба он ду шер баста шудаанд, ки нимрухи онҳо комилан дида мешавад. Шоту, пашм, панҷаҳои шер, афзол ва пуштаҳои он ҳама зарандуданд.

Кибела рост истодааст. Сараш андаке ба тарафи рост гардонида шуда, дар сараш тоҷи дандонадор аст (Korona muralis). Аз болои қабо нимқабои кӯтоҳ пӯшидааст, ки бадани ӯро комилан мепӯшад. Дасти рости ӯ ба синааш наздик ва дар дасташ чизи мудаввареро доштааст. Дасти росташ баробари қадаш поён карда шуда, бо вуҷуд надоштани даф, ки хусусияти ҳатмии ӯст, айниятидиҳии ӯро комил месозад. Аз қиёси болҳое, ки якеаш аз нимрух дар пушти шонаҳо дида мешавад, маълум мегардад, ки қаҳрамони дигари дар лаълӣ тасвирёфта, ки нисбатан хурдҷусса аст, зан мебошад, ки пеш аз Кибела қарор дошта, фойтунро бо лаҷом ва қамчин идора мекунад. Ӯ Ника аст. Мӯйҳои ӯ ба боло шона карда шудаанд. Дар тани вай абоест, ки аз таги синааш ҳошия гирифта шудааст.

Аз пушти гардуна коҳине дар сараш каллапӯши махрутии лабгардон ва дар танаш куртаи домандарози остинкӯтоҳ, ки миёнаш бо тасма баста шудааст, меравад. Дар дасташ чатре ба шакли моҳи нав дорад. Пеш аз шерҳои гардуна ҷойи қурбонии панҷзинагӣ истодааст, ки дар он коҳини дигар ибодат мекунад. Вай дар зинаи сеюм истода, рӯйяш ба тарафи олиҳа гардонида шудааст. Коҳин нимрӯх тасвир ёфта, либосаш ба мисли коҳини якум аст. Ӯ

бо дасти чапи дарозкардааш хушбӯиеро дар зарфи кӯчаке оташ медиҳад, ки дар болои меҳроб ҷой дорад.

Чуноне гуфтем, дар осмон се тасвир аст. Якумаш аз тарафи чап – Гелиос ба шакли нимпайкараи ҷавон. Китфонаш бо боронӣ пӯшонида, бо тугмаи камарбанд ба китфи росташ гузаронида шудааст. Сараш бо ҳолаи иборат аз 13 нур иҳота шуда, рӯяш ба тарафи Кибела гардонида шудааст, рамзи моҳтоб ба шакли ҳилоли тиллоӣ намоён аст. Аз тарафи чапи вай Ситора бо 16 нури тез тасвир ёфтааст. Ин ҷирмҳои осмонӣ ғайр аз рӯи Гелиос ҳамааш зарандуданд.

А.П. Франкфор аз санъати шарқӣ асари машҳуреро, ки дар он се унсур (се ситора, саҳнаи қурбонӣ ва гардуна) дар якҷоягӣ бо шакли гардуна, кӯҳҳо, қурбонгоҳ, бухурдон ва либоси коҳинон тасвир ёфтааст, мисол меорад. Ба ақидаи муаллиф кӯлоҳҳои нӯгтез бо лабаҳои чапгардони кулоҳ, куртаҳои домандарози тасмадор бо остинҳои кӯтоҳ ошкоро моили услуби Сурияи шимолӣ ва водии Фуроти боло мебошанд. Барои тасдиқ мисолҳои сершуморе оварда мешавад.

Ҳангоми нашри ин бозёфт ақидаи А.П. Франкфор оид ба он, ки ин лаълӣ на танҳо намунаи ягона ва бемисл, балки қадимтарин нусха дар Шарқи дури Юнон аст, тасдиқ гардид. Вале акнун, баъди кашфи боз як чунин лаълӣ ва он ҳам қадимтар, ин даъво дигар асос надорад.. Фикр мекунем, агар А.П. Франкфор бо лаълии тахтисангинӣ, ки бемуболиға ба ойхонумӣ шабоҳат дорад, шинос мебуд, ба ин ақида розӣ мешуд. Ба ақидаи мо лаълии тахтисангинӣ назар ба лаълиии ойхонумӣ нисбатан қадимтар аст. Мо онро ба асри IV то милод нисбат додем, дар асоси санагузории бисёр дақиқ ва боэътимод лаълии ойхонумӣ ба нимаи аввали асри III то милод, ё ба давраҳои

«шоҳигарии яке аз ду селевкии аввал, вақте ки Бохтар як қисми мулки онҳоро ташкил медод», рост меояд.

Аҷиб аст, ки А.П. Франкфор аз омӯзиши тасвири лаълӣ ба чунин хулоса мерасад: бешубҳа алоқаҳои мадании Шом ва Осиёи Марказӣ дар ин давра вуҷуд доштанд.

### 3.2.14.Муҳр бо тасвири саг

Агар боз як ёдгории дигар, муҳр бо тасвирро, ки андозаи начандон калон дорад, дар madди назар гирем, чашмандоз ба пайкара ва ҳайкалчаҳои Ойхонум бо ҳамин хотима меёбад.

Ин муҳри дар маъбади дорои токчаҳои зинадор пайдошуда на танҳо ашёи қадимтарин ва мусаннади боэътимод аст, балки миёни кашфҳои ойхонумӣ муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Он далели пайдоиши санъати тасвирии олӣ дар Бохтар ба шумор меравад, ки ба давраи омадани лашкари Искандари Мақдунӣ рост меояд. Ин бозёфт барои аниқ кардани замони таъсиси шаҳри Ойхонум хеле муҳим аст.

Муҳр аз квартси сафед ба андозаи тухми кабутар сохта шуда буд (3,2х2,7 см). Дар он тасвири саги истода кандакорӣ шудааст. Ҳаккок кашишхӯрии тамоми мушакҳои онро моҳирона тасвир кардааст. Муҳри дигаре, ки бо ҳамин усулу услуб омода гардидааст, аз тарафи А. Фуртвенглер ба давраи маҳорати олии ионӣ нисбат дода мешавад, ки бевосита пеш аз даврони Искандар аст. Ҳар ду муҳр, ба ақидаи П. Бернар, шабоҳати ҳайратангез доранд. Л.П. Франкфор айнияти муҳри ойхонумиро дар Анатолия – дар силиндри кварсии Ганҷинаи Омӯ, тасвирҳои ҳаккокишудаи ангуштаринҳои заррини Ганҷинаи Омӯ ва дигар маҳсулоти Ҳиндустони шимолу шарқӣ ва Афғонистон дарёфт кардааст.

Ҳамин тариқ, ин пайкараи хурд ба таърихи нисбатан боэътимоди он далолат мекунад, ки ташкили Ойхонумро дар давраи истиқомати Искандари Мақдунӣ дар Бохтар асоснок мекунад. Мутаассифона, чунин ёдгориҳо-далелҳои шайъии эътимодбахш дар Ойхонум кам ёфт шудаанд. Тавре таҳқиқоти П. Бернар ва А.П. Франкфор нишон доданд, дар Ойхонум то ҳол танҳо асарҳои санъати мактаби ҳайкалтарошии юнонӣ ёфт гардидаанд. Дар баробари ин, онҳо асосан ҳамчун санъати бошукуҳ – ҳайкалтарошии бузурги сангин, гилин, рехтагарӣ ба намоиш гузошта шудаанд. Қариб мавҷуд набудани мактаби маҳаллӣ дар Ойхонум ва инчунин ашёи санъати хурдҷусса, махсусан маснуоти оҷӣ, тавре муқоисаи бозёфтҳои Тахти Сангин нишон медиҳанд, ғайриинтизорист.

Танҳо азназаргузаронии ду шаҳристони ёфтшуда, дар маҷмӯъ тассавуроти нисбатан комил доир ба маданияти Бохтар медиҳад. Дар баробари ин, ба назар гирифтан лозим аст, ки мо ҳанӯз бо аввалин кӯшишҳо, оғози таҳқиқоти нопурра сару кор дорем, ки аз падидаи бузурги ҳунарӣ шаҳодат медиҳанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили аввалин нишон дод, ки тарзи тайёр кардани пайкараи гилин, ки танҳо дар Тахти Сангин ва Ойхонуми давраи эллинӣ ба қайд гирифта шудааст, ба техникаи мактабҳои баъдинаи ҳинду-юнонӣ ва кушонӣ бевосита таъсир расонидааст.

Гуфтаҳои шифоҳии П. Бернар, Ф. Грен ва дигар ҳамкорони фаронсавӣ дар бобати он ки қисми зиёди асарҳои санъати Бохтари эллинӣ дар Тахти Сангин ёфт шудаанд, то ҷое муболиға аст. Ин таассурот бо сабаби нуқсони маълумот ва вуҷуд надоштани таҳқиқоти маҷмӯии маданияти Ойхонум ба вуҷуд омадааст.

Интишороти хулосавӣ оид ба санъати Ойхонум мавқуф гузошта мешавад. Дар баробари ин, ашёи маданияти моддӣ мукаммал интишор мешаванд. Ҳамчунин нашри тамоми бозёфти маъбади дорои тоқчаҳои зинадор, хусусан осори санъати он, ба ғайр аз лавҳаи тасвири саҳнаи мавлуди Кибела вуҷуд надоранд.

Хулосаҳои П. Бернар ва Л.П. Франкфор оид ба алоқаи пайваста ва бешубҳаи Бохтари даврони Селевкиён бо Осиёи Хурд (васеътар – бо тамоми манотиқи Баҳри Миёназамин), Шоми селевкӣ ва Мисри птолемейӣ, комилан ба ақидаи мо ва Б. А. Литвинский рост меояд, ки якчанд маротиба дар нашри мақолаҳо оид ба санъати Тахти Сангин гуфта будем. Хулосаҳои мо тавассути бозёфтҳои Ойхонум – сарчашмаҳои хаттии гуногуни боэътимод ва ёдгориҳои аниқу мероси ахборотию антиқӣ боз ҳам дақиқтар мегарданд.[6]

[6] Сарчашма: Пичикян И.Р. Культура Бактрии. Очерки. – М.: «Наука», 1991. – С. 138–261. **Тарҷумаи Ҳусайнова Сафаргул**, сармутахассиси Маркази «Тоҷикшиносӣ»-и Китобхонаи миллии Тоҷикистон.

# IV. АКСҲО



Тахти Сангин дар мавзеи якҷошавии дарёҳои Панҷ (аз боло) ва Вахш (аз чап)



Хазинаи Омӯ (№1). Ҳайкалчаи муғ ё ҳокими барсамбадаст



Ҳамадон. Ҳайкалчаи бириҷии ҳоким



Хазинаи Омӯ (№48). Лавҳаи ёдгории тиллоӣ бо тасвири муғ ё ҳокими барсамбадаст



Даскилея (Осиёи хурд). Коҳинони барсамбадаст дар назди меҳроби муқаддас (мармар)



Хазинаи Омӯ (№ 105). Ангуштарин бо навиштаҷоти хотиравӣ: «Барои Вахш» (тилло)



Хазинаи Омӯ (№116). Бозубанд бо шери болдор (тиллои бо лоҷвард ороёфта)



Тахти Сангин. Маъбади Омӯ. Лавҳаи ёдгории тиллоӣ



Маъбади Омӯ. Лавҳаи ёдгорӣ бо тасвири марди шутурдор (тилло)

1



2



**1. Маъбади Омӯ. Қисмати асо ё чӯбдаст бо тасвири саҳнаи овардани зарфҳо (шох)**
**2. Маъбади Омӯ. Ғилофи акинак бо тасвири шери оҳубадаст (устухони фил)**



3

**3. Маъбади Омӯ. Лавҳа бо тасвири юзҳои муқобили якдигар нишаста (биринҷии зарандуд)**



Маъбади Омӯ. Қисмати хотимавии ритон бо тасвири шер (устухони фил)



Маъбади Омӯ. Дастаи шамшер, бо тасвири грифони хотамкоришуда (устухони фил)



Маъбади Омӯ. Қисматҳо бо тасвири шери дар аробаи дучарха басташуда (нуқраи зарнандуд)



Маъбади Омӯ. Дастаи ханҷарҳои ҳахоманишӣ (устухони фил)



Маъбади Ому. Лавҳаҳо бо нақшҳои эллинӣ (тилло)



Маъбади Омӯ. Намои шарқӣ (расми Д.И. Ковалев)



Маъбади Омӯ. Даромадгоҳи шарқии толори



**Маъбади Омӯ.**
**Болини сутуни ионӣ (оҳаксанг)**



**Маъбади Омӯ. Матни назри Атроск ба худои Окс якҷоя бо Силен Марсийи болои меҳроб (оҳаксанг, биринҷӣ)**



**Худои Омӯ – Силен Марсий, навозандаи найи дуқуша (биринҷӣ)**



Маъбади Омӯ. Дастаи ханҷар бо тасвири дутарафа – набарди Геракл бо Ахелой (устухони фил)



Маъбади Омӯ. Гиппокомпесса – паримоҳӣ (устухони фил)





**Маъбади Омӯ. Гиппокомпесса – паримоҳӣ (устухони фил)**



**Маъбади Омӯ. Искандари Мақдунӣ бо каллапӯш аз пӯсти шер (устухони фил)**



Сидан. Искандар бо каллапӯш аз пӯсти шер дар нақши муқарнаси дахма (мармар)





Маъбади Омӯ. Сари шоҳи солхӯрда бо диадема (нақши ранга)



Маъбади Омӯ. Сари коҳин бо каллапӯш-кирбасии сафед (нақши ранга)



Маъбади Омӯ. Сари мубад, печида дар бошлиқ (гил, нақши ранга)



Маъбади Омӯ. Сагак бо тасвири юзҳои даврзананда (тилло ва фирӯза)



Маъбади Омӯ. Қисмати тасвири саҳнаи шикори шоҳ (устухони фил)





**Ойхонум. Бошаи сутуни псевдокоринфӣ (оҳаксанг)**







Ойхонум. Мақбара. Бошаи сутуни ионӣ (оҳаксанг)



Ойхонум. Маъбад бо тоқчаҳои зинадор (намуд аз самти шарқ)



Ойхонум. Мақбара. Бошаи сутуни ионӣ (оҳаксанг)



Ойхонум. Маъбад бо тоқчаҳои зинадор (намуд аз самти шарқ)



Ойхонум. Муҷассамаи нотамоми паҳлавони гулчанбарбасар (оҳаксанг)



Ойхонум. Пойи Зевс (?) (мармар)



**Ойхонум. Сари муҷассама (гили хом)**



**Ойхонум. Нақши муқарнас бо тасвири ҷанговар.**

1



2



3



**1. Ойхонум. Сари варзишгари солманди аз таҳсутун ҷудошуда (оҳаксанг)**
**2. Ойхонум. Герма (оҳаксанг)**
**3. Ойхонум. Фаввора бо обреза дар шакли сари Силен – Ахелой (оҳаксанг)**



**Ойхонум. Ҳайкалчаи биринҷии Геракл**



Ойхонум. Лаълии нуқрагини зарандуд бо тасвири ҷашни мавлуди Кибела



Ойхонум. Муҳр бо тасвири саг (ақиқ)



**Ойхонум. Ёдгории Клеарх ва ҳикматҳои делфии рўйи лавҳа (оҳаксанг)**



**Ойхонум. Лавҳаи ёдгорӣ бахшида ба Гермес ва Геракл (оҳаксанг)**

# МУНАДРИҶА

Дебоча ........................................................................................ 3
**Эмомалӣ Раҳмон**. I. **РӮҲИ ҶОВИДОНАИ БОХТАР ВА ВАХШИ ҲАЁТБАХШ** ........................................................................ 9
**Игор Пичикян**. **II. КАШФИ МАЪБАДИ ОМӮ ДАР ТАХТИ САНГИН**.................................................................. 31
2.1. Таърихи Тахти Сангин.............................................. 31
2.1.2. Таърихи кашфи маъбади Омӯ ................................... 38
2.1.3. Сохтори маъбади Омӯ дар муқоиса бо дигар осори меъморӣ ........................................................................ 41
2.1.4. Сохтори маъбади Омӯ. Тарҳҳои меъморӣ ...................... 46
2.1.5. Вазифаи асосии биноҳо .............................................. 49
2.1.6. Дар матни муқоисаҳои меъморӣ ................................... 51
2.1.7. Оташгоҳҳо – ҷузъи зарурии маъбадҳои оташ.................. 55
**2.2. ҲУНАРИ ЭЛЛИНИИ МАЪБАДИ ОМӮ**........................ 59
2.2.1. Муҳтавои мавзӯъ.......................................................... 59
2.2.2. Тасвири эзади дарёи Омӯ – Вахш ................................. 62
2.2.3. Набарди Ахелой бо Геракл............................................ 73
2.2.4. Гиппокампесса ............................................................. 76
2.2.5. Пайкара аз гили маҳаллӣ .............................................. 78
**III. ШАҲРИ ЮНОНИИ ОЙХОНУМ.**
3.1. **ЁДГОРИҲОИ МЕЪМОРӢ**.............................................. 81
3.1.1. Аҳамияти ҳафриёт........................................................ 81
3.1.2. Таърихи кашфи Ойхонум ва ҷуғрофиёи таърихӣ............... 82
3.1.3. Ойхонум. Шаҳрсозӣ ва меъморӣ..................................... 86
3.1.4. Гузаргоҳи кӯчаи марказӣ .............................................. 89
3.1.5. Қаср ........................................................................... 98
3.1.6. Даромадгоҳи қаср ........................................................ 99
3. 1.7. Миёнсарои гаҷкории №2 ............................................102
3. 1.8. Хазина.......................................................................104
3. 1.9. Китобхона...................................................................108
3. 1.10. Гимназия...................................................................109

3. 1.11. Фаввора ........................................................................111
3. 1.12. Театр ............................................................................113
3.1.13. Бинои ҷамъиятии канори хиёбони марказӣ .......................116
3. 1.14. Анбори аслиҳа...............................................................119
3. 1.15. Мақбараи Ойхонум ........................................................121
3. 1.16. Мақбараи бо сутун иҳоташуда ........................................121
3. 1.17. Мақбараи Киней ............................................................127
3. 1.18. Мақбараи пушти деворҳои шаҳр.....................................129
3. 1.19. Маъбадҳои дорои тоқчаҳои зинадор ................................131
**3. 2. САНЪАТИ ОЙХОНУМ** ..........................................................137
3.2.1. Ҳайкалтарошӣ ......................................................................137
3.2.2. Пойи Зевс ............................................................................139
3.2.3. Варзишгари бо гулчанбар сарфарозшуда ..........................140
3.2.4. Пайкараҳои гилин ...............................................................143
3.2.5. Нақши муқарнаси сангин бо тасвири эфеб ........................145
3.2.6. Герма бо пайкараи ҷанговари ришдор ...............................147
3.2.7. Бозёфтҳои гуногун дар Ойхонум .......................................149
3.2.8. Пайкараи бириниҷии Геракл ...............................................149
3.2.9. Пайкараҳо бо усули рехтагарӣ ...........................................150
3.2.10. Лӯхтакҳо бо дастони овезон ..............................................150
3.2.11. Қолабакҳои рехташуда .......................................................151
3.2.12. Тасвири эзадон ва қаҳрамонон...........................................152
3.2.13. Саҳнаи мавлуди Кибела дар рӯи лаълии нуқрагин ...........153
3.2.14. Муҳр бо тасвири саг ..........................................................156
**IV. АКСҲО** ...........................................................................159

*Ба матбаа супорида шуд 29.08.2023*
*Барои нашр имзо шуд 30.08.2023*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 11. Андоза 60x84$^{1}/_{16}$.*
*Адади нашр 200 нусха. Супориши №109.*

МН «Дониш»

*Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ*
*ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.*